**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

*УДК* **338.46** *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САФАРОВ ҶОВИДОН АЗИЗМАДОВИЧ**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

**Роҳбари илмӣ:**

**н.и.и., дотсент Қурбонов А.Р.**

**Душанбе-2023**

**МУНДАРИҶА** *Саҳ.*


| | | |
|---|---|---|
| **МУҚАДДИМА**............................................................................... | | 3 |
| **БОБИ I.** | **АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ**.......................... | 16 |
| 1.1. | Фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши он дар рушди устувори иқтисодиёти миллӣ..................................... | 16 |
| 1.2. | Асосҳои институтсионалии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ..................................................................... | 31 |
| 1.3. | Масоил ва омилҳои соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир............................................................ | 49 |
| **БОБИ II.** | **ВАЗЪИ МУОСИР ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..** | 66 |
| 2.1. | Таҳлили ҳолат ва рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ..................................................................... | 66 |
| 2.2. | Таҳлили таъсири омилҳо ба рушди соҳибкории инфиродӣ..................................................................... | 84 |
| 2.3. | Истифодаи таҷрибаи хориҷии соҳибкории инфиродӣ дар ҷумҳурӣ................................................................. | 95 |
| **БОБИ III.** | **САМТҲОИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..** | 109 |
| 3.1. | Самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...... | 109 |
| 3.2. | Такмили низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир.................................................... | 125 |
| 3.3. | Рақамикунонии ҷараёни фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва роҳҳои такмили он................................. | 140 |
| **ХУЛОСА**....................................................................................... | | 152 |
| **РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**.................................................................... | | 156 |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ, падидаи нав - соҳибкории инфиродӣ ба вуҷуд омад, ки он некӯаҳволии аҳолиро боло бардошта, барои ғанӣ гаштани буҷети давлатӣ мусоидат менамояд.

Дар 30 - соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ташаккул ёфта, теъдоди зиёди аҳолии кишвар имрӯзҳо ба фаъолияти мазкур машғул буда, ба ин васила дар рушди иқтисодии мамлакат саҳми худро гузошта истодаанд. Вобаста ба рушди соҳа, ҳарчанд ки то ба ҷойе пешравӣ эҳсос шуда, заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст ва бояд стратегияи давлатии рушди соҳибкории инфиродӣ қабул карда шавад. Инчунин, дар ин масир ҷалби сармоя ҷиҳати рушди соҳибкории инфиродӣ дар соҳаҳои гуногун то андозае норасоӣ ба назар мерасад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд, ки “Беҳтар гардонидани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи мустақим барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мо ба ҳисоб меравад”[1].

Дар ҷаҳони муосир соҳибкорони инфиродӣ вобаста ба шароити доимо ивазшавандаи иқтисодӣ истифодаи муносибатҳои инноватсиониро ба роҳ монда, аз техникаю технологияҳои навтарин истифода мебаранд, ки ин раванди ногузир аст. Мутаассифона, бештари соҳибкорони ватанӣ фаъолияти худро такмил надода аз техникаю технологияи ҳозиразамон кам истифода бурда, ба самараноки фаъолияти худ диққати зарурӣ надода, бе истифода аз

---

1) Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26.01.2021, шаҳри Душанбе

нақшаҳои соҳибкорӣ фаъолият менамоянд. Инчунин, онҳо ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи касбияти худ беэътиборӣ зоҳир намуда, аз гузаштани курсҳои такмили ихтисос худдорӣ менамоянд.

Ҳамаи ин мушкилот, ки дар фаъолияти соҳибкории инфиродӣ имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, боиси ба таври ҷиддӣ омӯхтани масъалаҳои назариявӣ, гузаронидани таҳлилҳои амиқи ин фаъолият, баҳогузории ҳолати рушд ёфтани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мегардад, ки дар асоси истифодаи таҳқиқоти намояндагони мактабҳои илмии ватанию хориҷӣ сарчашмаҳои муътамаду эътирофгардида, асосноккунӣ ва коркарди самтҳои асосии такмилдиҳии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба миён меояд.

Мувофиқи таҳқиқоти илмии гузаронидашуда, рушду нумӯи соҳибкории инфиродӣ дар минтақаҳои мухталифи Ҷумҳурии Тоҷикистон якмаром набуда, дар баъзе аз минтақаҳои ҷумҳурӣ хуб ва дар баъзе минтақаҳои дурдаст нисбатан суст рушд ёфтааст.

Таҷрибаи мамлакатҳое, ки солҳои тулонӣ тибқи низоми иқтисоди бозорӣ фаъолият доранд, собит менамояд, ки соҳибкории инфиродӣ ё соҳибкории хурду миёна тавлидкунандаи қисми зиёди маҷмӯи маҳсулоти миллӣ маҳсуб шуда, аз дастгирии давлатӣ бархурдор мебошанд. Аз ин рӯ, истифодаи чунин таҷриба дар иқтисоди ҷумҳурӣ имрӯз амри зарурӣ аст.

Аҳамияти мавзуи таҳқиқот аз ташкили механизми рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ иборат буда ва истифодаи имкониятҳои афзоиш додани чунин фаъолият ҳадафи асосии таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Дар шароити муосир манзури муаллиф ин аст, ки фаъолияти соҳибкории инфиродӣ такмил дода шуда, диққати махсус ба ҳалли масъалаи сода гардонидани назорати фаъолияти он нигаронида шавад.

Дар баробари ин, бояд диққати махсус ба низоми андозбандии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дода шуда, қабули чораҳои муассир оид ба

додани имтиёзҳои андозӣ ба онҳо тақвият ёбад.

Ҳалли масъалаҳои матраҳшуда, дар баробари қабули консепсияи илман асоснокгаштаи рушду такомули соҳибкории инфиродӣ, бо содаю мукаммал гардонидани механизми сармоягузорӣ, қарзӣ, андозӣ ва захираҳои инсонӣ вобаста мебошад. Ҳамин тариқ, зарурати такмилдиҳии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ бо назардошти таҳаввулот ва дигаргуниҳо дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ вуҷуддошта, аз ҷумла корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти мазкур мубрамияти махсусро соҳиб мебошанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Паҳлуҳои илмии рисолаи диссертатсионӣ дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии олимон ва таҳқиқотгарони дохилию хориҷӣ дар бобати ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар асоси меъёр ва нишондиҳандаҳои мухталиф шакл ёфтаанд.

Дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии иқтисоди бозорӣ, соҳаи соҳибкорӣ, аз он ҷумла  соҳибкории инфиродӣ олимони машҳури хориҷӣ саҳми босазо гузоштаанд - Л.И. Абалкин, В. Автаномов, Н.В. Архангелский, Ф.И. Биншток, А.О. Блинов, А.В. Бусигин, В.В. Бризгалин, С. Брю, Ю.П. Василев, М. Гербер, В.В. Генералов, М. В.Грачева, Ҷ.К. Гэлбрейт, П.Ф. Друкер, Ю. Иванов, В.В. Илин, В.И.Илюхин, В.Ш. Каганов, Р. Кантилон, Э. Котляр, Ҷ.М. Кейнс, Р. Кембелл, А. Лаффер, М.Г. Лапуста, К. Макконнелл, А. Маршал, М.В. Мишустин, М. Оссоевская, В.П. Попков, А. Смит, Ж.Б. Сэй, Ф.А Хайек, А. Хоскинс, Й. Шумпетер ва ғайра.

Роҳҳои ташаккул ва ривоҷи соҳибкории инфиродӣ дар корҳои илмии иқтисодчиёни тоҷик, аз қабили  И. Аминов, Т.Б. Ғаниев, С.Ҷ. Комилов, Н.Қ. Қаюмов, А.Р. Қурбонов,  Х.Д. Мирзобеков, Т.Д. Низомова, Р.К. Раҳимов, А. Рауфӣ, Р.К. Раҷабов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, Қ.Қ. Толибов, Х.Р. Улуғхоҷаева, Ҳ.У. Умаров, Ҳ.Н. Фаҷеров, С. Ҳабибов, Г. Ҷурабоев, М.Ҷ. Ҷамшедов, Ф.Р.Шаропов ва дигаронро қайд кардан ҷоиз аст.

Бояд қайд кард, ки дар муайянкунии мушкилоти соҳибкории инфиродӣ олимони зиёди ватанӣ ва хориҷӣ саҳми арзанда гузоштаанд ва дараҷаи омӯхта шудани масъалаҳои рисолаи дисертатсиониро баҳогузорӣ намуда, хулоса менамоем, ки:

- муаллифони ватанӣ ба таври алоҳидагӣ дар бораи моҳияти соҳибкории инфиродӣ ба сифати яке аз намудҳои самараноки фаъолияти хоҷагидории муосири ҷумҳурӣ таҳқиқотҳои зиёд намуда, аз ҷониби онҳо бобати ташкили механизми самараноки соҳа дар мамлакат маълумоти кам ҷамъ оварда шудааст;
- дар адабиёти илмӣ-таҳқиқотии таҳлилшаванда корҳои илмӣ оид ба ҷараён ва қонуниятҳои ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкории инфиродии шахсони воқеӣ дар раванди ислоҳоти институтсионалӣ оварда нашудаанд;
- дар маҷмӯъ хислати диалективии соҳибкории инфиродии шахсони воқеӣ, мушкилоти ташаккулёбии он, афзалиятҳо ва норасоиҳои соҳибкории инфиродӣ дар коркарди сиёсати давлатии танзими соҳибкории инфиродии шахсони воқеӣ ба назар гирифта нашудаанд;
- дар шароити муосир ба таври амалӣ ояндабинӣ ва дурнамои роҳҳои танзими соҳибкории инфиродии шахсони воқеӣ ва рушди дастгирии давлатии он пурра таҳқиқ нагардидааст.

Назарияи рушду такомул, таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати соҳибкории инфиродӣ дар асоси таъсири омилҳо ва шароити муҳити беруна ва дохила ба таҳқиқоти илмӣ ниёз доранд, ки онҳо ба сатҳ ва самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, асоснок намудани стратегияҳо ва механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва танзими соҳибкории инфиродии шахсони воқеӣ дорои аҳамияти амалӣва назариявӣ аст.

Ҳарчанд ба масъалаи омӯзиши масъалаҳои соҳибкории инфиродии шахсони воқеӣ аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ диққати ҷиддӣ зоҳир шуда бошад ҳам, ин масъала аз диди шароити муосир ба таври пурра мавриди

омӯзиш қарор наёфтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ.**

Мӯҳтавои кори илмии анҷомдодашуда бо барномаҳои давлатии рушди соҳибкорӣ, аз он ҷумла ҳадафҳои “Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” мутобиқ мебошад.

Ҳамчунин мавзуи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз рӯйи мавзуи “Таҳияи самтҳои асосии стратегияи рушди савдои дохилӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе барои солҳои 2021-2030 (РБ 0121TJ1206), ки дар Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади диссертатсия аз асосноккунии назариявӣ ва таҳлили механизми такмилдиҳии соҳибкории инфиродӣ бо дарназардошти мукаммал гардонидани самтҳои ташкилию сохторӣ ва институтсионалӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мувофиқи мақсади дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда, дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-методӣ ва хусусиятҳои хоси рушди соҳибкории инфиродӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ;
- таҳқиқи асосҳои институтсионалии рушди соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир;
- таҳлили вазъи муосири соҳибкории инфиродӣ ва омилҳои инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар самти дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва истифодаи паҳлуҳои муносиби он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- асосноккунии самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди соҳибкории инфиродӣ ва роҳҳои такмили андозбандии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- омӯзиши ҷараёни рақамикунонии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва роҳҳои такмили он Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот - фаъолияти** соҳибкории субъектҳои соҳибкории инфиродӣ интихобгардидааст.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар ҷараёни робитаҳои мутақобилаи соҳибкорони инфиродӣ бо субъектҳои мухталифи хоҷагидорӣ, молиявӣ-қарзӣ, аз он ҷумла бо мақомоти гуногуни давлатӣ бо мақсади такмил ва ташкили иқтисоди мукаммали рушдёфта, маҳсуб меёбад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба тасаввурот оид ба ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ асос меёбад. Маҳз амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои зарурӣ оид ба ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ, дар қатори дигар омилҳо, метавонад ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории инфиродӣ мусоидат намояд.

**Асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсиониро** корҳои таҳқиқотии мукаммал ва бунёдӣ вобаста ба илми назарияи иқтисодии ба назарияи муосири рушди соҳибкорӣ вобастабуда, таҳқиқотҳои монографию диссертатсионӣ, нашри илмии олимони дохилию хориҷии ба таҳқиқи масъалаҳои соҳибкории инфиродӣ машғулбуда, таъминоти сармоягузории соҳа ва ташкилу такмили инфрасохтори он ташкил намуда, инчунин маводҳо ва тавсияҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ, барнома ва стратегияҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, қарорҳои Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи рушди соҳибкории инфиродӣ ва дар маҷмӯъ, таъмини рушди иқтисодии мамлакат, ташкил медиҳанд.

Ҳангоми таҳқиқоти илмӣ дар мавзуи мазкур, аз ҷониби муаллиф услубҳои таҳаввулотӣ-таърихӣ, институтсионалӣ, усулҳои умумиилмии диаллективӣ-мантиқии таҳлил ва синтез, муқоисанамоӣ, таҳлили коррелятсионӣ, амсилабандии иқтисодӣ-математикӣ, қаторҳои динамикӣ, баҳодиҳии муқоисавӣ, инчунин усулҳои гузаронидани пурсишномаҳо, анкетакунонӣ, гузаронидани таҳлил ва гурӯҳбандии натиҷаҳои он истифода гардидаанд.

**Заминаи иттилоотии таҳқиқотро** маълумотҳои оморӣ, ки ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва рушди он дар ҷумҳурӣ вобаста мебошанд, ташкил медиҳанд, ки дар маҷмуаҳои оморӣ ва ҳисоботи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таҳқиқотҳои стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ, маълумотҳо аз сомонаҳои интернетӣ оварда шудаанд. Инчунин, маводҳои ҷамънамудаи муаллиф иттилоот оид ба сохторҳои тадқиқшавандаи соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ва манба мебошад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти илмӣ тайи солҳои 2016-2022 дар кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон амалӣ карда шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз асосноккунии назариявии усулҳо ва роҳҳои асосии такмили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва коркарду пешниҳоди тавсияҳо доир ба рушди он дар мамлакат иборат аст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва навоварии илмии он иборат аст аз:

- асосҳои назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар асоси нуқтаи назари мухталифи муаллифони

ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, моҳияти соҳибкории инфиродӣ бо назардошти талаботи шароити муосир муайян карда шуда, таърифи муаллиф доир ба “соҳибкории инфиродӣ” пешниҳод гардида, гурӯҳбандии чунин фаъолият пешниҳод карда шудааст;

- хусусиятҳо ва асосҳои институтсионалии рушди соҳибкории инфиродӣ бо назардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ва доштани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии чунин фаъолият мавриди омӯзиш қарор дода шудааст ва ҳамзамон қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ” –ро зарур арзёбӣ менамоем, ки он метавонад муносибатҳои ҳуқуқиро дар ин самт танзим намояд;

- тамоюли рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ва шаклҳои фаъолият таҳлил карда шуда, модели баҳои самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва пешниҳод карда шудааст, ки он афзоиши теъдоди соҳибкорони инфиродӣ, зиёд гаштани саҳми соҳибкорони инфиродӣ дар ММД ва даромади буҷети давлатиро пешбинӣ менамояд;

- таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи дунё дар самти фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки дар истифодаи шаклҳои инноватсионӣ асос ёфта, муносибатҳои бақайдгирӣ, андозсупорӣ ва назорати он, гирифтани иҷозатномаҳо ба тариқи содашуда ва электронӣ ба роҳ монда шудаанд, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуда, барои истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои муфид пешниҳод карда шудаанд;

- самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст: ташкили муҳити солими иқтисодӣ барои соҳибкорони инфиродӣ ва тақвият додани соҳибкории истеҳсолӣ, муаммалгардонии заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳибкории инфиродӣ; тақвияти дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ;

ташкили фаъолияти дурусти маркетингӣ; дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок; такмили низоми андозбандии соҳибкорони инфиродӣ; баланд бардоштани дараҷаи тахассусии соҳибкорони инфиродӣ; рушди соҳибкорони инфиродӣ аз рӯйи ҷойгиршавии минтақавӣ; ворид намудани инноватсия дар фаъолият ва истифода аз навигониҳои ҷаҳони муосир дар самти ба роҳ мондани шаклҳои инноватсионии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ.

- ҷараёни рақамикунонии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки имрӯз яке аз масъалаҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мамлакат маҳсуб меёбад, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуда, муайян карда шуд, ки гузариш ба муносибатҳои мазкур манфиатҳои зиёдро дорост: аз ҷумла: ҷараёни бақайдгирии соҳибкорон ва супоридани ҳисоботи андозӣ ба тариқи электронӣ амалӣ карда шуда, монеаҳои бюрократӣ аз байн меравaнд; пешниҳоди мол, кор ва хизматрасонӣ ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шуда, арзиши аслӣ кам гашта, амалиёт осон мегардад. Инчунин, муайян карда шудааст, ки автоматикунонии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва пурра гузаштан ба шаклҳои электронии фаъолияти мазкур, хавфҳои руйпӯш намудани даромадҳо ва кам супоридани андозҳоро коҳиш медиҳад.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

-ташаккули асосҳои илмию назариявии мафҳуми соҳибкории инфиродӣ ва аниқ намудани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии он;

-муайян ва асоснок намудани ҳадафҳои асосии соҳибкории инфиродӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт;

- таҳлил ва такмили асосҳои институтсионалии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир;

-арзёбии вазъи муосири соҳибкории инфиродӣ дар асоси нишондиҳандаҳои миқдорию сифатӣ ва таҳияи модели илман асонокшуда;

- омӯхтани таҷрибаи хориҷии ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва

истифодаи судманди он  дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- асоснок намудани самтҳои стратегии такмили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва механизми рушди он.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Татбиқ ва тасдиқи ҷанбаҳои методӣ ва тавсияҳои коркардшуда имконият медиҳанд, ки маҷмуи чорабиниҳои самаранок вобаста ба дастгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ дар сатҳҳои гуногуни минтақавӣ аз рӯйи самтҳои иқтисодӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ корбаст шаванд.

Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми такмилдиҳии қонунгузорӣ дар самти рушди соҳибкории инфиродӣ, ташкили инфрасохтори ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ бо тақвияти маблағгузорӣ ва молиякунонии чунин фаъолият, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишии сайёр баҳри такмили малакаи соҳибкорони инфиродӣ, коркарди стратегияи рушди устувори соҳибкории инфиродӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ метавонанд истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи диссертатсионӣ аз рӯйи Шаҳодатномаи рӯйхати ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (08.00.06.06 – Иқтисоди соҳибкорӣ)  мутобиқ буда, ба фаслҳои зерини он мувофиқ аст: 1. Инкишофи назария ва методологияи соҳибкорӣ; 6. Ташаккул ва инкишофи шаклҳои гуногун соҳибкорӣ: ташкилию ҳуқуқӣ; аз рӯи миқёс фаъолияти соҳибкорӣ; 8. Танзими давлатӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 15.Ташаккул ва рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ; 16.Ҳавасмандгардонии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ; 24. Соҳибкории инфиродӣ ва таъмини рушди он.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораи амволи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

Маводҳои таҳқиқот дар раванди таълими фанҳои “Асосҳои соҳибкорӣ”, “Бизнес – нақшагирӣ”, “Иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории хурд” ва “Андозбандии соҳибкории инфиродӣ” дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аснои хондани лексия ва маърӯзаҳо истифода гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** мувофиқат кардани натиҷаҳои бадастомада бо ақидаҳои назариявии классикӣ ва назарияҳои муосир дар бахши ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар мамлакат муайян карда мешавад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар таҳияи барномаҳои рушди соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ санҷида шуда, қисман мавриди истифода қарор дода шуданд ва дар муассисаҳои илмӣ – таълимӣ мавриди истифода қарор дода шуда, тасдиқ шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Асосҳои соҳибкорӣ», «Иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории хурд», «Иқтисодиёти корхона», «Соҳибкории инноватсионӣ»ва ғайра татбиқ шудаанд. Муқаррароти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардиданд: Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ “Рушди иқтисодиёти инноватсионӣ дар Тоҷикистон ва Полша”, 21-22 июни 2018 с., ш. Душанбе; Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амали байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ “Масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ “VII –умин конференсияи илмию амалии байналмилалӣ” (ш. Душанбе . 2019”, 30 марти соли 2023.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар семинар, симпозиюм ва конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, ки дар солҳои 2018-2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 кори илмӣ бо ҳаҷми 4,41 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 3,4 ҷузъи чопӣ нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми кор.** Сохтори диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз сарсухан, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми кор аз 174 саҳифа, аз он ҷумла, 18 расм, 19 ҷадвал ва 12 диаграмма иборат аст. Рӯйхати библиографии диссертатсия 199 номгӯйро ташкил медиҳад.

**Натиҷаи таҳқиқот**. Чун анъана дар муқаддима, мубрамияти мавзуъ асоснок шуда, дараҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, ҷиҳатҳои назариявӣ, амалӣ ва методологии он, навгонии илмӣ, аҳамияти он муайян шудааст.

**Дар боби якум** – “Асосҳои назариявию методии таҳқиқи соҳибкории инфиродӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ” ҷанбаҳои назариявӣ – институтсионалии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар шароити муосир, масоил ва ҳадафҳои фаъолияти соҳибкорӣ баён гардидааст.

**Дар боби дуюм** – “Вазъи муосир ва рушди соҳибкории инфиродӣ  дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳлили ҳолат ва рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, баҳодиҳии муносибатҳои аҳолӣ ба раванди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва амсиласозии иқтисодию риёзии рушди соҳибкории инфиродӣ арзёбӣ ва натиҷагирӣ карда шуданд.

**Дар боби сеюм** – “Самтҳо ва дурнамои рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” самтҳои афзалиятноки стратегии рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, таҷрибаи хориҷии соҳибкории инфиродӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмили низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир муайян ва пешниҳод гардидааст.

**Дар хулоса ва пешниҳодҳо** натиҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст шудааст.

# БОБИ 1 АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

## 1.1. Фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши он дар рушди устувори иқтисодиёти миллӣ

Ташаккули соҳибкории муосир ва рушди он дар фазои иқтисодии ҷумҳурӣ муҳимтарин омили пешрафти иқтисодӣ ва ба даст овардани сатҳи муносиби зиндагии аҳолӣ мебошад.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: «...соҳибкорӣ фаъолияти ташаббускорона ва мустақилонаи шаҳрвандон мебошад, ки ба гирифтани фоида ё даромади шахсӣ нигаронида шудааст» [2]. Яъне тибқи муқаррароти мазкур ба фаъолияти соҳибкорӣ шаҳрвандон метавонанд бо таъсиси шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ машғул шаванд. Мақсади асосии фаъолияти соҳибкорӣ ин гирифтани фоида маҳсуб шуда, ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ низ бар дӯши онҳост.

Соҳибкории инфиродиро шахси воқеӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ намуда, соҳиби амвол маҳсуб мешавад. Қарору хулосаҳои худро соҳибкори инфиродӣ дар асоси таваккали худ бароварда, фаъолият менамояд.

Тибқи талаботи қонунгузорӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ, шахсони воқеӣ бақайдгирии давлатиро дар мақомоти андози маҳалли зисташон мегузаранд. Мувофиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибкорони инфиродӣ барои фаъолият патент ё шаҳодатнома вобаста ба баъзе хусусиятҳо муқаррар шудааст.

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инфиродӣ гузошта шуда, чун як механизми зинда такмили доимии худро талаб менамояд. Инчунин таҳаввули назарияҳои соҳибкорӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки он асрҳои аср вуҷуд дошта, олимону муҳаққиқони зиёд дар масъалаи мазкур таҳқиқоти илмӣ гузаронида бошанд ҳам, то ба ҳол мафҳуми ягонаи қабулшудаи соҳибкории инфиродӣ мавҷуд набуда, бо гузашти вақт ва тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ,

---

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии фаъолияти соҳибкорї» Душанбе - 2014.

мафҳумҳои нави он ногузир мегарданд.

Соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи худро дошта, аз қадимулайём дар шаклҳои истеҳсолӣ, косибӣ, кишоварзӣ, тиҷоратӣ ва дигар шаклҳо вуҷуд дошт. Аввалин соҳибкоронро, оҳангарон, косибон, кишоварзон ва тоҷирон ташкил менамуданд.

Худи бозор дар мамлакатҳои Шарқ ва Осиёи Марказӣ як ҷузъи маданияти миллии халқҳои маскуни ин минтақаҳо маҳсуб шуда, бо он тарзи фаъолияти истеҳсолӣ, косибӣ, хариду фурӯш, шуғлу фаъолияти гуногун ва ғайра алоқамандии зич дорад.

Асосан мардум фаъолияти соҳибкориро инфиродӣ, авлодӣ ё шарикӣ ба роҳ мемонданд, яъне тақсимоти соҳибкорӣ ба шаклҳои мазкур амал мекард.

Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи Роҳи Бузурги Абрешим ҳанӯз дар давраҳои қадим фаъолияти соҳибкориашонро бо мамлакатҳои Ҳиндустон, Чин ва кишварҳои Аврупо хело ҳам тақвият дода буданд.

С. Тиллоев дар таҳқиқоти худ нишон медиҳад, ки: «...таърихи соҳибкорӣ дар қаламрави Тоҷикистони муосир асрҳои аср тул кашида, Роҳи Бузурги Абрешим барои рушди тиҷорати байни кишварҳои Шарқ ва Ғарб аҳамияти бузурги таърихӣ дошт» [3].

Дар навбати худ, С.Тиллоев дар асарҳои илмии худ тасдиқ мекунад, ки: "...якчанд масири Роҳи Бузурги Абрешим аз қаламрави муосири Тоҷикистон (Суғд, Қаротегин, Хатлон ва Помир) гузаштааст» [4].

Бояд қайд намуд, ки дар охири асри 15 ва аввали асри 16 дар натиҷаи кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ, рушди киштиронӣ ва роҳҳои тиҷорати байниқитъавӣ аҳамияти Роҳи Бузурги Абрешим коҳиш ёфт. Дар охири асри 19 - ибтидои асри 20, ба муносибати барқарор шудани муносибатҳои тиҷоратии Аморати Бухоро бо империяи Россия ва вуруди бештари тоҷирони

---

[3] Тиллоев С. Таджикистан на маршрутах великого шелкового пути // Вестник Таджикского технического университета. 2013. № 1(21). С. 130–135.
[4] Тиллоев С. Таджикистан на маршрутах великого шелкового пути // Вестник Таджикского технического университета. 2013. № 1(21). С. 130–135.

рус ба Бухоро ва Туркистон фаъолияти соҳибкорӣ ба таври назаррас шиддат гирифт.

“Бузургтарин рушди соҳибкорӣ ба охири асри 19 ва аввали асри 20 тааллуқ дорад. Дар ин вақт, фаъолияти тоҷирони рус ва хориҷӣ дар Туркистон ва Бухоро якбора афзуд. Бо мақсади ба даст овардани фоидаи калон, онҳо сармояи худро ба соҳаҳои сӯзишворӣ ва коркард, ба сохтмони роҳи оҳан ва иншооти обёрӣ сарф карданд. Ширкатҳои тиҷоратӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва филиалҳои бонкҳои бузурги Русия таъсис дода шуданд, ки фаъолияташон асосан ба амалиёти пахта алоқаманд буд. Бо кӯмаки сармояи хориҷӣ сохтмони роҳи оҳан, иншооти гуногуни саноатӣ, эҳёи фаъолияти саҳомӣ ва рушди саноати нафт оғоз ёфт” [5].

Дар асари худ «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров қайд менамояд, ки дар нимаи аввали асри 19 дар Аморати Бухоро “Тоҷирони миёна ва хурд иттиҳодияи худро аз рӯйи раставу бозорҳо ташкил дода буданд, ки ба он оқсақол сардорӣ мекард. Аксаран аз рӯйи принсипи хонаводагӣ ширкати савдогарон таъсис карда мешуд” [6].

Аммо, пас аз барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ иқтисодиёти нақшавӣ роҳандозӣ гашт, ки мувофиқи он машғул гаштани шахсони воқеӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ номумкин буд. Ҳатто дар доираи шахсони ҳуқуқӣ низ ҳамчун моликияти шахси корхона ташкил карда намешуд ва асосан корхонаҳои давлатӣ ва кооперативӣ амал менамуданд. Солҳои сиёсати нави иқтисодӣ (НЭП) ба фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон аз нав эҳё гардид. Аммо, дар охири солҳои 30-юм фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ маҳдуд карда мешавад ва ин бо илми иқтисодии давраи шӯравӣ алоқаманд буд, ки ҷанбаҳои назариявии соҳибкориро аз нуқтаи назари танқиди назарияҳои буржуазӣ баррасӣ мекард.

“Заминаи ибтидоии танқид муқаррарот дар бораи номутобиқатии соҳибкории хусусӣ бо низоми такрористеҳсолкунии сотсиалистӣ буд. Аммо,

[5] Хайдаров Г. История таджикской ССР. Душанбе; 1991. с-8.
[6] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Душанбе; 2021. С – 595.

дар нимаи дуюми солҳои ҳаштодуми асри 20 дар ИҶШС муносибати нав ва тағйироти иқтисодӣ ташаккул ёфт. Давлат имконнопазирии рушди самарабахши иҷтимоию иқтисодии кишварро бидуни фаъолсозии меҳнат, аз ҷумла иқтидори соҳибкории аҳолӣ дарк кард. Қонуни ИҶШС "Дар бораи фаъолияти меҳнатии инфиродӣ", ки соли 1987 мавриди амал қарор гирифт, боиси афзоиши соҳибкории инфиродӣ шуд.

“Соли 1988 Қонуни ИҶШС "Дар бораи кооператсия" қабул гардид, ки кооперативҳо дар байни ҳамаи намудҳои корхонаҳои хурд, ки дар давраи бозсозӣ пайдо шудаанд, ба шароити мусоид ҷавобгӯ буданд. Ғайр аз он, Шӯрои Вазирони ИҶШС 08.08.1990. Тибқи Қарори № 2790 "Дар бораи чораҳо оид ба ташкил ва рушди корхонаҳои хурд" – ро қабул кард, ки дар он гуфта мешуд, гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, дастгирии соҳибкорӣ, таъсиси босуръати шабакаи корхонаҳои хурдро, ки қодиранд фаъолсозии таҷдиди сохтори иқтисодиёт бошанд, талаб мекунад, таъмини озодии васеи интихоб ва ҷойҳои кори иловагӣ, хароҷоти зудро таъмин намуда, ба тағйирёбии талаботи истеъмолкунандагон фавран посух диҳанд” [7].

Рушди корхонаҳои хурд мебоист ба зудтар пур шудани бозор бо молҳо ва хидматҳо, рафъи монополияи соҳавӣ ва минтақавӣ, густариши рақобат, ҷорӣ намудани дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ва афзоиши иқтидори содиротӣ мусоидат мекард.

Дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт фаъолияти кооперативҳо оғоз ёфт. Манбаъҳои асосии пайдоиши корхонаҳои хурд дар солҳои аввали соҳибихтиёрӣ ихтисор ва азнавташкилдиҳии корхонаҳои давлатӣ бо хусусигардонии минбаъдаи онҳоро мефаҳмонд.

Маҳз, ташкили кооперативҳо ба шахсони воқеӣ имкон дод, ки фаъолияти соҳибкориро дар ин доира оғоз намоянд, ки ин ба ақидаи мо ба ташаккули соҳибкории инфиродии ҳозиразамон заминаи мусоид гузошт.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ оғоз гашт, ки он

[7] Хайдаров Г. История таджикской ССР. Душанбе; 1991. с-8.

ташкили фаъолияти соҳибкории инфиродиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар бар мегирифт. Вобаста ба ин як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба ташкили фаъолияти соҳибкорӣ қабул карда шуд, ки мувофиқи он шахсони воқеӣ тариқи шаҳодатнома ва ё патент метавонад ба қайд гирифта шуда дар бахшҳои гуногуни иқтисоди миллӣ фаъолият намоянд.

Ҳамин тариқ, зикр бояд намуд, ки заминаи иқтисодию методологии соҳибкории инфиродии мамлакат дар даврони ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта, имрӯз имконияти рушди он мавҷуд аст, ки чунин имкониятҳо дар мавриди таҳқиқоти амиқи илмии соҳа ба вуқуъ хоҳанд пайваст.

Рушди соҳибкорӣ дигаргунсозии сохтории иктисодиётро фаъол мегардонад, ки ба ҷорӣ намудани комёбиҳои илмӣ-техникӣ ҳавасманд месозад ва ба ҳаматарафа баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот мусоидат менамояд.

Ҳар як иқдоми соҳибкор ин ташкили робитаи мутақобилаи байни одамон буда, аз истифодаи фаъолияти навоварона, техникаю технологияи навин, гирифтани фоидаи бештар, ки мақсади асосии соҳибкор аст, вобастагӣ дорад.

Мувофиқи ақидаи С.Ҷ. Комилов, ки: "...соҳибкорӣ ин ташкили фаъолияти иқтисодии худӣ, ки ба гирифтани фоида нигаронида шуда, ҳамчун ҷараёни динамикӣ бо қобилияти соҳибкорӣ тавсиф меёбад ва онро метавон чун яке аз захираҳои иқтисодии ба суръати рушди иқтисодӣ ва фаъолияти инноватсиониву сармоягузорӣ таъсиррасон муайян намуд" [8].

И.А. Аминов чунин мешуморад, ки: "фаъолияти соҳибкорӣ асосан барои гирифтани фоида нигаронида шуда, аксар маврид дар шароити номуайянӣ ва бо ҷой доштани таваккали баланд амалӣ карда шуда, ба вай фаъолияти босуръат хос аст" [9].

---

[8] Комилов С.Ҷ., Забиров Н.Х. Предпринимательство: вопросы развития и государственного регулирования. – Душанбе: РИА Статус, 2004,-С.5

[9] Аминов И.А. Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.(маҷалаи илмӣ-амалӣ 1.). Душанбе – 2011. С. 109.

Дар навбати худ Қ.Қ. Толибов чунин мешуморад, ки: "...тавсифи вазифавӣ ва моҳияти соҳибкорӣ инъикосгари хусусиятҳои махсуси муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодӣ, муносибатҳои моликиятӣ бо азхудкунӣ ва татбиқи амали субъектҳои хоҷагидорӣ алоқаманд мебошад" [10].

Мувофиқи ақидаи И.С. Донахонов: "...соҳибкорӣ ин фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ки ба эҷод ё модернизатсияи сифати молҳои (хизматрасониҳои) мавҷуда тавассути муттаҳидсозии омилҳои истеҳсолӣ ва татбиқи ғояҳои нав барои баланд бардоштани фоида ва рақобатпазирии корхона нигаронида шудааст" [11].

М.Т. Ҷумаева қайд намудааст, ки: "...ҳолати соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, чунин нуқтаро қайд намудан лозим аст, ки соҳибкорӣ асоси синфи миёнаро ташкил намуда, рушди он ба муътадилии вазъи иҷтимоию сиёсии ҷамъият боис мегардад" [12].

Аз ақидаҳои илмии аксари муҳаққиқон чунин бармеояд, ки фаъолияти соҳибкорӣ аслан барои гирифтани фоида роҳандозӣ карда шуда, инчунин вазифаи он таъмин намудани бозор бо молҳои сифатнок ва ба роҳ мондани хизматрасонии босифат мебошад.

Инчунин, муҳақиқони ватанӣ соҳибкориро ҳамчун як амали ташабускоронае, ки аз истифодаи инноватсия ва ғояҳои нави техникӣ ба роҳ мондани фаъолиятро дарҷ менамоянд, ки қобили дастгирист.

Дар баробари олимону муҳаққиқони ватанӣ тадқиқотчиёни барҷастаи хориҷӣ низ вобаста ба назария ва рушду такомули соҳибкорӣ таҳқиқоти фаровони илмиро ба анҷом расонидаанд.

Бисёре аз муҳаққиқон Р. Кантилонро аввалин назариётчии фаъолияти соҳибкорӣ мешуморанд, ки: "...соҳибкорро шахсе муаррифӣ мекунад, ки бо

---

[10] Толибов Қ.Қ. механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории тиҷоратӣ: назария, методология, амалия. Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ. Душанбе – 2021. С.10.

[11] Донахонов И.С. Развитие предпринимательской деятельности в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан/ Автореферат диссертации на соискание уч. Степени к.э.н. –Душанбе: 2009- С.8.

[12] Ҷумаева М.Т. Проблемы развития предпринимательства в Республике Таджикистан. ТГУК, Материалы международной научно-практической конференции "тенденции развития экономики и образования", посвященной 20-летию независимости Республики Таджикистан. Душанбе – 2011.

нархи муайян воситаҳои истеҳсолотро барои истеҳсоли маҳсулоти муайян ба даст меорад ва онро барои ба даст овардани даромад мефурӯшад ва бо назардошти арзиш ва уҳдадориҳо намедонад, ки онро бо кадом нархҳо татбиқ кардан мумкин аст”[13]. Маҳз, ӯ таҳияи ақидаро ба уҳда дорад, ки мувофиқи он ихтилофи байни талабот ва пешниҳод дар бозор ба субъектҳои алоҳидаи муносибатҳои бозорӣ имкон медиҳад, ки молҳоро арзонтар харанд ва гаронтар фурӯшанд. Маҳз, ӯ ин субъектҳои бозорро соҳибкор номид ("соҳибкор" аз фаронсавӣ ба маънои "миёнарав").

Дар баробари амалӣ намудани вазифаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ аз ҷониби соҳибкор, таърифи зикршуда аллакай ҳолати хавфро аз сабаби надонистани нархҳои фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда инъикос менамояд, ки ин барои соҳибкорӣ дар давраи ҷамъоварии ибтидоии сармоя хос аст.

А. Смит соҳибкорро ҳамчун: “...соҳиби корхона маънидод менамуд ва мувофиқан, ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкорӣ - гирифтани даромади соҳибкориро” [14] тафсир мекард. А. Смит барои аз будаш зиёд нишон додани арзиши меҳнатро, (маънои музди меҳнати идоракунӣ), ки хароҷоти дигари тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад, дар робита ба беасос ба даст овардани сарватро танқид мекунад. Чунин фаҳмиши ин категорияҳо аз ҷониби яке аз асосгузорони мактаби классикии иқтисоди сиёсӣ таърихан асоснок буд, зеро шакли асосии фаъолияти моликият дар он замон як оилаи хурд ва як ширкати миёна буд, ки дар он сармоя, чун қоида, аз ҷониби соҳиби воситаҳои истеҳсолот, хешовандон ва шарикони ӯ такрористеҳсол мешуд.

Мувофиқи ақидаи П. Друкер соҳибкорӣ дар асоси таҷриба ҳосил шуда, ба илм ва санъат робитаи зиёд надошта, як намуди фаъолияти амалии мушаххас мебошад, ки мазмуни он дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар раванди идоракунӣ ворид намудани навовариро тараннум мекунад. П. Друкер қайд менамояд, ки: “...навоварӣ як воситаи махсуси соҳибкорон, василае мебошад, ки онҳо барои амалисозии ғояҳои худ дар соҳаи тиҷорат ва хизматрасонӣ

---

[13] Эссе о природе торговли в общем плане // Мировая экономическая мысль. Сквозь призму веков. — М.: Мысль, 2004. Т. 1. — С. 269—278.
[14] Смит А. Исследование о природе и причинах богатсва народов. - М .: Наука, 1991 стр.193.

истифода мекунанд” [15]

Ж.Б. Сей дар навиштаҳои худ фарқи байни даромади асосӣ ва даромади соҳибкориро таъкид кардааст. Вай чунин мешуморид, ки: “...вазифаҳои соҳибкор ин қобилияти ҳамбастагӣ, омезиши омилҳои истеҳсолот буда, вазифаи асосии соҳибкорро на дар ба вуҷуд овардани арзиши изофа (фоида), балки дар ташкил ва идоракунии такрористеҳсолкунӣ дар доираи фаъолияти одии иқтисодӣ медид” [16].

Й. Шумпетер, бар хилофи дигар муҳаққиқон, диққати худро ба соҳибкор ва таъсири ӯ ба иқтисод равона кардааст. Сарфи назар аз он ки ҳар як иқтисоддон аҳамияти рисолати соҳибкорро дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа мефаҳмад, дар айни замон, соҳибкорӣ барои онҳо як навъ падидаи метаиқтисодӣ мебошад, ки ба иқтисодиёт таъсири ҷиддӣ мерасонад ва онро ташаккул медиҳад. Вай бо ишора ба ғояҳои Ж.Б.Сэй дар китоби худ "Назарияи рушди иқтисодӣ (омӯзиши фоидаи соҳибкорӣ, сармоя, фоиз ва сикли бозор)" аз иқтисодиёти анъанавӣ даст кашид ва изҳор дошт, ки “меъёри иқтисоди солим, асоси воқеияти назария ва амалияи иқтисодӣ мувозинат ё оптимизатсия нест, балки номутаносибии динамикӣ мебошад, ки дар натиҷаи фаъолияти соҳибкори нововар ба амал омадааст. Нақшаи умумии рушди иқтисодии ҷомеа, ба ақидаи ӯ, чунин менамояд: "мувозинат" -и иқтисодиёт - вайрон кардани "мувозинат" -и иқтисод дар натиҷаи татбиқи инноватсия” [17]. И. Шумпетер дар таҳқиқоти худ аз робитаи байни соҳибкорӣ ва номуайянии динамикӣ истифода мекард. Тибқи хулосаҳои ӯ, дар иқтисодиёте, ки пешрафти техникӣ вуҷуд надорад, такрористеҳсолкунӣ як раванди маъмулист, ки дар он ҷо бобати оянда номуайянӣ вуҷуд дорад. Дар чунин вазъият ҷое барои даромади соҳибкорон нест.

Мувофиқи ақидаҳои Ф. Ҳайек, “соҳибкор як навъ фарди иҷтимоию психологии идоракунии соҳибкорӣ мебошад, ки дар муҳити номаҳдуд ва

[15] П.Друкер. Рынок: как выйти в лидеры. Практика и принципы. –СПб.: 1992. –с. 30
[16] Автономов В. Действия глазами теоретиков (предпринимательское явление в экономической теории)–Предпринимательство в России №4 (11) -1997-с.5-11.
[17] Шумпетер И. Теория экономического развития (исследование прибыли бизнеса, капитала, процента и делового цикла). / Перевод с нем. - М., 1982.

рақобатпазир барои ноил шудан ба омезиши самарабахши дониши беназири худ мекӯшад ва ғояҳои инноватсиониро бо истифода аз имконниятҳои гуногуни бозор амалӣ менамояд. Ҳолатҳои ғайри мувозинатӣ ба ихтилофи байни талабот ва таклифот ҳам дар замон ва ҳам дар фазо асос меёбанд. Аз ин рӯ, имкони ба даст овардани фоидаи иловагӣ мавҷуд аст, ки бо истифодаи онҳо моҳияти соҳибкорӣ ба ҳам пайваст мешавад" [18].

Дар асоси таҳлили ақидаҳои илмии олимони дохилию хориҷӣ ба андешаи мо, соҳибкорӣ ин фаъолияти мақсадноки иқтисодии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, қобилият ва ҳаракати онҳо барои  ба даст овардани фоида, бо роҳи истифодаи имконниятҳои фикрӣ ва технологӣ  мебошад. Рушду инкишофи соҳибкорӣ дар шароити муосири иқтисодӣ ба афзоиши бозори истеъмолӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии давлат замина мегузорад.

Тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, назарияи муосири соҳибкорӣ тариқи се давраи ҷараёни асосӣ - неоклассикӣ, назарияи капитализми танзимшаванда ва институтсионализм рушд мекунад. Неоклассикҳо ташаббуси хусусӣ ва озодии комили соҳибкории хусусиро таъкид мекунанд; тарафдорони назарияи капитализми танзимшаванда кӯмаки давлат ва дастгирии соҳибкориро ҷонибдорӣ мекунанд, дар ҳоле ки тарафдорони институтсионализм пешниҳод мекунанд, ки тамоми шароит ва омилҳои ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсиркунанда ба назар гирифта шаванд.

Мо чунин мешуморем, ки равишҳо ба рушди соҳибкорӣ бояд дар самтҳои зерин; рақобати озод, танзими рақобати озод, танзими давлатии иқтисодиёт ва идоракунии давлатии он гурӯҳбандӣ карда шаванд.

---

[18] Хайек Ф. А. Конкуренция как процедура открытия // Мировая экономика и международные отношения. – 1989. - № 12 – с. 6, 8, 9, 14.




**Расми 1. Гурӯҳбандии равишҳои рушди соҳибкорӣ(таҳияи муаллиф)**

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ оид ба мафҳуми «соҳибкорӣ» таърифҳои зиёде мавҷуданд. Бомуваффақият онҳое ҳастанд, ки дар он ҷо ӯ ҳамчун омилҳои хоси такрористеҳсоли ҷамъиятӣ (дар муқоиса бо замин, сармоя, меҳнат) тафсир карда мешавад. Хусусият ва вазифаҳояш дар он зоҳир мегардад, ки субъекти фаъолияти соҳибкорӣ - соҳибкор қодир аст омилҳои истеҳсолотро ба тарзи махсус муттаҳид созад. Соҳибкорӣ, ҳамчун раванд, мустақиман бо сифатҳои шахсии соҳибкор ҳамчун субъекти асосии ин раванд алоқаманд аст.

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ оид ба назария ва амалияи соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми муайян кардани моҳияти иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ аз хусусиятҳои категорияи «соҳибкор» оғоз намудан мувофиқи мақсад аст. Ба андешаи мо, соҳибкор омили субъективии такрористеҳсолкунӣ мебошад, ки қодир аст бо ташаббускорӣ ва фаъолияти инноватсионӣ бидуни тарси масъулияти пурраи иқтисодӣ таваккал кунад ва омилҳои дигари истеҳсолотро ба тарзи махсус муттаҳид созад, то ки арзиши иловагӣ гирад.

Ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, гирифтани даромад мебошад, ки барои рушди ин фаъолият ва қонеъ кардани ниёзҳои инсонии худ сарф карда мешавад. Ин ҷо сухан дар бораи ангезаҳои сирф иқтисодӣ меравад. Дар адабиёт омили дигар аксар вақт қайд карда мешавад - худидоракунии шахс, вақте ки соҳибкорӣ на танҳо ба фаъолият, балки ба тарзи ҳаёт табдил меёбад.

Соҳибкорони истеҳсолӣ қобилияти худро дар маҷмуи вазифаҳои асосӣ ҳангоми фаъолияти амалӣ бояд омилҳои зеринро ба назар гиранд: а) омӯзиши талаботи харидорон ва қобилияти пардохтии онҳо; б) муайян кардани ҳаҷми маҳсулот, намуди истеҳсолот, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ба нақша гирифташуда, бозорҳои фурӯш ва роҳҳои ҳаракати маҳсулот; в) дар асоси барномаи ба нақша гирифташудаи истеҳсолот муайян кардани ашёи хоми зарурӣ ва бозорҳое, ки ашёи хоми заруриро бо нархҳои пасттарин харидан мумкин аст; г) интихоби нақшаи мукаммали технологии истеҳсолот ва манбаъҳои навсозии доимии он; д) ташкил ва идоракунии истеҳсоли молҳое, ки барои фурӯш пешбинӣ шудаанд ва ғайра.




**Расми 2. Омилҳои ба инобатгирандаи соҳибкорони истеҳсолӣ (таҳияи муаллиф)**

Таърифи "соҳибкорӣ", ба назари мо, бояд ба ду меъёр ҷавобгӯ бошад: аввал, табиати соҳибкории муосирро ҳамчун як намуди махсуси асосии такрористеҳсол инъикос намояд; дувум, барои соҳибкори воқеӣ дар фаъолияти амалии худ як нуқтаи истинод бошад.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ, дар аксари ҳолатҳо, моҳияти ин падида бо ҳадафи фаъолияти соҳибкорӣ иваз карда мешавад. Аммо, тавре ки

дар боло қайд кардем, соҳибкорӣ як намуди махсуси фаъолияте мебошад, ки ҳадафи он на ба даст овардани фоида дар маҷмуъ, балки фоидаи фавқулодда аст, яъне даромади соҳибкорӣ. Соҳибкор хидмати маркетингиро ба қадри имкон муассир месозад. Вай аз дигарон беҳтар бозореро муайян мекунад, ки дар он хариди воситаҳои истеҳсолот аз ҳама фоидаовартар аст, аниқтараш барои кадом маҳсулот, дар кадом вақт, дар кадом сегменти бозор талаботҳои муассиртаринро «тахмин мезананд». Ҳамин тариқ, ӯ назар ба соҳибкорони каммасъулияту коҳил фоидаи бештар ба даст меорад, яъне як навъ ҷуброн барои ин хавф.

Ба ибораи дигар, соҳибкорӣ шакли махсуси инноватсионии истеҳсолот мебошад, ки дар шароити мувофиқи таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ бартарӣ пайдо мекунад, то ин ки барои тамоми такрористеҳсоли ҷамъиятӣ динамикаи заруриро таъмин менамояд.

Омӯзиши соҳибкорӣ ҳамчун як намуди махсуси такрористеҳсоли ҷамъиятӣ бидуни таваҷҷуҳи махсус ба ҷузъи идоракунии он номукаммал хоҳад буд. Сухан дар бораи ташкил ва идоракунии тамоми раванди ташкили даромади соҳибкорон меравад. Ин лаҳза бо моҳияти иқтисодии соҳибкорӣ ба таври органикӣ алоқаманд аст ва сохтори хоси охиринро дар ҳар як давраи муайян татбиқ мекунад. Ҷузъи ташкилӣ ва идоракунии соҳибкорӣ на танҳо истеҳсолот, балки марҳилаҳои мубодила ва тақсимотро низ дар бар мегирад. Дар амал, ин ҷузъ, аз ҷумла тавассути банақшагирии стратегӣ, системаҳои ҳавасмандгардонии доимии меҳнатӣ ва навсозии заминаи техникии истеҳсолот, инчунин тавассути маркетинг амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, соҳибкор шахсе мебошад, ки ташаббуси якҷоя кардани захираҳои замин, сармоя ва меҳнатро ба раванди ягонаи истеҳсоли маҳсулот ё хидматҳо, инчунин вазифаи душвори қабули қарорҳои асосӣ дар раванди пешбурди тиҷоратро нишон медиҳад. Ғайр аз он: “...соҳибкор як навоварест, ки мехоҳад ба тиҷоратикунонии маҳсулоти нав, технологияҳои нави истеҳсолӣ ё шаклҳои нави ташкили тиҷорат машғул шавад; ӯ шахсе аст, ки

таваккал мекунад” [19] .

Дар баъзе таҳқиқоти илмӣ: “соҳибкорӣ ҳамчун як намуди махсуси фаъолияти иқтисодӣ ҳисобида мешавад, ки ҳамчун фаъолияти мақсадноки ба даст овардани фоида, даромад равона карда шудааст ва ҳадафи фаъолияти соҳибкорӣ тавлид ва пешниҳоди бозор маҳсулотест, ки таваҷҷуҳро ба он бедор мекунад ва бозор ба соҳибкор фоида меорад”[20]. Дигар олимон соҳибкориро ҳамчун "як бахши хоси иқтисодиёт, ки мутобиқи як қатор қонунҳои ҷудогонаи он амал мекунад"[21] мешуморанд.

“Аксар вақт, соҳибкорӣ ҳамчун раванди ташкил ё истеҳсоли чизи нав бо мақсади ба даст овардани даромад (фоида) тафсир карда мешавад, ки дар робита бо ин соҳибкор масъулияти молиявӣ, маънавӣ ва иҷтимоиро ба дӯш мегирад” [22].

Таърифи аввал соҳибкориро ҳамчун як намуди фаъолияти иқтисодӣ, дувум ҳамчун як бахши иқтисод ва сеюм ҳамчун раванди инноватсионӣ баррасӣ мекунад. Ҳангоми рӯшан кардани моҳияти падидаи соҳибкорӣ олимон чунин ҷанбаҳои ба худ хосро, ба монанди ташаббус дар самти ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар, ҷустуҷӯйи роҳҳо ва усулҳои нави ноил шудан ба онҳо, эҷодкорӣ, омодагӣ ба таваккал, масъулияти баланд барои қабул ва татбиқи қарорҳо таъкид мекунанд.

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки таърифҳои дар боло зикршуда ҷанбаҳои муҳим, аммо фақат падидаҳои бисёрҷабҳаи соҳибкориро тавсиф мекунанд. Дар изҳороти муаллифони дигар, ин хусусиятҳо бо дигар хислатҳои соҳибкорӣ илова карда мешаванд, ба монанди ҳадафи ташкили сарвати миллӣ, таъмини некуаҳволии миллат, рушди моликият, ки ба афзоиши сармоя ва азхудкунии фоида нигаронида шудааст ва ташкили корхонаи нав, раванди татбиқи хусусиятҳои психологии соҳибкор ба шумор меравад.

---

[19] Кемпбелл Р. Макконнелл, Стенли Л. Брю. Экономикс. М.: Изд-во "Республика", 1992. - 37-38.
[20] Бусыгин А.В. Предпринимательство: начальный курс. М.: НИРП, 1992. - с. 7.
[21] Иванов Ю., Русинов Ф.М. Рынок, предпринимательство, кадры. - М.: РАУ, 1992. 82 С.
[22] Котляр Э. Предпринимательский климат в России. //Деловой мир, 1993, 30 янв.

Ҳамин тариқ, соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ ҳамчун соҳаи мустақил, ки дорои намудҳои мушаххаси фаъолият ва идоракунӣ мебошад, пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона рушд намуд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки: "...дар марҳилаи ҳозира дар рушди соҳибкории инфиродӣ баҳисобгирии омилҳои махсуси хавфҳо нақши муҳимро мебозад"[23] .

Дар шароити рақобати шадид, он соҳибкоре метавонад муваффақ бошад, ки хавфҳои мавҷудаи фаъолияти мазкурро ба назар гирифта, дар асоси қабули нақшаи соҳибкорӣ амалиётҳои худро ба роҳ монад.

Ба ақидаи мо ба хавфҳое, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуданд аз ба гурӯҳҳои зерин тасниф карда мешаванд (расми 3).

Мутаассифона, чунин ҳодисаҳо дар мамлакат солҳои охир ба чашм мерасанд, ки дар бозорҳо ва дигар мавзеъҳои фаъолияти соҳибкорон сухторҳо ба вукӯъ мепайванданд ё ҳодисаҳои обхезӣ ва ғайра ба чашм мерасанд.

**Ҷадвали 1.1. Намудҳои хавф дар фаъолияти соҳибкории инфиродӣ**

| № | Хавфҳои ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ таъсиррасон |
|---|---|
| 1. | - талабот ба молу маҳсулот ё хизматрасонӣ на ҳама вақт бо интизории соҳибкор мутобиқат менамояд. Мисол, соҳибкор молҳоро аз талаботи бозор зиёд истеҳсол менамояд ки метавонад қисмати он ба фурӯш наравад ё корношоям гардад |
| 2. | - фоидаи ҳақиқӣ ба он рақамҳое, ки дар нақшаи соҳибкорӣ мавҷуданд мувофиқат наменамоянд |
| 3. | - шарикон ё мизоҷон қалоб буда, пардохти таҳвили мол, кор ва хизматрасониро сари вақт ё пурра амалӣ наменамоянд |
| 4. | - баланд гардидани қурби асъори хориҷӣ нисбати асъори миллӣ, ки ин омил дар иқтисоди мамлакатҳо рӯй ба инкишоф зиёд мавҷуд аст |
| 5. | - тағйирот дар қонунгузории андоз, яъне баланд гардидани меъёрҳои андоз |
| 6. | - ҳодисаҳои техногенӣ, ки дар он молҳои соҳибкорон талаф меёбанд |

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ба ақидаи мо, ташкили фондҳои захиравӣ ва суғурта метавонад барои рафъи оқибатҳои хафҳои мазкур асос гарданд.

Дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022

[23] Лапуста М.Г. Предпринимательство. - М: ИНФРА-М, 2008. -С.501.

тахти рақами 151 "Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд, хизматрасониҳои нақлиётӣ ва дигар намуди фаъолият (8-намуд) муайян ва меъёргузорӣ карда шудааст, ки ба ақидаи мо ҳамаи намудҳои фаъолиятро дар бар нагирифта, як қатор фаълияти соҳибкории инфиродӣ аз мадди назар дур мондаанд.

Вобаста ба ин, ба андешаи мо аз руйи бузургии гардиши мол, кор ва хизматрасонӣ соҳибкорони инфиродӣ ба шаклҳои зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд; соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда, соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда, соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо низоми махсус фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (шахси воқеӣ).

Инчунин, соҳибкории инфиродӣ аз рӯйи фаъолият чунин гурӯҳбандӣ мешавад: фаъолияти тиҷоратӣ, миёнаравӣ, истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, машваратӣ ва кишоварзӣ.




**Расми 3. Гурӯҳбандии соҳибкорони инфиродӣ (таҳияи муаллиф)**

Ба андешаи мо, соҳибкорӣ падидаи мураккаби ҳамаҷонибаи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки хусусиятҳои онро муаллифони дигар ҳамчун як намуди фаъолияти иқтисодӣ, як бахши иқтисоди бозорӣ, раванди эҷоди чизи нав ё раванди навоварона муайян кардаанд.

Бо фаҳмиши хусусияти соҳибкории муосир бояд ҳамчун як омили ташаккулёбандаи низоми иқтисоди бозорӣ, ки иқтидори дохилии худшиносӣ, рушди худ ва такмили худро дорад, илова карда шавад.

Ҳамин тариқ, соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инфиродӣ ифодаи диаллектикии омезиши омилҳои истеҳсолот ва дараҷаи баланди дастовардҳои ташкилот, ҷустуҷӯйи шаклҳои нави ташкили истеҳсолот ва хизматрасонӣ, усулҳои нави идоракунӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Ҳар як иқдоми соҳибкорӣ ин ташкили робитаи мутақобилаи байни одамон мебошад. Ҳар қадаре ки он хуб ба роҳ мондаву танзим карда шавад, ҳамон қадар умед ба гирифтани фоидаи зиёд баланд мешавад.

Дар асоси нуқтаи назари олимони соҳа мо ба чунин ақида омадем, ки: “ соҳибкории инфиродӣ ин амали мақсадноки шахсони воқеӣ маҳсуб шуда, онҳо таваккалкорона дар соҳаҳои мухталифи иқтисодию иҷтимоӣ баҳри ба даст овардани манфиати пулию молиявӣ ва иҷрои мақсадҳои иҷтимоӣ фаъолият менамоянд”.

Бо вуҷуди ин, рушди соҳибкорӣ ва соҳибкории инфиродӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ба афзун гардонидани бозори истеъмолӣ бо молҳо ва таҳким додани хизматҳо оварда расонида барои ташкили ҷойҳои нави корӣ боис мегардад. Рушди соҳибкорӣ дигаргунсозии сохтории иктисодиётро фаъол мегардонад, ба ҷорӣ намудани комёбиҳои илмӣ-техникӣ ҳавасманд сохта, ба ҳаматарафа баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот мусоидат мекунад.

### 1.2. Асосҳои институтсионалии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ

Ягон давлат, ки асосан тибқи иқтисоди бозорӣ амал менамояд, бе ташкили пояҳои зарурии қонунгузорӣ вуҷуд дошта наметавонад. Дар ин ҳолат яке аз вазифаҳои асосии давлат ин ташкили ҷанбаҳои ҳуқуқии амалкунӣ ва тараққиёти иқтисодиёт мебошад. Чунин вазифа ба воситаи қабул намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии давлатӣ дар самтҳои соҳибкорӣ, бақайдгирии давлатӣ, андоз, фаъолияти берунии иқтисодӣ, танзими фаъолият ва ғайраҳо татбиқ мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 1991

Қонун «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» ба тасвиб расида буд, ки моддаи 16-уми қонуни мазкур ҷиҳати танзими давлатии соҳибкорӣ дахл мекард, ки тибқи он давлат бояд рақобати озодро дар байни соҳибкорон бо роҳи қабули қонунҳо таъмин намуда, истеъмолгаронро аз рақобати носолим ва пайдошавии монополия ҳимоя намояд. Соли 1999 бо вуҷуди қабули Кодекси гражданӣ қонуни мазкур қувваи худро гум кард.

Соли 2002 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ" қабул гардид, ки аз мӯҳтавои он бармеояд, ки он асосан барои дастгирии чунин фаъолият дар ҷумҳурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Ба ақида мо, соҳибкорӣ дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

**"соҳибкории инфиродӣ"** - фаъолияти мустақилонаи шахси воқеие мебошад, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз номи худ ва таваккалона бо масъулияти амволии худ ба гирифтани фоида равона карда шудааст;

**"соҳибкории шахси ҳуқуқӣ"** ин фаъолияти мустақилонаи ташкилот ба таваккали худ, барои ба даст даровардани фоидаи мунтазам бо истифода аз молу мулк, машғул шудан ба фаъолияти истеҳсолӣ, фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳоро дар бар мегирад.

Тибқи қонунгузорӣ ҳамаи субъектҳо дар амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқи баробар доранд.

"Аз рӯйи ҳаҷм фаъолияти соҳибкорӣ ба намудҳои зерин тақсим мешавад: фаъолияти соҳибкории хурд – фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқие, ки даромади умумии онҳо дар 12 моҳи пайдарпайи (муттасили) тақвимии гузашта аз 1 000 000 сомонӣ кам мебошад; - фаъолияти соҳибкории миёна – фаъолияти шахси ҳуқуқие, ки даромади умумии он дар 12 моҳи пайдарпайи (муттасили) тақвимии гузашта аз 1 000 000 сомонӣ то 25 000 000 сомонӣ мебошад; - фаъолияти соҳибкории калон – фаъолияти шахси ҳуқуқие, ки даромади умумии он дар 12 моҳи пайдарпайи (муттасили) тақвимии гузашта зиёда аз 25 000 000 сомонӣ мебошад" [24].

[24] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2022. Моддаи 15.

Дар асоси таҳлил ва хусусиятҳои ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30 соли охир, марҳилаҳои ташаккули қонунгузории марбут ба соҳибкориро ба ақидаи мо, ба марҳилаҳои зайл ҷудо кардан мумкин аст.

Марҳилаи аввал, ин марҳилаи ибтидоии пайдоиш ва рушди стихиявии соҳибкорӣ мебошад. Он бо тағйиротҳое, ки дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ ба амал омада буданд, пеш аз ҳама, бо ташаккули заминаи қонунгузории муносибатҳои бозорӣ алоқаманд аст.

"Қонуни ИҶШС "Дар бораи фаъолияти инфиродии меҳнатии шаҳрвандони ИҶШС", ки 19 ноябри соли 1986 қабул шудааст, ба афзоиши назарраси шумораи шаҳрвандони соҳибкор, алахусус ташаббускороне, ки ба шуғли мустақилона машғуланд, мусоидат кард. Дар қонуни мазкур самтҳои асосии фаъолият савдо, ҳунармандӣ, хидматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва дигар фаъолият танҳо дар асоси меҳнати шахсии шаҳрвандон ва оилаҳои онҳо муайян карда шуданд. Дар ҶШС Тоҷикистон татбиқи Қонуни зикршуда махсусан дар истеҳсоли навъҳои гуногуни нони миллӣ, рушди корхонаҳои хӯроки умумӣ ва оилавӣ, дӯзандагӣ, таъмири пойафзол, либос ва савдои хусусӣ зоҳир шуд.

Қонуни ИҶШС "Дар бораи кооперативҳо дар ИҶШС", ки 26 майи соли 1988 қабул карда шуд: "...ҳуқуқи мустақилияти иқтисодӣ дар хароҷоти маблағҳо, хариди ашёи хом, мавод ва таҷҳизотро дода, барои худмаблағгузорӣ ва иштироки пайчиҳо дар тақсими даромад ва фоида, алахусус барои музди меҳнат ва рушд пешбинӣ шудааст"[25]. Кооперативҳо дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, савдои молҳои истеъмолӣ, хӯроки умумӣ, хариду фурӯши манзилҳо, сохтумон, хизматрасонии нақлиётӣ ва ғайра рушд карданд.

Дар солҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ Фармони Шӯрои Вазирони ИҶШС таҳти №790 аз 8 августи соли 1990 "Дар бораи чораҳои ташкил ва

---

[25]Закон СССР «О кооперации в СССР» от 26 мая 1988 года №8998-XI // Информационно-правовая система «Консультант Плюс» [Электронный ресурс] URL: http: //consultant.ru /document/ cons_ doc_ LAW_1361/ (дата обращения: 13 мая 2022 года).

рушди корхонаҳои хурд" нақш дошт. Чорабинии дигар дар самти рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар ИҶШС санаи 1 июли соли 1991, № 2278-1 қабули Қонуни ИҶШС «Дар бораи принсипҳои асосии ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии корхонаҳо» буд. Мувофиқи он: "...табдили корхонаҳои давлатӣ ба ҷамъиятҳои саҳомӣ, коллективӣ ва дигар корхонаҳое, ки моликияти давлатӣ нестанд, инчунин ба корхонаҳои иҷоравӣ" [26] пешбинӣ шуда буд.

Дар тули мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ қонунҳои ҶШС Тоҷикистон дар асоси қонунҳои умуми иттифоқӣ қабул карда мешуданд.

Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона қонунҳо ва дигар санадҳои меъёриро дар соҳаи соҳибкорӣ қабул менамояд ва то имрӯз ҳуҷҷатҳои зиёди методологӣ оид ба ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар таҳия ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Ҳамин тариқ, сарфи назар аз он, ки қонунҳои дар солҳои мавҷудияти ИҶШС қабулшуда дар бораи рушди муносибатҳои бозорӣ ва асосҳои соҳибкорӣ пурра иҷро карда нашуданд, заминсоз монданд, вале асосҳои методологии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз дар солҳои охир ташаккул ва тақвият ёфт.

Марҳилаи дувум (1991–2000) ибтидои гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ маҳсуб шуда, инчунин ташаккули заминаи қонунгузории фаъолияти соҳибкориро дар кишвар, пайдоиши аввалин институтҳои соҳибкорӣ, зуд ғайримутамарказонидан ва хусусигардонии моликият, рушди намудҳои хусусӣ ва коллективии моликиятро дар бар мегирад.

Ин марҳила бо эҷоди заминаҳои асосии рушди соҳибкорӣ тавсиф карда мешавад. Бо вуҷуди он ки раванди ташаккули заминаи қонунгузории гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар ҷумҳурӣ як давраи муайянро дар бар мегирифтанд, қарор қабул шуд, ки қонунҳо, санадҳои меъёрӣ ва методӣ оид ба тағйирёбии бозор ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар давоми

---

[26] Закон СССР «Об основных началах разгосударствления и приватизации предприятий» от 1 июля 1991 года № 2278-1 // Информационно-правовая система «Консультант Плюс» [Электронный ресурс]. URL: http://consultant.ru/cons/cgi/online.cgi?req=doc;base=ESU;n=7795#0 (дата обращения: 10 апреля 2022 года).

мавҷудияти ИҶШС қабул карда шуданд, то қабули ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, қонунгузорӣ ва методии миллӣ беэътибор набошанд. Дар натиҷа, қонунҳои "Дар бораи лизинг дар ҶШС Тоҷикистон", "Дар бораи ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии амвол дар ҶШС Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрию методӣ заминаи рушди пояҳои соҳибкорӣ дар иқтисодиёт ва рушди бозор гардиданд.

Бо вуҷуди ин, дар ин давраи душвор дигаргунсозии муносибатҳои моликият ва ташкили шаклҳои хоҷагиҳои ба иқтисоди бозорӣ мувофиқ амалӣ карда шуданд. Шаклҳои нави корхонаҳои коллективӣ ва хусусӣ пайдо шуданд, инфрасохтори мувофиқ тадриҷан ташаккул ёфт ва гузариш ба нархҳои бозори озод ба амал бароварда шуд. Моҳи декабри соли 1991 Қонун «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд. Рушди ҷамъиятҳои саҳомӣ, ширкӣ ва дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ бо суръати баланд оғоз ёфт. Дар ин давра як қатор қонунҳои нав қабул карда шуданд: "Дар бораи мубодилаи мол ва савдои биржавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (1991), "Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (1992) ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки солҳои 1992-1997 дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид, ки ба равандҳои ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии моликият, муносибатҳои иҷора ва дар маҷмуъ, ба муносибатҳои бозорӣ гузаштани кишвар бетаъсир буда наметавонист.

Заминаи ҳуқуқии соҳибкорӣ дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998), Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995), Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон (1997), Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (1997) ва "Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон" (1996) дар рушди муносибатҳои соҳибкорӣ саҳми калон гузошт.

“Соли 1991 дар ҷумҳурӣ 39 воҳиди корхона хусусӣ карда шуд, аз ҷумла 17 муассисаи савдо, 17 хидмати маишӣ, 1 саноат ва 4 корхонаи дигар соҳаҳо. Умуман, дар солҳои 1991-2000 шумораи чунин корхонаҳо дар ҷумҳурӣ 6033

ададро ташкил дод. Аз рӯйи шумораи корхонаҳои хусусигардонидашуда ҷойи аввалро соҳаи савдо - 2059 адад ё 34,1%, ҷои дуюмро хизматрасонии маишӣ (1859 ё 30,8%), ҷойи сеюмро хоҷагии қишлоқ (512 ё 8,5%) ишғол намуданд. Дар натиҷа, 4975 корхонаи хусусишуда ба корхонаҳои хусусӣ, 980 корхона ба корхонаҳои дастаҷамъӣ ва 78 корхона ба ҷамъиятҳои саҳомӣ табдил дода шуданд".[27] Аммо аксари корхонаҳои хусусишуда натавонистанд фаъолияти истеҳсолии худро идома диҳанд. Бо сабаби вайрон шудани робитаҳои иқтисодии байни кишварҳои пасошӯравӣ ва кишварҳои собиқ системаи сотсиалистӣ, бисёр корхонаҳои хусусишуда кор намекарданд ё ихтисоси худро нигоҳ дошта наметавонистанд. Ҳамин тариқ, бисёр корхонаҳои хусусишуда дар соҳаи савдо, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ баста шуданд. Дар он солҳо савдо "ба кӯча" кӯчид, бисёр шаҳрвандон аз ниёзмандӣ либос ва пойафзоли кухна, китобҳо, мебел, асбобҳои рӯзгор ва амсоли инҳоро мефурӯхтанд.

Аз тарафи дигар, соҳибкорони инфиродӣ, корхонаҳои хурд, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) пайдо шуданд, ки шумораи онҳо доимо меафзуд. "Ҳамин тавр, агар дар соли 1991 8,1 ҳазор нафар ба чунин фаъолият машғул шуда бошанд, пас дар соли 1995 - 18,9 ҳазор, дар соли 2000 - 62,2 ҳазор нафар".[28] Аммо, соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноат, энергетика рушди минбаъдаро ба даст наовард.

Дар оғози марҳилаи дувум соҳибкории хурд рушд мекард. "Дар соли 1991 2573 корхонаи хурди ба соҳибкорӣ машғул ба қайд гирифта шуда буданд, дар соли 1995 шумораи онҳо ба 3390 афзуда, дар солҳои минбаъда шумораи онҳо мунтазам кам шуда, дар соли 2000-ум 1342 ададро ташкил дод. Шумораи кормандон низ дар онҳо коҳиш ёфтааст: дар соли 1991 - 59,4 ҳазор нафар, пас дар соли 1995 - 38,4 ҳазор; дар соли 2000 - 14,8 ҳазор нафар" [29].

[27] Тоҷикистон: 20 солагии истиқлолият. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон . Душанбе 2012. С.375

[28] Тоҷикистон: 20 солагии истиқлолият. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон Душанбе 2012. С.363

[29] Тоҷикистон: 20 солагии истиқлолият. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон . Душанбе 2012. С.390

Ҳукумати кишвар аз рӯзҳои аввали истиқлолияти давлатӣ роҳи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро пеш гирифт. "Соли 1992 дар кишвар 31 хоҷагӣ, дар соли 1995 - 1750, дар соли 2000 - 12074 адад хоҷагӣ вуҷуд дошт" [30].

Марҳилаи дувум бо пайдоиши корхонаҳои "ғайрифаъол" ва "барҳамхӯрда" тасниф карда шуд. "Дар аввали соли 2001 дар ҷумҳурӣ 21286 адад корхонаю ташкилот мавҷуд буд, ки аз он 18381 фаъол, 1841 ғайрифаъол ва 1064 барҳам дода шуданд".[31]

Ҳамин тариқ, солҳои 1991-2000 аз нигоҳи тағйирёбии муносибатҳои бозорӣ ва тиҷорат мушкил буданд. Аммо бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда, барои эҷоди сохторҳои соҳибкорӣ ва эҳёи фаъолияти соҳибкорӣ қадамҳои мушаххас гузошта шуданд.

Марҳилаи сеюм (солҳои 2001-2010) бо рушди минбаъдаи заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, ташаккули фаъоли институтҳои соҳибкорӣ, истифодаи васеи қарзҳои бонкӣ дар якҷоягӣ бо маблағҳои худ ва воруди сармояи хориҷӣ ба кишвар тавсиф карда мешавад .

Пас аз ба имзо расидани Созишнома дар бораи "Сулҳ ва ваҳдати миллӣ" санаи 27 июни соли 1997, барои пурра ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар вақт лозим буд. Соли 2000 кишвар аллакай дар вазъияти осоишта қарор дошт ва инро оғози марҳилаи нави рушди муносибатҳои бозорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ ҳисобидан мумкин аст. Тақвияти минбаъдаи заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ идома ёфт. Ҳамин тариқ, дар солҳои 2001-2010 қонунҳои зерини Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд: «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» (2002), «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (2002), «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» (2003), "Дар бораи Мусоидат ба шуғли аҳолӣ" (2003), "Дар бораи таблиғот" (2003), "Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ" (2003), "Дар бораи муфлисӣ (муфлисшавӣ)"

[30] Тоҷикистон: 20 солагии истиқлолият. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон . Душанбе 2012. С.388
[31] Омори солонаи Тоҷикистон / Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2001. С. 167

(2003), “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” (2004), “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” (2004), “Дар бораи корхонаҳои давлатӣ” (2004), “Дар бораи мубориза бо коррупсия” (2005)”, "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" (2007), "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" (2007), "Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хидматӣ" (2007), "Дар бораи сирри тиҷоратӣ" (2008) ), "Дар бораи бонкдорӣ" (2009), "Дар бораи амнияти ғизоӣ" (2010), "Дар бораи парки технологӣ" (2010) ва ғайра. Соли 2008 Кодекси нави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд [32].

Дар ҷумҳурӣ раванди ғайридавлатигардонӣ ва хусусигардонии моликият идома ёфт. Агар дар солҳои 1991-2000 6033 корхонаҳои давлатӣ хусусӣ карда шуда бошанд, идоматан дар солҳои 2001-2010 – 5407 корхонаҳои давлатӣ хусусӣ карда шуданд.

Корхонаҳои кишоварзӣ асосан ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) табдил дода шуданд. “Агар дар соли 2000-ум 12074 хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) вуҷуд дошта бошад, пас дар соли 2010 он ба 51372 адад расонида шуд. Бояд қайд кард, ки агар дар солҳои 2001-2009 шумораи шаҳрвандони машғул ба кори мустақил аз 70,3 ҳазор то ба 137,7 ҳазор нафар афзуда бошад, пас дар соли 2010 шумораи онҳо ба 94,3 ҳазор нафар якбора коҳиш ёфт” [33].

Дар ин давра ба рушди соҳибкорӣ нарасидани маблағ ва имкониятҳо барои рушди баъзе намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, рушд накардани институтҳо ва фондҳои институтсионалӣ, набудани инфрасохтори зарурӣ, бухрони ҷаҳонии молиявӣ ва ғайра таъсири манфӣ расонданд.

Давраи сеюм бо афзоиши соҳибкории хурд тавсиф дода мешавад. Ҳамин тавр, “агар миқдори онҳо дар соли 2001-ум ба 1181 адад баробар буд, пас дар соли 2005 – ба 1669 адад баробар шуда, дар 2010 ба 2865 адад баробар гаштааст.

---

[32] Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. URL: http://adlia.tj (дата обращения: 20 апреля 2022 года).
[33] Тоҷикистон: 20 солагии истиқлолият. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон . Душанбе 2012 С. 389

Шумораи кормандон дар онҳо ба таври назаррас афзоиш ёфтааст: дар соли 2001 - 13,2 ҳазор нафар, дар соли 2005 - 17,2 ҳазор, дар соли 2010 - 19, 9 ҳазор. Даромад аз фурӯш аз 58,5 миллион сомонӣ дар соли 2001 ба 435,2 миллион, дар соли 2005 ва 1836,2 миллион дар соли 2010 афзоиш ёфт” [34]. Ғайр аз он, сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар бо суръати баланд ҷараён гирифт.

**Марҳилаи чорум** (2010 - то имрӯз) бо рушди босуръати соҳибкорӣ, такмил ёфтани институтҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамоҳангсозии ҳамкории онҳо, аниқтар шудани муносибатҳои байни сохторҳои давлатӣ ва сохторҳои соҳибкорӣ, истифодаи франчайзинг, лизинг тавсиф карда мешавад, ҷалби васеъ дар баробари маблағҳои худ аз қарзҳои бонкӣ, сармоягузорӣ, воридшавии кишвар ба СУС. Дар ин давра заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрии фаъолияти соҳибкорӣ мустаҳкам карда шуд. Як қатор қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, танҳо дар солҳои 2014-2022 қабул карда шуданд: "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ", "Дар бораи бонкдории исломӣ", "Дар бораи назорати содирот", "Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ", "Дар бораи нафту газ", "Дар бораи сармоягузорӣ", "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)", "Дар бораи фаъолияти суғурта", "Дар бораи хадамоти пардохт ва низоми пардохт", "Дар бораи ҳифзи рақобат», «Дар бораи сиёсати давлатии саноатӣ», Кодекси андоз дар таҳрири нав, Кодекси об ва дар дигар санадҳои меъёрӣ тағйирот ворид карда шуданд. Дар марҳилаи чорум равандҳои гузариш ба иқтисоди бозорӣ суръат гирифт.

Соли 2002-юм қонун «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд, ки он муқаррароти умумии ҳимояи давлатии соҳибкориро муайян намуда, масъалаҳои марбут ба дастгирӣ ва таъмин намудани фаъолияти озоди онҳо, шаклҳою усулубҳои ҳавасмандгардонӣ инчунин, танзими фаъолияти онҳоро амалӣ мекунад. Қонун "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии

---

[34] Тоҷикистон: 20 солагии истиқлолият. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон . Душанбе 2012 С. С. 361

Тоҷикистон», минбаъд солҳои 2005-ум, 2007-ум ва 2014-ум се маротиба таҳрир гардида, муқаррарот вобаста ба дастгирӣ ва таъмини рушди озоди соҳибкорӣ, ҳимояи давлатии соҳибкорон дар ҷумҳурӣ, муқарраркунии намудҳо ва услубҳои ҳавасмандгардонии давлатӣ инчунин, танзими фаъолияти онҳо аз нав мавриди таҷдиди назар ва таҳрир қарор дода шуд.

Соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ” қабул карда шуд, ки ҷараёни ташкили фаъолияти соҳибкориро дар ҷумҳурӣ муайян намуд.

Шуруъ аз январи соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси нави андоз амал менамояд, ки имтиёзҳои зиёдро барои бахши соҳибкорӣ пешбинӣ намуда, шумораи андозҳо кам карда шуда, ҷараёни санҷишҳои андозӣ хело ҳам содаю мувофиқ барои соҳибкорон роҳандозӣ карда шудааст.

Чуноне ки қайд намудем, асосан ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон “Қонун дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ”, “Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ташкил менамоянд.

Тибқи моддаи 24 Кодекси шаҳрвандии Тоҷикистон:

“1. Шаҳрвандон метавонанд аз лаҳзаи бақайдгирӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд.

2. Қайди давлатии соҳибкорони инфиродӣ хусусияти озод дошта, дар бақайдгирӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ифода меёбад” [35].

Мувофиқи моддаи 4-и Қонун дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Соҳибкорӣ - фаъолияти мустақилона ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муққарарнамудаи қонун бақайдгирифташудае мебошанд, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ равона карда шудааст» [36].

[35] Кодекси граждании Тоҷикистон. Қисми 1. Душанбе 2001.
[36] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Душанбе 2002.

Субъекти фаъолияти соҳибкорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

Тибқи талаботи қонунгузорӣ оид ба бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ анҷом дода мешавад.

Бақайдгирии давлатии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкорӣ менамоянд, дар "равзанаи ягона"-и назди мақомоти андоз амалӣ карда мешавад.

Тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: "Бо мақсади таъмини назорати андоз ҳамаи андозсупорандагон, агентҳои андоз, воҳидҳои алоҳидаи таъсиснамудаи онҳо, инчунин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 16 расидаанд, бо тартиби муқаррарнамуда дар мақомоти андоз ба ҳисоб гирифта мешаванд" [37].

Ҳамин муқаррарот ба соҳибкорони инфиродӣ низ тааллуқ дошта, онҳоро муаззаф менамояд, ки ҳангоми оғоз намудани фаъолият дар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавияшон бояд ариза барои бақайдгирӣ супоранд. Дар навбати худ мақомоти андоз муаззаф аст, ки дар давоми 3 - рӯз чунин соҳибкоронро ройгон ба қайд гирад.

Ҳангоми бақайдгирӣ ба соҳибкори инфиродӣ мувофиқи фаъолияти ӯ шаҳодатнома ё патент дода мешавад, яъне тибқи қонунгузорӣ соҳибкорони инфиродӣ метавонад фаъолияти худро тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ намоянд.

Вобаста ба муқаррароти "Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 таҳти №151 "Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда тасдиқ шудааст", ки асосҳои фаъолият ва андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродиро танзим менамояд.

---

[37] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 78. Душанбе 2022.

Мутобиқи он ҳамон шахсон метавонанд бо патент фаъолият намоянд, ки ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошанд;

“-фаъолияти соҳибкори инфиродӣ бе кирояи қувваи корӣ ва бе амалӣ намудани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, анҷом дода шавад;

- даромади умумии соҳибкорӣ дар асоси патент фаъолияткунанда дар соли тақвимӣ аз 200 ҳазор сомонӣ бештар набошад” [38].

Инчунин маблағи патент вобаста ба намуди фаъолият бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағи муайяншуда пардохта шуда, коэффитсиентҳои минтақавӣ истифода бурда мешавад.

Дар муқаррароти амалкунанда барои патентдорон дар ҷумҳурӣ ба ақидаи мо як қатор норасоиҳо ҷой доранд, ки чунинанд;

- барои соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда бояд имконияти ақалан як коргар доштанро бояд дод. Чунки аз амалияи фаъолияти чунин соҳибкорони инфиродӣ дида мешавад, ки онҳо ҳатман дар фаъолияти худ аз ҷалби қувваи корӣ истифода мебаранд;

- фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар маблағи маҳдуд барои дорандагони патент иҷозат доданро ҷоиз мешуморем. Ба ҳар ҳол қисмати алоҳидаи соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд аз содирот ё воридоти молҳо истифода мебаранд ё шахсоне, ки ба хизматрасонии нақлиёти одамкашонӣ ё боркашонӣ машғули фаъолият мебошанд, метавонанд фаъолияти ҳамлу нақли байналмилалиро истифода намоянд.

- дар шароити кунунӣ ҳадди даромади умумии соҳибкорӣ дар асоси патент фаъолияткунанда, ки дар соли тақвимӣ то 200 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст, мувофиқи мақсад нест. Қонунгузорӣ муқаррар намудааст, ки соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд, ҳисоботдиҳанда намебошанд. Ин масъалаи дуруст муайян намудани маблағи солонаи гардиши мол, кор ва хизматрасонии аз ҷониби патентдоронро ба

[38] Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда. Душанбе, «31» марти соли 2022 таҳти №151

вуҷуд меорад. Механизми муайян кардани даромади солонаи чунин соҳибкоронро бояд коркард намуда, назоратро беҳтар бояд кард ё ин нишондиҳандаро ақалан то 500 ҳаз. сомонӣ баланд бардоштан лозим аст.

Соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда аз иҷрои уҳдадориҳои зерин озод мебошад:

“- аз пардохти андоз аз даромад, ба истисной андоз аз даромад ва андози иҷтимоии бевосита ба маблағи патент дохилшаванда;

- аз пешниҳоди ҳисоботи андоз, ба истисной пешниҳод намудани эъломияи даромади умумӣ барои соли гузаштаи тақвимӣ (ё барои давраи аз оғози соли тақвимӣ дар ҳолати қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ) бо замимаи нусхаҳои ҳуҷҷатҳои бонкӣ доир ба пардохти андозҳо” [39].

Қонунгузорӣ муқаррар кардааст, ки соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда ҳуқуқ дорад бо мақсади анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ минтақаи фаъолиятро дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ ё ҳудуди вилоят (вилоятҳо) ва ё ду ё зиёда шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ интихоб намояд.

Аз ҷониби соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда андозҳо аз рӯйи низоми патентӣ мустақилона бо тариқи пешпардохт то санаи 5-уми моҳи ҷорӣ барои як моҳ ё якчанд моҳи минбаъда ба буҷети маҳалли фаъолият пардохт карда мешаванд.

“Агар аз ҷониби соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда ҷалб гардидани корманди кироя ва аз 200 ҳазор сомонӣ зиёд гардидани даромади умумии он дар давраи на зиёда аз дувоздаҳ моҳи тақвимӣ ба вуҷуд ояд, тибқи талаботи қонунгузорӣ соҳибкори инфиродӣ бояд дар муҳлати 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи пайдо шудани ин ҳолатҳо ба мақомоти андоз барои қатъ намудани фаъолият дар асоси патент ва ба дигар низом гузаштан ариза диҳад” [40].

[39] Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда. Душанбе, «31» марти соли 2022 таҳти №151

[40] Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда. Душанбе, «31» марти соли 2022 таҳти №151

Бояд қайд намуд, ки агар муқаррароти мазкур риоя нагардад, қонунгузорӣ чораҳои қатъиро пешбинӣ намудааст, ки он ҷарима бо меъёри панҷкаратаи андозаи моҳонаи андозҳои ба фаъолияти ӯ дахлдошта баробар мебошад.

Назорати қоидаҳои муқарраршударо кормандони мақомоти андоз ба воситаи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ (рейдҳо) назорат менамоянд.

Барои соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд аз оғози соли 2022 қоидаҳои нав муқаррар карда шуд, ки он ду намуди фаоълиятро дар бар мегирад:

“ Андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда; андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолияткунанда” [41].

**Андозбандии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда** шартҳои зеринро дар бар мегирад: “...шахси воқеӣ барои анҷом додани чунин фаъолият ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ ариза пешниҳод намуда бошад, - дар соли тақвимӣ даромади умумии соҳибкори дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда аз 500 ҳазор сомонӣ бештар набошад; - фаъолияти иқтисодии хориҷии анҷомдодашавандаи соҳибкори дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда (воридот ва содироти молҳо) аз маблағи 500 ҳазор сомонӣ бештар набошад” [42].

Агар даромади умумии чунин соҳибкор дар муҳлати муқарраршуда аз ҳадди даромади 500 ҳазор сомонӣ зиёд гардад, чунин соҳибкор уҳдадор аст, ки фаъолияти минбаъдаи худро бо пешниҳоди ариза дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсуси андозбандӣ идома диҳад.

Тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда “соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда ҳуқуқ дорад барои амалӣ намудани фаъолият то 2 корманди кирояро дар асоси шартнома ҷалб

[41] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2022.

[42] Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда. Душанбе, «31» марти соли 2022 таҳти №151

намояд (ба истисnои фаъолият барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ)” [43].

Инчунин, соҳибкори инфиродӣ вазифадор аст, ки вобаста ба миқдори кормандон ва маоши ба онҳо пардохтгардида ба мақомоти андози маҳалли фаъолият ҳармоҳа то санаи 15-уми моҳи баъд аз моҳи ҳисоботӣ эъломияи ягонаи андоз аз даромад ва андози иҷтимоиро пешниҳод намояд.

**“Ба соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолияткунанда** шаҳодатнома ба мӯҳлати бемаҳдуд дода шуда, чунин соҳибкор дорои ҳуқуқи истифодаи меҳнати кироя буда, метавонад тамоми намудҳои фаъолияти соҳибкориро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд накардааст, анҷом диҳад” [44].

Тибқи талаботи қонунгузорӣ даромади умумии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолияткунанда наметавонад аз 1 миллион сомонӣ дар як сол зиёд бошад, ки ба назари мо камтар аст.

Ҳамин нишондиҳанда аз соли 2013 қабул шудааст, ки дар давоми 10 сол баъди қабули он меъёри беқурбшавии пул агар ба ҳисоби миёна 7%-ро дар ҳар сол ташкил карда бошад, ба ақидаи мо имрӯз зарурати ақалан ду маротиба афзоиш додани он, яъне ба 3 млн. сомонӣ расониданаш ба вуҷуд омадааст.

Тибқи талаботи “Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолият менамоянд, вобаста ба намуди фаъолият ва даромади гирифтаашон низомҳои зерини махсуси андозро истифода мебаранд: “...низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд, низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ” [45].

Ба ғайр аз андозҳои вобаста ба низоми андозбандӣ чунин соҳибкорон ҳамчун ин андози иҷтимоиро ба сифати шахси суғурташуда ба андозаи 1,0 фоизи даромади умумиашон ба буҷетҳои маҳаллӣ пардохт менамоянд.

---

[43] Ҳамон ҷо

[44] “Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда. Душанбе, «31» марти соли 2022 таҳти №151

[45] Ҳамон ҷо

Кодекси андоз имконият медиҳад, соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолияткунанда, ихтиёран андозро аз фарқияти даромад ва хароҷот бо низоми содакардашуда пардохт намояд. Ин ҷо андозсупоранда бояд ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ ариза пешниҳод намояд.

Дар ҳолати афзун гаштани даромади умумии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолияткунанда аз 1 миллион сомонӣ дар як сол, чунин соҳибкор уҳдадор аст ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз қайди давлатӣ гузарад ва дар низоми умумии андозбандӣ фаъолият намояд.

Тибқи он тағйиротҳое, ки баъди қабули Кодекси нави андоз дар ҷумҳурӣ роҳандозӣ гашт, акнун ҳангоми гузариш ба низоми умумии андозбандӣ соҳибкори инфиродӣ бе гузаронидани санҷиши андоз ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад, ки чунин усул гузаришро хело содаю осон мегардонад.

Новобаста аз оне, ки гардиши соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолияткунанда аз 1 миллион дар як сол зиёд шудааст ё не, онҳо метавонанд ихтиёран барои бақайдгирӣ ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба мақомоти андоз ариза пешниҳод намоянд.

Қонунгузорӣ як қатор фаъолиятро барои соҳибкороне, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд, иҷозат намедиҳад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

“...истеҳсол ва воридоти маҳсулоти зераксизӣ;

- фаъолияти иқтисоди хориҷии зиёда аз 1 миллион сомонӣ;

- фаъолияти фондҳои сармоягузорӣ, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, фаъолияти суғуртавӣ ва қарзӣ, ломбардҳо, истифодабарии захираҳои табиӣ, инчунин фаъолияти дар асоси шартномаҳои комиссия, супориш ва шартномаҳои миёнаравии дигар (бо фаъолияти миёнаравӣ) машғулшаванда;

- қабул, коркард ва (ё) таҳвили металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо,

консентрат ва маъданҳо;

- фурӯши сӯзишворӣ (ба истиснои нуқтаҳои алоҳидаи сайёр), гази моеъ ва табиӣ, ташкили бозорҳо, меҳмонхонаҳо;

- ташкили коргоҳҳои оҳангудозӣ, коргоҳҳои пахтатозакунӣ, равғанбарорӣ, мебелсозӣ ва коргоҳҳои истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ;

- фаъолият оид ба ташкили коргоҳҳои истеҳсолӣ ва фаъолият оид ба банду басти ҳама намудҳои молу масолеҳи сохтмонӣ ва саноатӣ;

- фаъолияти тиббию косметикӣ ва ташхисҳои тиббӣ (ба истиснои тибби мардумӣ);

- хизматрасонии нақлиётӣ (логистикӣ) дар самти ташкили хатсайрҳои мусофиркашонию боркашонӣ, ҳамлу нақли дохилӣ ва байналмилалӣ;

- фаъолият оид ба ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, аз ҷумла тарабхона, қаҳвахона, ошхона ва марказҳои калони савдо, агар масоҳати умумии объекти ғайриманқули онҳо зиёда аз 100,0 метри мураббаъро ташкил диҳад;

- фаъолият дар соҳаи алоқаи барқӣ ва ташкили шабакаи ягонаи иттилоотию коммуникатсионӣ” [46].

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар самти соҳибкории инфиродӣ ба чунин хулоса мерасонад, ки низоми омилҳои рушди он дар асоси истифода бурдани омилҳое, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд сохта шуда, ба соҳибкорон имтиёзҳои зерин таъмин карда шавад:

- ҷараёни сода ва таъҷилии ташкил ва бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ;
- ҳимояи соҳибкорони инфиродӣ аз монеаҳои бюрократӣ;
- такмили имтиёзҳои андозӣ барои ҳавасмандгардонии бештари соҳибкорони инфиродӣ;
- ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи қоидаҳои амалкунанда дар мамлакат;
- такмили фаъолияти ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ барои ҳимояи

[46] “Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда. Душанбе, «31» марти соли 2022 таҳти №151

ҳуқуқии онҳо;

• ташкили корҳои машваратӣ аз ҷониби ниҳодҳои дахлдори давлатӣ ба соҳибкорон;

•такмили қонунгузории гумрукӣ бо мақсади додани имтиёзҳо ба соҳибкорони инфиродӣ.

Ба назари мо, гузаронидани баҳодиҳии имкониятҳои баландбардории суръати рушди соҳибкории инфиродӣ ва таъсири ин ҷараён ба рушди иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои алоҳидаи он бо дарназардошти ташкили базаи мувофиқи қонунгузорӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Новобаста ба ин хусусиятҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо ҷомеаи ҷаҳонӣ қонунгузории худро мувофиқ намояд. Омили мазкур боиси ворид гаштани технологияҳо ва таҷрибаю малакаи муосир ба давлат мегардад. Истеҳсоли маҳсулот бо стандарти байналмилалӣ ва сатҳу сифати ҷавобгӯи талаботи ҷаҳонӣ соҳибкоронро водор месозад, ки бо замон ҳамқадам буда, аз навигариҳо дар самтҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкориашон истифода намоянд.

Ҳамин тариқ, дар асоси омӯзиши санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи соҳибкории инфиродӣ ба хулосаи зерин омадан лозим аст;

-асосҳои ҳуқуқию методологии соҳибкории инфиродӣ дар ҷумҳурӣ гузошта шуда, ба ақидаи мо дар онҳо талаботи вазъи доимо ивазшавандаро ба инобат бояд гирифт;

-қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ҷоиз мешуморем;

- ташкили марказҳои машварати ҳуқуқиро дар маҳалҳо боиси рушди соҳа меҳисобем;

- ҷоннок намудани робитаи мутақобилаи мақомоти идоракунии давлатиро бо соҳибкорон ҷонибдорӣ менамоем.

Дар маҷмуъ, ташкили дурусти заминаи меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкории инфиродӣ имкон медиҳад, ки батанзимдарории инкишофи соҳибкории инфиродӣ такмил ёбад, масоили ҷойдоштаи соҳаи мазкур ҳал

шуда, нишондиҳандаи ифодакунандаи тамоюли инкишофи соҳибкории инфиродӣ танзиму назорат карда шаванд.

## 1.3. Масоил ва омилҳои соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир

Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки ҳатто дар кишварҳои дорои иқтисодиёти мутараққии бозорӣ соҳибкории инфиродии шахсони воқеӣ (бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ) ба инкишофи иқтисоди миллӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, афзоиши шумораи коргарони машғул таъсири назаррас мерасонад ва дар масъалаи шуғлнокии аҳолӣ, ҳаҷми молҳои истеҳсолшаванда, иҷроиши корҳо ва расонидани хизмат дар кишварҳои ҷудогона нақши муҳимро мебозад.

Бояд тазаккур дод, ки дар замони муосир баҳри рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, пеш аз ҳама ба инобат гирифтани масоил ва монеаҳои таъсиргузор аз манфият холӣ нест (Расми 4.)




**Расми 4. Масоили рушди соҳибкории инфиродӣ(таҳияи муаллиф)**

Тавре маълум аст, фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ҳамчун субъекти мустақили иқтисоди бозорӣ дорои афзалиятҳою норасоиҳои зиёд аст. Таҷрибаи хориҷӣ ва ватании инкишофи соҳибкории инфиродиро таҳлил намуда, чунин афзалиятҳои онро ҷудо кардан мумкин аст: дараҷаи нисбатан баланди мутобиқатнокӣ ба шароити маҳаллии хоҷагидорӣ; мустақилияти васеи фаъолият; чандирнокӣ ва фавринокӣ дар қабул ва

ичрои қарорҳо; хароҷотҳои нисбатан кам; имконияти васеъ барои фардҳои ҷудогона оид ба амалӣ гардонидани ғояҳои худ ва нишон додани имконоти худ; гардишнокии нисбатан баланди сармояи худӣ ва ғайра. Ҳаминро бояд қайд кард, ки соҳибкории инфиродӣ афзалиятҳои зиёди рақобатпазириро доро мебошад, одатан онҳо бо назардошти хароҷот ба маҳсулот маблағгузории камтарро тақозо менамоянд.

Соҳибкорони инфиродӣ сатҳи талаботро дар бозорҳои маҳаллӣ нағзтар медонанд, одатан онҳо молро мувофиқи супоришоти истеъмолкунандагони муайян пешниҳод менамоянд ва ба шароити зуд тағйирёбандаи бозор тезтар мутобиқ мешаванд. Бинобар ин хусусиятҳои афзалиятноки ин сохтор водор менамояд, то ки дар мамлакатамон ба соҳибкории инфиродӣ аз назари замонавӣ ҷиддӣ назар кунанд.

Соҳибкорони инфиродӣ ба пасандоз ва маблағгузорӣ талаботи нисбатан зиёдтар доранд, онҳо ҳамеша оид ба ноил шудан ба комёбии сатҳи баланди фардӣ ҳаракат доранд, ки ин ба таври мусбат ба фаъолияти онҳо таъсир мерасонад. Соҳибкории инфиродӣ дар муқоиса ба корхонаҳо дар кишварҳои ҷудогона мақоми ҳалкунандаро чӣ дар шумора, чӣ дар вазни қиёсӣ, дар истеҳсолоти молҳо, иҷрои корҳо ва расонидани хизмат ишғол менамоянд.

Шумораи субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, ки дар як вакт андозсупоранда ҳастанд, дар ҷадвали 1.2. сабт гардидааст.

**Ҷадвали 1.2. Маълумот оид ба теъдоди субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда аз ФЯД дар мақомотҳои андози ҷумҳурӣ солҳои 2018-2022**

| Солҳо | Шахсони ҳуқуқӣ (адад) | Филиал/намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ (адад) | Соҳибкорони инфиродӣ (нафар) | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|
| 2018 | 31 174 | 363 | 284 716 | 315 890 |
| 2019 | 30 926 | 379 | 295 562 | 326 491 |
| 2020 | 31 265 | 376 | 304 040 | 335 305 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2021 | 31 386 | 384 | 308 021 | 339 407 |
| 2022 | 32 853 | 391 | 307 262 | 340 115 |

**Сарчашма:** бо истифода аз ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлили ҷадвали 1.2 нишон медиҳад, ки дар соли 2022 миқдори умумии субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ 340 115 ададро ташкил намуд ва аз он 307 262 нафарро фақат соҳибкорони инфиродӣ ташкил доданд, ки зиёда аз 90%-ро ташкил менамоянд. Соли 2022 нисбат ба соли 2018 шумораи соҳибкорони инфиродӣ ба миқдори 24 225 нафар афзоиш ёфтааст ва суръати афзоиши он ба 7,2 фоиз баробар гардидааст.

Ҳамзамон ба соҳибкории инфиродӣ камбудиҳои муайян хосанд, ки аз байнашон инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: сатҳи нисбатан баланди ноустувории мавқеъ дар бозор, дахолати бемавриди идораҳои назоратӣ, мушкилоти ҷалби воситаҳои иловагии молиявӣ ва гирифтани қарзҳо, нобоварии шарикони хоҷагидорӣ дар мавриди бастани шартномаҳо, таҷрибаи номукаммал доштан дар бозор ва ғайра. Албатта, ноқисиҳо ва нобароришҳо дар фаъолияти соҳибкории инфиродӣ бо сабабҳои дохилию берунии фаъолияти онҳо алоқаманданд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ноустуворӣ ва нобаробариҳои соҳибкории инфиродӣ бештар бо камтаҷрибагӣ ё сатҳи пасти салоҳиятнокии касбии онҳо марбутанд. Масалан қисми зиёди онҳо маълумоти касбиро доир ба фаъолияти худ надошта, таваккалона фаъолият менамоянд. Амалияи соҳибкории инфиродӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки мавҷудияти фақат як таҷрибаи соҳибкорӣ нокифоя буда, барои соҳибкорони инфиродӣ дар шароити муосир донишҳои махсус заруранд.

Одатан фаъолияти соҳибкориро шахсе, ки қариб дар бораи истеҳсолот ва хизматрасонӣ ягон тасаввурот надорад, оғоз менамояд, ки ин ба ноком гаштани ӯ оварда мерасонад. Дар бисёр ҳолатҳо соҳибкор бо вуҷуди доштани дониши ками назариявӣ оид ба идоракунии сохторҳои махсуси соҳибкорӣ ва надоштани таҷрибаи кофӣ бисёр вақт ба азбайнравии чунин

фаъолият боис мегардад.

Имкониятҳои соҳибкорӣ муваффақ ҳамзамон бо ташкили стратегияи дурусти фаъолият метавонад афзоиш ёбад. Соҳибкороне, ки дар муддати дароз бо як стратегия ва бе назардошти вазъи зудтағйирёбандаи бозор фаъолият менамоянд, нисбат ба онҳое, ки зуд-зуд стратегияи худро иваз намуда, бо равиши замона фаъолият менамоянд, даромади нисбатан баланд ва устувор ба даст меоваранд.

Яке аз сабабҳои асосии нобарории соҳибкории хурд ин сатҳи пасти тахассуснокии онҳо мебошад. Агар дар идораи фаъолияти худ соҳибкор аз маслиҳати мутахассисон ва ширкатҳои машваратӣ баҳравар шавад, он гоҳ он ба натиҷаҳои беҳтар ноил мегардад, чунки қарори дастҷамъӣ нисбатан муваффақноктар мебошад. Ба фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар даври аввал андозаи молиякунонӣ ҳам таъсири зиёд мерасонад. Чи қадаре ки сармояи ибтидоӣ зиёдтар бошад, имконияти нигоҳдории фаъолияти соҳибкори инфиродӣ дар вақти душвориҳои иқтисодӣ ва вазъи бухрони соҳибкории инфиродӣ ҳамон қадар бештар аст.

Ҷустуҷӯйи доимии талаботи ҷамъиятӣ ва мутобиқшавӣ ба онҳо асоси стратегияи фаъолияти соҳибкорони инфиродиро ташкил медиҳанд.

Агар таърихи соҳибкории инфиродиро дар Тоҷикистони муосир варақ занем, он аз фаъолияти савдо оғоз меёбад. Яъне мардум дар даврони ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-ум аз сабаби бозмондани корхонаҳо бекор монда ба таври стихиявӣ ба фурӯши молҳои куҳнаи худашон ва баъдтар ба молҳои нав оғоз намуданд. Аслан соҳибкорони ҳамонвақта бе бақайдгирии давлатӣ дар соҳаи савдо фаъолият менамуданд.

Ба вуҷуд омадани бозорҳои номуташакил ба монанди бозори фурӯши молҳои Саховат, Султони Кабир, Корвон, Ҷал-Ҷам ва даҳҳо дигар чунин бозорҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба фаъолияти соҳибкории инфиродии муосир асос гузоштааст. Имрӯз ин бозорҳои ба таври номуташакил ба вуҷуд омада, ба марказҳои калонтарини тиҷоратӣ табдил ёфта, дар онҳо ҳазорон соҳибкорони инфиродӣ тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд.

Як қатор мутахассисони Ғарб соҳибкории инфиродиро ҳамчун мактаби муносибатҳои нави байнифардӣ таҳлил менамоянд.

Умуман, барои иқтисодиёт фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ чун омили муҳими афзуннамоии чандирнокии он хизмат менамояд.

Мувофиқи сатҳи тараққиёти соҳибкории инфиродӣ мутахассисон имконоти мутобиқшавии кишвар ба вазъи тағйирёфтаистодаи иқтисодиётро баҳо медиҳанд. Барои Тоҷикистон, ки дар давраи ибтидоии тараққиёти муносибатҳои бозорӣ қарор дорад, созмон додан ва тараққӣ додани бахши соҳибкории хурд ва соҳибкории инфиродӣ бояд асоси таҷдиднамоии иҷтимоии ҷамъият, ки аҳолиро барои гузариш ба иқтисоди бозорӣ тайёр менамояд, хеле муҳим аст.

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ бар он шаҳодат медиҳад, ки нақши соҳибкории инфиродӣ ҳатто дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва дорои иқтисоди мутараққии бозорӣ афзуда истодааст. Дар мавриди афзоиши шумораи соҳибкорони инфиродӣ ҷойи шак ҳам нест, ки омили муҳими ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва инчунин шуғли аҳолӣ мебошад.

Ҳамаи ин ва дигар вазифаҳои иқтисодию иҷтимоии соҳибкории хурд ва соҳибкории инфиродӣ онро ба қисми ҷудонашавандаи ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон дохил менамоянд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки пешравии ҷамъият ва бо ин таъминоти нисбатан пурраи талаботи истеъмолӣ бо фаъолияти самараноки соҳибкорӣ муайян карда мешавад. Сатҳи баланди ҷоригардонии навовариҳо, ҳаракатнокии тағйиротҳои технологӣ, рушди босуръати соҳаи хизматрасонӣ ва шуғл, рақобати тезу тунди нархию ғайринархӣ, ки аз як тараф, ба пастшавии нархҳо меорад, аз тарафи дигар, истеъмолкунанда маҳсулоти баландсифатро ба даст меорад (ва инчунин имконияти ба дастовариии воситаҳои зиёд дар шакли мудохила аз андоз). Ҳамаи инҳо саҳми соҳибкориро дар иқтисодиёти кишвар ва махсусан, дар робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ташкил медиҳанд.

Вале ҳангоми таҳлили муҳити соҳибкории инфиродӣ мо метавонем якчанд сабабҳои асосиеро, ки садди роҳи рушди инкишофи он дар Тоҷикистон мегарданд, ҷудо намоем:

- вазъи мураккаби иқтисодӣ дар ҷаҳони муосир ба воситаи қабули ҳар гуна таҳримот;

- беқурбшавӣ ва дараҷаи баланди таваррум;

- камшавии талаботи аҳолӣ аз сабаби паст гаштани сатҳи даромаднокӣ;

- косташавии робитаҳои хоҷагидорӣ;

- номукаммалии низоми пардохтӣ ва дараҷаи баланди меъёрҳои фоизии қарзӣ;

- сатҳи пасти донишҳои ташкилию ҳуқуқии соҳибкорон, надоштани таҷрибаи хоҷагидорӣ, ки чи дар соҳибкории хурд ва чӣ дар бахши давлатӣ;

- муносибати манфии гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ, ки соҳибкории инфиродиро танҳо бевосита бо миёнаравӣ, хариду фурӯш алоқаманд медонанд;

- коркарди сусти асосҳои ташкилию ҳуқуқии танзими инкишофи соҳибкории инфиродӣ дар тамоми сатҳ;

- суст будани фаъолияти механизми дастгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ.

Ин вазъи иқтисодии баамаломада ба соҳибкории инфиродӣ дар тамоми самтҳо таъсир мерасонад. Сатҳи баланди беқурбшавӣ ва рушди нархҳо ба тамоми омилҳои истеҳсолот, бисёре аз соҳибкорони инфиродиро бо касодшавӣ рӯ ба рӯ менамояд. Ба қатори онҳо пеш аз ҳама соҳибкороне, ки дар соҳаи истеҳсолоти молҳо ва хадамоти рӯзгордорӣ барои аҳолӣ (ки нархашон пайваста меафзояд) фаъолият мекунанд, дохил мешаванд. Ба соҳибкорони истеҳсолӣ фишори андозӣ хеле таъсири манфӣ мерасонад. Чунин шароити дар ҷамъият бавуҷудомада, ҳавасмандиро ба фаъолияти соҳибкорӣ коҳиш медиҳад.

Мувофиқи пурсишҳое, ки мо ҳангоми таълифи кори илмӣ гузаронидем, масъалаҳои муҳимтарини соҳибкории инфиродӣ дар кишварамон инҳоянд: андозҳо, номукаммалии қонунгузорӣ, беқурбшавии пул, вазъи умумии иқтисодиёт, каср, мушкилоти гирифтани қарз ва меъёри баланди фоизи он, ғайри қобили пардохт будани шарикон, мизоҷон, номукаммалии низоми бонкӣ, вазъи сиёсӣ, идораҳо, фаъолияти ҳукумат, ришвахурӣ, нархҳои баланд ба ашёи хом, мушкилот ба иҷора, робитаҳои сусти иқтисодӣ, норасоии ахборот ва ғайра.

Масъалаҳои номбаркардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳоло шароитҳои зарурӣ барои инкишофи соҳибкории инфиродӣ ба таври бояду шояд ташаккул наёфтаанд.

Омилҳое, ки ба рушди соҳибкории инфиродӣ таъсир мерасонанд дар расми 5 оварда шудаанд.




**Расми 5. Омилҳое, ки ба рушди соҳибкории инфиродӣ таъсир мерасонанд (таҳияи муаллиф)**

Соҳибкории инфиродӣ аз ҷиҳати оммавӣ ҷузъи таркибии иқтисоди бозорӣ буда, сол то сол шумораи онҳо дар ҷумҳурӣ рӯ ба афзоиш дорад. Бе соҳибкории инфиродӣ, иқтидори эҷодии бозор самаранок истифода бурда намешавад. Омӯзиши масъалаҳои ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ

таҳлили ҳамаҷонибаи шароити объективӣ ва субъективиро дар бар мегирад, ки ба имконот, суръат ва миқёси рушди он мустақиман таъсир мерасонанд.

Дар аксари кишварҳои пешрафта, низоми баҳисобгирии оморӣ ба имконияти ба даст овардани натиҷаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ вобаста аз андозаи ин субъектҳо асос ёфтааст. Усули чандирии ташкили мушоҳидаи оморӣ имкон медиҳад, ки ҳар як гурӯҳро назорат карда, сиёсати фарқкунанда таҳия гардад ва самаранокии қарорҳо барои ҳар як гурӯҳҳои алоҳида пайгирӣ карда шавад.

Дар таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ мафҳуми корхонаҳои хурду миёна васеъ истифода мешавад ва ин категория ҳам корхонаҳо - шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам соҳибкорони инфиродиро дар бар мегирад.

Меъёрҳои ба ин ё он гурӯҳ (категория) ҷудо намудани субъектҳои хоҷагидорӣ метавонанд тағйир ёбанд, аммо ташкили баҳисобгирӣ дар асоси муносибати фарқкунанда имкон медиҳад, ки муқоисаи маълумоти бадастомада таъмин карда шавад. Таснифот одатан аз рӯйи шумораи кормандон ва ё гардиши мол, кор ва хизматрасонӣ асос меёбад. Ҳамин тариқ, дар баробари таърифҳои дар айни замон паҳншудаи «субъекти соҳибкории хурд» ва «корхонаи хурд», таърифи «соҳибкории инфиродӣ» низ мавқеъ пайдо менамояд.

Пайдоиш ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар иқтисоди бозорӣ бо маҷмуи сабабҳо алоқаманд аст, ки дар шароити мушаххаси таърихӣ шакли омилҳои бевосита бо табиат ва сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ алоқамандро мегиранд. Ҷойи махсус барои соҳибкории инфиродӣ ба даст овардани муҳити иҷтимоии пайдошаванда мебошад, ки ба вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа дар ҳар як марҳилаи рушди он мувофиқ аст.

Вобаста ба ин, ба ақидаи мо 4 омили асосии пайдоиш ва рушди соҳибкории инфиродӣ мавҷуд аст: техникӣ ва технологӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ.

Омили техникӣ ва технологӣ дар соҳаи қувваҳои истеҳсолкунанда буда, имкониятҳои пайдоиш ва рушди соҳибкории инфиродиро аз ҷониби истифодаи воситаҳои истеҳсолот ва меҳнат муайян мекунад.

Омили иқтисодӣ ба муносибатҳои истеҳсолӣ ишора мекунад ва соҳибкории инфиродиро аз рӯйи категорияҳои моликият, рақобат, таносуби репродуктивӣ, муносибатҳои тақсимотӣ ва муносибатҳои мубодила тавсиф мекунад.

Омили ташкилӣ ҷанбаи сохтории пайдоиш ва рушди соҳибкории инфиродиро дар раванди тағйиротҳое, ки бо ҳамтоёни онҳо ба амал меоянд, муайян мекунад.

Омили иҷтимоӣ дар ин замина он тамоюлҳои рушди иҷтимоиро инъикос менамояд, ки ба бузургии миқдорӣ ва сифатии шароити зиндагии одамони бо соҳибкории инфиродӣ алоқаманд таъсир мерасонанд.

Шароити амали ҳар як омилро нисбат ба соҳибкории инфиродӣ метавон ҳамчун дохилӣ ва беруна тавсиф кард.

Мувофиқи ин, таҳлил бояд дар сатҳи микро ва макро гузаронида шавад, ки ҳам ба як воҳиди алоҳидаи иқтисодӣ ва ҳам ба тамоми маҷмуи онҳо ишора карда шавад. Дар ин ҷо барои ҳар як омил муайян кардани самт, қувват ва давомнокии таъсири он ба объекти иқтисодӣ талаб карда мешавад.

Дар назар бояд дошт, ки танҳо баррасии маҷмуи ин омилҳо имкон медиҳад, ки ҳудуди соҳибкории инфиродӣ дақиқ карда шуда, сабабҳои устувории онҳо дар дарозмуддат муайян карда шаванд. Дар асоси ин, ҷанбаҳои технологӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва иҷтимоии функсияҳоро аз ҳам бояд фарқ намуд.

Дар доираи ин ҷанбаҳо, соҳибкорони инфиродӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд;

- вазифаи ҳавасмандгардонӣ - фароҳам овардани ҳавасмандии моддӣ барои рушди истеҳсолот ва соҳибкорӣ;

- вазифаи иттилоотӣ - муайян ва ба назар гирифтани талаботи аҳолиро ба миқдор, намуд ва сифати муайяни молҳо ва хидматҳо;

- вазифаи танзим - аз нигоҳ доштани таносуби оптималӣ дар соҳаи истеҳсол ва мубодила.

- вазифаи ҳамгирой эҷод ва дастгирии робитаҳои иқтисодии байни пайвандҳо ва субъектҳои иқтисодиёти бозорӣ.

- вазифаи демократикунонӣ таъмини озодии иқтисодӣ тавассути истиқлолияти воқеии иқтисодӣ.

Дар ҳолатҳои мушаххас, соҳибкорони инфиродӣ метавонанд дар доираи вазифаҳои инфиродӣ таъсири гуногун расонанд. Инчунин, бояд динамикаи иҷрои вазифаҳои асосиро аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ба назар гирифт, ки аз хусусиятҳо ва омилҳои муҳити "берунӣ" -и онҳо вобаста аст.

Ҳадафҳое, ки соҳибкор дар назди худ мегузорад фаъолияти минбаъдаи онро муайян менамояд, ки дар расми 6 оварда шудааст.




**Расми 6. Ҳадафҳои соҳибкорӣ (таҳияи муаллиф)**

Дар байни мақсадҳои муҳими соҳибкор бо роҳи истеҳсоли мол, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ, гирифтани даромадро ҳамчун омили асосии рушди фаъолият муайян намудан муҳим аст.

Барои ба даст овардани фоида ва амалӣ намудани ҳадафҳои дигар соҳибкор бояд аз пешрафти илмӣ-техникӣ фаровон истифода намояд.

Афзоиши амали пешрафти илмӣ-техникӣ чунин тағйиротро дар қувваҳои истеҳсолӣ оғоз мекунад, ки ба равандҳои пайдоиш ва рушди соҳибкории инфиродӣ таъсири судманд мерасонанд.

Инчунин имконияти фӯруши мол, кор ва хизматрасонӣ ба воситаи шабакаи интернет вуҷуд дорад, ки аз он аксарияти соҳибкорони инфиродӣ

истифода мебаранд. Ин на танҳо имкониятҳои онҳоро ба таври назаррас васеъ мекунад, балки устувории онҳоро афзун менамояд ва мӯҳлати расидан ба натиҷаи мушаххасро кутоҳ мекунад.

Ҳиссаи дароманокии соҳибкорони инфиродӣ ба маълумоти дахлдоре, ки дар омори давлатӣ асос ёфтааст, сол то сол рӯ ба афзоиш дорад. Ин далел метавонад ба таври ғайримустақим ба самаранокии бештари иҷтимоию иқтисодии соҳибкории инфиродӣ ва мавҷудияти захираҳо барои рушди он тақрибан дар ҳама бахшҳое, ки маҷмуи иқтисодии минтақаро ташкил медиҳанд, хидмат кунад.

Афзоиши даромади номиналӣ дар солҳои охир афзоиши боз ҳам баландтари таваррумро дар пай дошт, бинобар ин даромади воқеии истеъмолкунандагон коҳиш меёфт.

Барои тавсиф кардани омилҳое, ки рушди соҳибкории хурдро бозмедоранд, мушкилоти мавҷударо муайян кардан лозим аст.

Ба ақидаи И.А. Аминов "Ба соҳибкорони инфиродӣ як қатор норасоиҳо аз қабили: дараҷаи баланди хавф, ҳадди баланди ноустувории мавқеъ дар бозор, вобастагӣ аз корхонаҳои калон, мушкилӣ дар гирифтани қарз, дараҷаи баланди ҳасосият ба ивазшавии шароити хоҷагидорӣ, ноустуворӣ дар вақти имзои шартномаҳо ва ғайра" [47].

Андешаҳои профессор И.А. Аминовро тарафдорӣ намуда, инчунин ба ақидаи мо омилҳоеро меафзоем, ки барои рушди соҳибкории инфиродӣ монеъ мешаванд, инҳоянд;

- душвории ба даст овардани сармояи ибтидоӣ ва дониши мукаммал барои оғози бомуваффақияти фаъолияти соҳибкорӣ;
- меъёрҳои баланди андозҳо ва ноустувории онҳо;
- норасоии воситаҳои гардиш;
- норасоии маблағ барои рушд;
- душвориҳо дар гирифтани ҷойгоҳ ва таҷҳизоти истеҳсолӣ;

[47] Аминов И.А. Таҳлили масъалаҳои рушди соҳибкории тиҷоратӣ дар Тоҷикистон. Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.(маҷалаи илмӣ-амалӣ 1.). Душанбе – 2011. С. 110.

- набудани маъхазҳо барои гирифтани иттилооти фаврӣ дар бораи соҳибкорӣ;
- набудани кафолатҳои боэътимоди ҳуқуқии давлат.

Соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод мекунанд, ки низоми андозбандӣ ба қадри имкон сода карда шуда, заминаи оқилонаи меъёрӣ барои ташкили иттиҳодияҳои кредитӣ ва суғуртавӣ ва кооперативҳо ҳамчун заминаи маблағгузории мутақобила ва қарздиҳӣ ба онҳо фароҳам оварда шавад.

Омилҳои ҷиддие аз қабили амалияи мураккаби маъмурию литсензионӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ба рушди соҳибкории инфиродӣ халал мерасонанд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ теъдоди хеле зиёди соҳибкорони инфиродӣ дар соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ машғул буда, дар соҳаҳои дигар, махсусан соҳаи истеҳсолӣ камфаъоланд. Ҳаҷми молҳое, ки онҳо барои қонеъ кардани талаботи бозор истеҳсол мекунанд, хело ҳам кам аст. Аммо бо суръати кунунии афзоиши шумораи соҳибкорони инфиродӣ, сохтори зарурии истеҳсолии соҳибкории хурд дар оянда бояд тақвияти худро пайдо намояд.

Сарфи назар аз эҳё ва афзоиши истеҳсоли маҳсулот, корҳо ва хидматҳо дар соҳаи соҳибкорӣ, саҳми он дар маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ ба таври возеҳ иқтидори воқеии соҳибкориро инъикос намекунад.

Дар асоси маълумоти мавҷудаи оморӣ ва таҳлилӣ, як қатор мушкилоти мубрамтаринеро, ки намояндагони соҳа дар фаъолияти худ дучор меоянд, муайян кардан мумкин аст:

-набудани механизмҳои самарабахши молиявию қарзӣ ва дастгирии моддию захиравӣ барои рушди соҳибкорӣ;

-номукаммалии низоми андозбандӣ;

-инфрасохтори сусти нақлиётӣ;

-ҳамкории сусти соҳибкории хурд ва калон;

-номукаммалии инфрасохтори давлатӣ барои дастгирии соҳибкории хурд;

-мушкилоти кадрҳо ва тайёр кардани мутахассисон барои соҳибкории хурд;

-душворӣ дар татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои инноватсионии соҳибкорон.

Яке аз мушкилоти муҳимтарини рушдро, ки худи соҳибкорон таъкид мекунанд, алалхусус норасоии манбаъҳои молиявӣ ва амволӣ, набудани системаи самараноки молиявию қарзии дастгирии соҳибкорист.

Дар айни замон, дар як қатор минтақаҳои ҷумҳурӣ, мушкилоти асосие, ки ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонанд, дастнорас будани захираҳои қарзӣ ва молиявӣ барои соҳибкорони инфиродӣ мебошад. Имкониятҳо барои гирифтани қарзи дарозмуддати бонкӣ барои соҳибкорони инфиродӣ маҳдуд аст. Фонди дастгирии соҳибкорӣ, бинобар маҳдуд будани имконоти молиявӣ, наметавонад ба субъектҳои соҳибкорӣ кумаки калони молиявӣ расонад. Асосан Фонди дастгирии соҳибкорӣ, ба соҳибкории истеҳсолӣ қарзҳои имтиёзнок пешниҳод менамояд.

Дар баробари ин, барои ҷалби сармояи хусусии ватанию хориҷӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, ки тибқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои ҷумҳуриявии рушди соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад, бояд шароити кофӣ фароҳам оварда шавад.

Набудани системаи таҳияёфтаи дастгирии соҳибкорони инфиродӣ, ки қодиранд хидматрасонии босифат ва арзонро ба миён оваранд, боиси пурра тадбиқ наёфтани қонуни мазкур мегардад. Мушкилоти дигар ин рушди нокифояи суғурта дар соҳаи соҳибкории инфиродӣ мебошад, ки боиси коҳиш ёфтани эътимоднокии робитаҳои иқтисодӣ, афзоиши шумораи муфлисшавиҳо мегардад, ки ҳавасмандии сармоягузорӣ ва навовариро коҳиш медиҳад.

Хатари афзояндаи лоиҳаҳои инноватсионӣ, мавҷуд набудани системаи суғурта ва кафолати татбиқи лоиҳаҳо, боздорандаи рушди соҳаҳои илмталаб мебошад. Ин мушкилот аз нокомил будани бозори дохилии лизинг дар ҷумҳурӣ, муҷаҳҳаз кардани он ҳамчун фаъолияти соҳибкории нав шадидтар мешавад.

Яке аз мушкилотҳое, ки ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонанд, назорати зиёд аз болои фаъолияти соҳибкорон мебошад. Нокомилии қонунгузорӣ боиси такрори ваколатҳои мақомоти иҷроия мебошад, ки вазифаҳои назоратиро анҷом медиҳанд, ба санҷишҳои беасоси субъектҳои хоҷагидорӣ оварда мерасонанд. Қонун "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" наметавонад пурра хусусиятҳои соҳибкориро ба назар гирад. Аз ин рӯ, мавҷуд набудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки равишҳои мушаххаси давлатро оид ба назорати масъалаҳо дар шароити бозор муайян мекунанд, ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Мушкили дигаре, ки ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонад, номукаммалии низоми андоз мебошад. Сарфи назар аз тадбирҳое, ки давлат барои такмили қонунгузории андоз андешидааст, бори андоз барои соҳибкорӣ ҳанӯз ҳам вазнин аст.

Қонунгузории андоз то ҳол баҳснок ва мураккаб боқӣ мемонад. Ҳамаи ин ба он оварда мерасонад, ки танҳо аз се ду ҳиссаи соҳибкорони инфиродии бақайдгирифташуда фаъолияти соҳибкории худро пурра ва қонунӣ анҷом медиҳанд ва инчунин бархе аз соҳибкорони инфиродӣ бошанд расман зиёноваранд.

Соҳибкорон на танҳо аз шумораи андозҳо ва пардохтҳо, балки аз андозаи меъёрҳои онҳо, инчунин зуд-зуд тағйир ёфтани қонунгузории андоз норизо ҳастанд.

Низоми мавҷудаи андозбандӣ ба фаъолияти самараноки соҳибкорони инфиродӣ дар давраи дарозмуддат мусоидат намекунад, ки боиси қатъ намудани фаъолияти онҳо мегардад.

Як монеаи дигари назаррас дар рушди соҳибкорӣ мушкилоти кадрӣ ва набудани низоми муосири омодасозии аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, баланд бардоштани тахассуси соҳибкорон ва кормандони онҳо мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои омӯзиши асосҳои соҳибкорӣ ва асосҳои иқтисодӣ бояд диққати бештар дод.

Хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ амалӣ кардани чораҳоро оид ба мусоидат ба ташкили шуғли мустақили аҳолӣ ва татбиқи ташаббусҳои соҳибкориро бояд вусъат диҳад. Набудани дониши касбӣ дар соҳаи иқтисод ва менеҷмент дар байни соҳибкорон самаранокии соҳибкорони инфиродиро коҳиш медиҳад ва норасоии хизматчиёни давлатӣ, ки вазифаҳои идоракуниро нисбат ба субъектҳои соҳибкорӣ иҷро мекунанд низ паст шуда, самаранокии татбиқи сиёсати давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ коҳиш меёбад.

Бо мақсади омӯхтани андешаи соҳибкорон оид ба мушкилоте, ки ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонанд, мо ақидаи соҳибкоронро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор додем.

Аз ҳамаи мушкилоти ҷойдошта барои рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳо, соҳибкорон чор масъалаи асосиеро, ки ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонанд, ҷудо мекунанд.

1. Набудани манбаъҳои молиявӣ барои сармоягузорӣ бо эҳтиёҷоти фаврӣ ба таҷдиди таҷҳизот ва аз худ кардани технологияҳои нав, таҷҳизоти техникии соҳибкории инфиродӣ.

Дар ҷумҳурӣ манбаи асосии сармоягузорӣ барои соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории инфиродӣ, маблағҳои худи онҳо боқӣ мемонад. Барои дастгирии соҳибкорӣ инфрасохтори муассир вуҷуд надорад (филиалҳои бонкҳо, ташкилотҳои маблағгузории хурд, кооперативҳои қарзӣ) ва механизмҳои кафолати давлатӣ таҳия нашудаанд.

2. Низоми сусти дастгирии иттилоотии соҳибкорӣ. Мушкилоти норасоии иттилоотӣ барои соҳибкорони инфиродӣ вуҷуд дорад. Онҳо ба машваратҳои доимӣ оид ба вазъи қонунгузорӣ, тартиби андозбандӣ, тарзи дуруст ба нақша гирифтани фаъолият, имконияти содиротӣ ва тартиби он ва ғайра ниёз доранд. Дар бозори хизматрасонии иттилоотӣ миқдори маҳдуди маълумот дар бораи харидорон мавҷуд аст. Маълумот дар бораи қарздиҳии имтиёзнок, сармоягузорони эҳтимолӣ, технология ва таҷҳизоти нав барои доираи васеи соҳибкорон амалан дастнорас аст.

3. Монеаҳои маъмурӣ. Мушкилоти такмили назорати давлатӣ аз болои фаъолияти соҳибкорон амри воқеист. Нокомилии қонунгузорӣ боиси такрори ваколатҳои мақомоти иҷроия мегардад, ки вазифаҳои назорат ва танзимро анҷом медиҳанд, ба санҷишҳои беасоси соҳибкорон оварда мерасонанд.

4. Набудани иқтидори истеҳсолӣ ва ҷойгоҳ. Истифодаи иқтидор дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ аз 10 то 50 фоизро ташкил медиҳад. Дар айни замон, соҳибкорони навкор ва мавҷуда фазои кофии истеҳсолӣ ва таҷҳизот надоранд.

Дар асоси гузаронидани пурсишнома маълум гашт, ки барҳамдиҳии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ низ аксар вақт натиҷаи рақобати носолими иқтисодӣ, нотавонии баъзе субъектҳо ба тағйирёбии бозор ва робитаҳои муассир бо истеъмолкунандагони маҳсулот ва хидматҳо мебошад.

Дар ниҳояти кор, ҳалли бисёр масъалаҳои марбут ба рушд ва нумуи иқтисодии соҳибкорони инфиродӣ мавҷудияти манбаъҳои зарурии молиявӣ мебошад.

Бо дарназардошти вазъи умумии иқтисоди ҷумҳурӣ, мушкилиҳои асосӣ ин кам будани маблағҳои буҷети давлатӣ барои дастгирии фаъолияти баъзе аз соҳибкорони инфиродӣ, кам будани манбаи воқеии сармоя барои рушди соҳибкорӣ ва бо фоизҳои баланд пешниҳод гаштани қарзи бонкӣ мебошад. Аз ин рӯ, мақомоти маҳаллиро мебояд, ки кӯшишҳои худро ба ҷалби манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузории фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили захираҳои молиявию қарзӣ бо фароҳам овардани фоизҳои пасттари қарзӣ равона кунанд.

Ҳамин тариқ, вазъи кунунро таҳлил карда, мо метавонем хулоса намоем, ки барои рушди соҳибкории инфиродӣ дар ҷумҳурӣ ҳамаи имконниятҳо истифода бурда нашудаанд. Баъзе аз мушкилоте, ки ҳанӯз дар давраҳои аввали гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ мавҷуд буданд то имрӯз пурра ҳал нагардидаанд ва аз ин рӯ, ҷустуҷӯйи усулҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо вазифаи таъхирнопазир барои худи соҳибкорони инфиродӣ ва ҳам сохторҳои давлатие мебошад, ки барои рушди соҳибкорӣ вазифадоранд.

Ҳамин тариқ, барои рушди васеи соҳибкории инфиродӣ дар ҷумҳурӣ воситаю усулҳои истифоданашуда мавҷуданд, ки дар вақти самаранок ба роҳ мондани онҳо фаъолияти мазкур метавонад боз ҳам ба натиҷаҳои хубтар ноил гардад. Тамоюлҳои номусоиди рушди соҳибкории инфиродӣ ҳам бо мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳам бо хусусиятҳои он ҳамчун субъектҳои иқтисодӣ алоқамананд. Зеро бинобар ба мушкилот, қисмати аз соҳибкорони инфиродӣ фаъолияти худро қатъ намуданд, ки ин метавонадто андозае барои рушди устувори иқтисодии кишвар монеа шавад. Аз ин рӯ, дар шароити мушаххаси иҷтимоию иқтисодии кишвар, ҳалли масъалаҳои матраҳгардидаро ногузир мешуморем.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ МУОСИР ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили ҳолат ва рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ

Дар бобати рушду инкишофи соҳибкорӣ ва ташкили заминаҳои қонунгузории он  дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ корҳои зиёд ба анҷом расонида шуда, бо қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ»  ба шахсони воқеӣ расман барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ иҷозат дода шуд. Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар даврони  Иттиҳоди Шӯравӣ расман фаъолият намудани шахсони воқеӣ ҳамчун  соҳибкори инфиродӣ мамнуъ буд, шаҳрвандон маҳсулоти кишоварзии наздиҳавлигашонро метавонистанд дар бозорҳои “колхозӣ” ба фурӯш нбароранд.

Бояд қайд намоем, ки бо ҷалби шахсони воқеӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва қонунӣ гардонидани фаъолияти онҳо, микдори чунин соҳибкорон дар муддати кӯтоҳ афзоиш ёфта, барои ҳалли мушкилоти зиёди иҷтимоӣ мусоидат намуд. Дар ҳамин замина, масъалаи додани иҷозат ба шахсони воқеӣ ҳамчун соҳибкорони инфиродӣ тибқи патент ҳанӯз аз соли 1995 роҳандозӣ кардашуда самаранокии худро нишон дод.

Таҳлили маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ки теъдоди соҳибкорони инфиродӣ сол ба сол меафзояд (ҷадвали 2.1).

**Ҷадвали 2.1. Маълумот оид ба теъдоди субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда аз Феҳристи ягонаи давлатӣ дар ҷумҳурӣ солҳои  2018 - 2022**

| Номгӯйи субъектҳои соҳибкорӣ | Солҳо | | | | | 2022 бо % ба 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Фаъолияткунанда | 315 890 | 326 491 | 335305 | 339 407 | 340 115 | 107,67 |
| Шахсони ҳуқуқӣ | 31 174 | 30 929 | 31225 | 31 386 | 32 853 | 105,39 |
| Соҳибкорони инфиродӣ | 284 716 | 295 562 | 304040 | 308 021 | 307 262 | 107,92 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| Шаҳодатнома | 33 572 | 34 604 | 37264 | 36 663 | 35 749 | 106,48 |
| Хоҷагии деҳқони | 149 774 | 155 621 | 161376 | 167 009 | 172 108 | 114,91 |
| Патент | 101 370 | 105 337 | 105400 | 104 349 | 99 405 | 98,06 |

Сарчашма: таҳияи муаллиф бо истифода аз ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.1 гувоҳӣ медиҳад, ки шумораи умумии субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2022 ба 340 115 адад баробар буда, соҳибкорони инфиродӣ ба 307 262 баробар буданд, ки зиёда аз 90% -и теъдоди умумиро ташкил менамуд. Дар соли 2022 нисбати соли 2018 теъдоди соҳибкорони инфиродӣ ба миқдори 22 546 нафар афзоиш ёфтан, ки он ба 7,67 фоиз баробар гашт.

Ҳамин тариқ, дар 5 соли охир фақат теъдоди соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд кам гашта (98,06%), дигар субъектҳои соҳибкорӣ рӯ ба афзоиш доштанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар панҷ соли охир ҳамаи намуди субъектҳо афзоиш ёфта, фақат теъдоди шахсони воқеие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд, соли 2022 нисбат ба соли 2018 ба миқдори 1965 нафар кам гаштааст. Миқдори шахсони воқеие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамуданд, соли 2022 нисбат ба соли 2018 баръакс ба миқдори 2177 нафар афзоиш ёфтааст, ки ин аз он гувоҳӣ медиҳад, шумораи соҳибкороне, ки тибқи патент фаъолият менамуданду ба тарзи фаъолият тибқи шаҳодатнома гузаштанд, афзоиш ёфт, ки ин барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ падидаи хуб аст.

Фарқияти низоми патентӣ аз низоми фаъолият бо шаҳодатнома барои соҳибкории инфиродӣ аз рӯи ҳаҷми фуруши мол, кор ва хизматрасонӣ фарқкунанда буда, инчунин соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд маблағи андозро тибқи андозаи муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро новобаста аз бузургии даромади худ, пардохт менамоянд. Соҳибкороне, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз даромади умумии худ дар ҳар давраи ҳисоботӣ эъломияи андозро пешниҳод намуда, аз даромади умумӣ, ки тибқи усули хазинавӣ ба ҳисоб гирифта мешавад 6% андоз пардохт менамоянд.

Умуман, теъдоди соҳибкорони инфиродӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 ба андозаи 7,92% зиёд гашта, миқдори афзоиш ба 22 546 адад баробар аст.

Таҳлили фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар соли 2022 аз он шаҳодат медиҳад, ки аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидорӣ (340 115) мавқеи намоёнро хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳанд, ки 50,6 % буда, фаъолият дар асоси патент – 29,22%, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ – 9,66% ва бо шаҳодатнома – 10,51% дар субъектҳои хоҷагидорӣ фаъолият менамоянд. (нигаред ба ҷадвали 2.2)

**Ҷадвали 2.2. Динамикаи рушди субъектҳои хоҷагидорӣ дар солҳои 2017-2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Шаклҳои фаъолият** | **Солҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
| Ҳамагӣ субъектҳои хоҷагидорӣ | 301298 | 315890 | 326491 | 335305 | 39407 | 340115 |
| Бо шаҳодатнома | 32097 | 33572 | 34604 | 37264 | 36663 | 35749 |
| Бо % нисбати миқдори умумӣ | **10,65** | **10,62** | **10,60** | **11,11** | **10,80** | **10,51** |
| Бо патент | 95953 | 101370 | 105337 | 105400 | 104349 | 99 405 |
| Бо % нисбати миқдори умумӣ | **31,85** | **32,09** | **32,26** | **31,43** | **30,74** | **29,23** |
| Шахсони ҳуқуқӣ | 31205 | 31174 | 30929 | 31265 | 31386 | 32853 |
| Бо % нисбати миқдори умумӣ | **13,12** | **11,53** | **10,81** | **9,22** | **9,21** | **9,65** |
| **Хоҷагиҳои деҳқонӣ** | 142043 | 149774 | 155621 | 161376 | 167009 | 172108 |
| Бо % нисбати миқдори умумӣ | **47,14** | **47,41** | **47,66** | **48,13** | **49,21** | **50,6** |

Сарчашма: таҳияи муаллиф бо истифода аз ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз рӯйи маълумоти дар ҷадвали 2.2. овардашуда бармеояд, ки дар соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори соҳибкорони инфиродие, ки бо шаҳодатнома фаъолият менамуданд ба 35749 нафар баробар буд, ки дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва иҷрои кор фаъолият менамуданд.

Шумораи соҳибкороне, ки тибқи патент ва шаҳодантнома фаъолият менамуданд то соли 2020 дар ҳоли афзоиш қарор дошт, вале теъдодашон , дар солҳои 2021 ва 2022 камтар гардиданд, ки табиист, зеро он ба пайдоиши пандемияи СОВИД-2019 вобастагӣ дорад.

Ҳиссаи субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар 5 соли охир гуногун буда,

дар соли 2022 аз рӯйи  чаҳор гурӯҳ дар расми 2 оварда шудааст:




**Диаграмма 1. Ҳиссаи субъктҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар соли 2022**

Сарчашма: таҳияи муаллиф бо истифода аз ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шумораи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд қариб якхела буда, чуноне, ки қайд намудем, ҳиссаи аз ҳама баландро дар ин миён хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил менамоянд.

Соҳибкорӣ, аз он ҷумла соҳибкории инфиродӣ дар аксари кишварҳои дунё маҳаки асосии рушди ҷомеа буда, ҳиссаи он дар Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), шуғли аҳолӣ ва ташаккули буҷет арзанда аст.

Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки солҳои 2018-2022 саҳми соҳибкорони инфиродӣ дар пардохти маблағҳо ба буҷети давлатӣ назаррас аст. (нигаред ба ҷадвали 2.3.)

### Ҷадвали 2.3. Пардохтҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ бе назардошти маълумотҳои хоҷагии деҳқонӣ (ҳаз. сомонӣ)

| Мазмуни амалиёт | 2018 | | | | | 2019 | | | | | 2020 | | | | | 2021 | | | | | 2022 | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | шумора | АТНС | Андози даромад | Андози ичтимоӣ | **Ҳамагӣ** | Шумора | АТНС | Андози даромад | Андози ичтимоӣ | **Ҳамагӣ** | Шумора | АТНС | Андози даромад | Андози ичтимоӣ | **Ҳамагӣ** | Шумора | АТНС | Андози даромад | Андози ичтимоӣ | **Ҳамагӣ** | Шумора | АТНС | Андози даромад | Андози ичтимоӣ | **Ҳамагӣ** |
| Патент | 101 447 | | 134 448,7 | 57 351,9 | **191 800,6** | 105 371,0 | | 144 843,4 | 61 477,8 | **206321,2** | 104 560 | | 135963,9 | 58116,2 | **194080,1** | 104389 | | 179511,0 | 75824,8 | **255335,8** | 99 405 | | 204623,0 | 87369,4 | **291992,4** |
| Шаҳодатнома | 33586 | 200296,4 | 30231,9 | 107734,9 | **338263,2** | 34606 | 208762,8 | 33831 | 122661 | **365254,8** | 35 136 | 129565,6 | 17278,8 | 70224,1 | **221068,4** | 36663 | 181104,5 | 23098,6 | 92866,4 | **297069,5** | 35 749 | 234709,7 | 28828,4 | 112154,9 | **375 693** |
| **Ҳамагӣ** | **135033** | **200296,4** | **164680,6** | **165086,8** | **530063,8** | **139977** | **208762,8** | **178674,4** | **184138,8** | **571 576** | **139 696** | **129 565,6** | **153 257,7** | **128 340,3** | **415 148,5** | **14 0139** | **181 104,5** | **202 609,6** | **168 691,2** | **552 405,3** | **135154** | 234709,7 | **233451,8** | **199524,3** | **667685,4** |

Сарчашма: таҳияи муаллиф бо истифода аз ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз ҷадвали 2.3. чунин бармеояд, ки пардохтҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ ба намуди андози даромад ва андози иҷтимоӣ дар солҳои охир майл ба афзоиш доранд. Даромадҳои андозии соҳибкорони инфиродӣ бе дарназардошти маълумотҳои хоҷагии деҳқонӣ дар соли 2022 ба 667685,4 ҳаз. сомонӣ баробар буда, дар соли 2020 ин нишондиҳанда ба 552 405,3 ҳаз. сомонӣ баробар буд, ки афзоиш ба 17,2 6% баробар аст.

Ҳамасола ММД ва даромадҳои андозии буҷети давлатӣ рӯ ба афзоиш дошта, мувофиқи ҷадвали 2.4. соли 2021 нисбат ба соли 2018 қариб 34% афзоиш ёфта, даромадҳои умумии буҷетӣ бошад дар соли 2021 нисбат ба

соли 2018 дар ҳадди 22,2% зиёд гаштааст, инчунин даромадҳои андозии буҷет дар соли 2021 нисбат ба соли 2018 то андозаи 33,4% зиёд гардида, даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ бошад дар чор соли охир фақат 4,2% зиёд гардидааст, ки он дар ҷадвали 2.4. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.4. Ҳиссаи андозҳо аз соҳибкорони инфиродӣ дар иқтисоди миллӣ солҳои 2018-2021**[48]

| Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021бо% ба 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД | млн. сомонӣ | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 98910,7 | 139,2 |
| Даромади буҷети давлатӣ | млн. сомонӣ | 24097,2 | 23490,4 | 25065,0 | 29478,7 | 122,3 |
| Даромадҳои андозӣ | млн. сомонӣ | 14743,9 | 16317,7 | 15366,5 | 19667,0 | 133,4 |
| Даромадҳои ғайриандозӣ | млн. сомонӣ | 1772,9 | 1182,3 | 1895,4 | 1640,7 | 92,5 |
| Даромади буҷети давлатӣ аз соҳибкорони инфиродӣ | млн. сомонӣ | 530,1 | 571,6 | 415,1 | 552,4 | 104,2 |

Сарчашма: таҳияи муаллиф бо истифода аз Омори солонаи ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.




**Даграмма 2. Ҳиссаи андозҳо аз соҳибкорони инфиродӣ дар ММД ва буҷети давлатӣ дар солҳои 2018-2021**

Сарчашма: таҳияи муаллиф бо истифода аз Омори солонаи ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 2. чунин бармеояд, ки ҳиссаи андозҳо

---

[48] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022 – Душанбе.// Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2022. -368с.

аз соҳибкорони инфиродӣ дар ММД хело паст буда, солҳои охир аз 0,49% то 0,75%-ро ташкил намудааст, ки ҳамин нишондиҳанда дар мамлакатҳои тараққикарда то 5%-ро ташкил мендиҳад.

Ҳиссаи андозҳо аз соҳибкорони инфиродӣ дар даромадҳои андозии буҷет низ дар панҷ соли охир баланд набуда, он аз андозаи 2,70% то 3,56% расидааст. Аз натиҷаҳои овардашуда маълум мегардад, ки пандемияи КОВИД-2019 солҳои 2020 ва 2021 таъсири манфии худро дар афзоиш ёфтани даромадҳои андозӣ аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ гузоштааст.

Чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, саҳми соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд, дар хаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилаи мамлакат начандон калон аст ва гуфтан мумкин аст, ки иқтидори ин бахши муҳими иқтисодиёт пурра истифода намегардад (диаграммаи 3)

**Диаграммаи 3. Шумораи соҳибкорони инфиродӣ аз рӯйи шаҳодатнома дар солҳои 2018-2022 (нафар)**




Сарчашма: таҳияи муаллиф бо истифода аз ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шумораи соҳибкорони инфиродӣ аз рӯйи шаҳодатнома дар соли 2022 нисбат ба соли 2021 дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон якмаром набуда, теъдоди онҳо дар вилояти Суғд 473 нафар зиёд шудааст, дар шаҳри Душанбе бошад ин шумора соли 2022 нисбат ба соли 2021 ба миқдори 272 нафар кам

гаштааст. Чунин камшавӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2021 дар минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ ба назар расида, дар вилояти Хатлон – 178 нафар, НТҶ – 147 нафар ва ВМБК – 26 нафарро ташкил намуд.

Ҳамзамон, дар соли 2022 ҳиссаи соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамуданд, вобаста ба минтақаҳои ҷойгиршавиашон гуногун буда, аз ҳама зиёдтар шумораи чунин соҳибкорон дар вилояти Суғд ба қайд гирифта шудаанд, ки 31,95%-и шумораи умумиро ташкил менамояд. Дар шаҳри Душанбе соли 2022 ба 10 599 нафар соҳибкори инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамуданд ба қайд гирифта шудаанд, ки ин 29,65%-и чунин соҳибкоронро аз миқдори умумии ҷумҳуриявӣ ташкил медиҳад. Аз ҳама кам соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамуданд, дар ВМКБ ба кайд гирифта шудаанд, ки миқдори умумии онҳо дар соли 2022 ба 965 нафар баробар буда, ҳиссаи он танҳо 2,7%-ро ташкил медиҳад. (Диаграммаи 4)




**Диаграммаи 4. - Ҳиссаи соҳибкорони инфиродӣ аз рӯйи шаҳодатнома дар митақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 (бо фоиз)**

Сарчашма: таҳияи муаллиф бо истифода аз ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон.

Дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ шумораи соҳибкори инфиродие, ки

тибқи шаҳодатнома фаъолият менамояд, сол аз сол афзоиш меёбад.

Ногуфта намонад, ки миқдори муайяни соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамуданд, вобаста ба зиёд гаштани гардиши мол, кор ва хизматрасониашон ба шахсони ҳуқуқӣ мубаддал гаштанд, ки ин раванд ҳам метавонад ба кам гаштани миқдори умумии онҳо боис гардад.

Пардохтҳои андозии соҳибкорони инфиродӣ вобаста ба намуди фаъолият дар ҷадвали 2.5 нишон дода мешавад.

**Ҷадвали 2.5. Пардохтҳои андозии соҳибкорони инфиродӣ вобаста ба намуди фаъолият**

| Намуди фаъолият | Маблағи андозҳои ҳисобшуда (ҳаз. | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021бо% ба 2017** |
| Соҳаи истеҳсолот | 19 843,5 | 26 877,0 | 32 430,0 | 35 983,7 | 47553,6 | 239,64 |
| Истеҳсоли молҳои саноатӣ ва сохтмонӣ | 4 510,1 | 6 307,7 | 8 622,5 | 9 641,5 | 12513,8 | 277,46 |
| Истеҳсоли молҳои ниёзи мардум (хӯроквори) | 10 293,0 | 13 273,1 | 15 431,6 | 16 755,8 | 22371,5 | 217,34 |
| Истеҳсоли дигар молҳо | 5 040,5 | 7 296,3 | 8 375,9 | 90586,3 | 12668,3 | 443,83 |
| Кишоварзӣ | 1 464,4 | 1 870,3 | 1 290,6 | 1 504,0 | 1298,8 | 88,69 |
| Хизматрасонӣ | 39 615,2 | 55 155,4 | 63 015,1 | 65159,2 | 81417,9 | 205,52 |
| Нақлиёт | 2 085,4 | 2 951,3 | 4 495,4 | 4051,0 | 4856,6 | 232,88 |
| Алоқа (ширкатҳои мобилӣ ва хизматрасонии дилерӣ) | 1 201,9 | 1 598,8 | 1 927,1 | 2 727,2 | 3086,2 | 276,77 |
| Ошхона, тарабхона ва қаҳвахона | 24 959,6 | 36 065,8 | 39 926,0 | 39 609,6 | 49443,4 | 198,09 |
| Иҷрои кор ва хизматрасониҳо | 11 368,3 | 14 539,5 | 16 666,6 | 18 771,4 | 24031,7 | 211,39 |
| Иҷора | 1 811,7 | 2 089,8 | 3 840,8 | 4 123,8 | 4746,7 | 262,0 |
| Хизматрасонии тиббӣ (марказҳои тиббӣ ва дандонпизишкӣ) | 1 543,8 | 2 037,1 | 2 474,7 | 2 591,3 | 3266,7 | 211,6 |
| Соҳаи савдои яклухт ва чакана (хизматрасонӣ) | 83 026,3 | 110 927,9 | 147 815,9 | 167189,0 | 208571,5 | 251,2 |
| Дигар намуди фаъолият | 9 729,0 | 13 759,7 | 6 620,8 | 8 412,1 | 14304,4 | 147,0 |
| **Ҷамъ дар миқёси ҷумҳур** | **153** | **208 590,3** | **251 172,5** | **278** | **353146,3** | **229,78** |

Сарчашма: таҳияи муаллиф бо истифода аз ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021.

Аз ҷадвали 2.5 чунин бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

даромадҳои андозӣ аз ҳисоби соҳибкороне, ки дар соҳаи хизматрасонӣ фаъолият менамоянд, таъмин карда мешавад. Мутаассифона, соҳаи истеҳсолӣ нисбатан ба натиҷаҳои пасттар ноил гардидааст. Дар байни намуди алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ бошад, соҳаи савдо даромадҳои зиёдтарро ба буҷети давлатӣ таъмин намуда, аз ҷиҳати миқдорӣ низ фисади аз ҳама баландро дар қиёс бо соҳаҳои дигар соҳиб аст.

Инчунин нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.5 собит менамояд, ки қариб аз рӯйи ҳамаи намуди фаъолият, ба ҷузъ аз фаъолияти кишоварзӣ дар панҷ соли охир афзоиши пардохтҳо ба буҷети давлатӣ дукарата ва аз он зиёдтар таъмин гаштааст.

Нишондиҳандаҳои оморӣ собит намуданд, ки дар солҳои охир соҳибкорони инфиродӣ бештар дар соҳаҳои хизматрасонӣ фаъолият менамоянд ва шумораи соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти истеҳсолию саноатӣ менамоянд, камтар аст.

**Ҷадвали 2.6. Шумораи соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд (вобаста ба намуди фаъолият) 2017-2021**

| Намуди фаъолият | шумора | шумора | шумора | шумора | шумора | Бо фоиз нисбат ба соли 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 |
| Ҷамъ дар миқёси ҷумҳур | 31 548 | 33 572 | 34 604 | 37 246 | 36 663 | 116,17 |
| 1.Соҳаи истеҳсолот | 3 531 | 3744 | 3843 | 4071 | 4 409 | 124,8 |
| Ҳиссаи соҳаи истеҳсолот дар ҳаҷми умумии субъектҳо (бо фоиз) | 11,19 | 11,15 | 11,10 | 10,93 | 12,02 | |
| **1.1.** Истеҳсоли молҳои саноатӣ ва сохтмонӣ | 905 | 959 | 985 | 1043 | 1 235 | 136,5 |
| 1.2. Истеҳсоли молҳои ниёзи мардум (хӯрокворӣ) | 1618 | 1716 | 1761 | 1866 | 2 143 | 132,44 |
| 1.3. Истеҳсоли дигар молҳо | 1008 | 1069 | 1097 | 1162 | 2 143 | 212,59 |
| 2. Кишоварзӣ | 468 | 496 | 507 | 540 | 601 | 128,4 |
| Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии субъектҳо (бо фоиз) | 1,48 | 1,48 | 1,47 | 1,45 | 1,64 | |
| 3. Хизматрасонӣ | 7 596 | 8058 | 8267 | 8758 | 7 848 | 103,31 |
| Ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ (бе назардошти соҳаи савдо) дар ҳаҷми умумии субъектҳо (бо фоиз) | 24,07 | 24,00 | 23,89 | 23,51 | 21,41 | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3.1. Нақлиёт | 437 | 464 | 475 | 504 | 487 | 111,4 |
| 3.2. Алоқа (ширкатҳои мобилӣ ва хизматрасонии дилерӣ) | 407 | 431 | 443 | 469 | 410 | 100,7 |
| 3.3. Ошхона, тарабхона ва қаҳвахона | 3903 | 4138 | 4248 | 4500 | 3 880 | 99,41 |
| 3.4. Иҷрои кор ва хизматрасониҳо | 2 849 | 3020 | 3101 | 3285 | 3 071 | 107,8 |
| 3.5. Иҷора | 242 | 257 | 263 | 279 | 389 | 160,7 |
| 3.6.Хизматрасонии тиббӣ (марказҳои тиббӣ ва дандонпизишкӣ) | 334 | 354 | 363 | 385 | 397 | 118,9 |
| 4. Соҳаи савдои яклухт ва чакана (хизматрасонӣ) | 17 444 | 18496 | 18984 | 20113 | 21 844 | 125,2 |
| Ҳиссаи соҳаи савдои яклухт ва чакана дав ҳаҷми умумии субъектҳо (бо фоиз) | 55,29 | 55,09 | 54,76 | 54,00 | 59,58 | |
| Ҳиссаи дигар намуди фаъолият | 2 509 | 2660 | 2731 | 2893 | 2756 | 109,8 |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф бо истифода аз ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз ҷадвали 2.6 маълум мегардад, ки ҳиссаи соҳибкорони инфиродие, ки дар соҳаҳои хизматрасонӣ фаъолият менамоянд аз ҳама зиёд буда, он дар соли 2021 ба 21,4% баробар аст. Ҳиссаи соҳибкорони инфиродие, ки дар соҳаи истеҳсолӣ фаъолият менамоянд нисбат ба миқдори умумӣ ба 12,2% баробар аст, ки ин такмили худро талаб менамояд.

Чунин натиҷаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳибкорони инфиродӣ бештар ба соҳаҳои хизматрасонӣ майл дошта, дар соҳаҳои истеҳсолӣ кам мароқ зоҳир менамоянд. Ҳол он ки меъёри андозҳо барои соҳибкорони инфиродие, ки дар соҳаҳои истеҳсолӣ фаъолият менамоянд то соли 2021 аз намояндагони соҳаҳои дигар камтар буд.

Имрӯз низ барои соҳибкорони инфиродие, ки дар соҳаҳои истеҳсолӣ фаъолият намуда, андозро баъди тарҳи хароҷот аз даромади умумӣ ҳисоб менамоянд, (бо тартиби дигари муқарраркардаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи андоз фақат даромади умумӣ бе тарҳи хароҷотҳо мансуб мешавад) 18%-и андози даромади шахсони ҳуқуқиро истифода мебаранд.

Омӯзиши хусусиятҳои хоси соҳибкории инфиродӣ бо мақсади муайянкунии самтҳои лозимаи дахолати давлатӣ гузаронида мешавад. Маълум аст, ки яке аз самтҳои асосии рушди устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ба масъалаи эҳёгардӣ ва тараққиёти соҳибкории инфиродӣ алоқамандии зич дорад. Барои таъмини рушди соҳибкории инфиродӣ сиёсати самараноки андозситонӣ, сиёсати дурусти молиявию қарзӣ, ташкили

инфрасохтори сифатноки бозор, вазъи солими рақобатӣ, ҳимоя ва дастгирии давлатии он заруранд.

Дар давоми  солҳои охир шумораи соҳибкорони инфиродӣ, ки тибқи патент фаъолият менамоянд 3,2% афзоиш ёфта, шумораи соҳибкороне, ки тибқи шаҳодатнома дар ҷумҳурӣ фаъолият менамоянд баръакс 1,64% кам гардидааст. Ин дар ҳоле аст, ки ба миқдори кифоя зерсохтори хизматрасонандаи соҳибкории хурд тараққӣ наёфтааст ва соҳибкории хурд ба бозори сармояҳо ба дараҷаи зарурӣ дастрасӣ надорад.

**Ҷадвали 2.7. Шумораи субъектҳои амалкунандаи соҳибкории хурду миёна дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 31.12.2022.[49]**

| Минтақаҳо | Шаклҳои хоҷагидории СХМ* | | | | Ҳамагӣ СХМ | Бо % нисбат ба ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шаҳодат-нома | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Патент | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
| ВМКБ | 1034 | 142 | 2030 | 1233 | 4783 | 1,4 |
| Хатлон | 6687 | 66580 | 26008 | 9927 | 107560 | 31,6 |
| Суғд | 11320 | 69889 | 32199 | 8716 | 120783 | 35,5 |
| Душанбе | 10751 | 122 | 23647 | 7674 | 45352 | 13,3 |
| НТМ* | 5957 | 35375 | 15521 | 5303 | 61637 | 18,1 |
| Ҳамагӣ | 35 749 | 172 108 | 99 405 | 32 853 | 340 115 | 100 |
| Бо % нисбат ба ҳамагӣ | 10,51 | 50,60 | 29,23 | 9,66 | 100 | - |

** СХМ – соҳибкории хурду миёна, НТМ – ноҳияҳои тобеи марказ*

**Сарчашма**: Ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023. Сайти электронии андоз.тч. санаи муроҷиат 25.01.2023.

Аз нишондиҳандаҳои оморӣ маълум аст, ки вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии субъекҳои хоҷагидорӣ вилояти Суғд ҷойи аввал (35,5%), вилояти Хатлон ҷойи дуюмро (31,6%) ишғол менамояд, ки  дар сатҳи ҷумҳурӣ 67,1% ташкил медиҳад.

Инчунин, аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.7 бармеояд, шумораи соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд нисбат ба шумораи умумии субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ 29,63%-ро ташкил

[49] Ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023. Сайти электронии andoz.tj. санаи муроҷиат 25.01.2023.

намуда, шумораи соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд дар соли 2022 ҳамагӣ 10,51%-ро ташкил медиҳад.

Ҳиссаи нисбатан зиёдро хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳанд, ки шумораи онҳо ба 50,6% аз миқдори умумии соҳибкорони инфиродӣ мерасад.

Дар байни вилоятҳо ва минтақаҳо фақат дар ВМБК миқдори соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд 0,32% кам шудааст. Дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нишондиҳандаи мазкур майл ба афзоиш дорад. Дар вилоятҳо, ки алоҳида дар ҷадвал оварда шудааст, асосан миқдори соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд, афзоиш ёфтааст.

Вазъи соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд нигароникунанда буда, соли 2022 қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ хуб рушд наёфтааст.

Маълумотҳои ҷадвали 2.7 - ро истифода намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар ҳоли мавҷудияти шароити иқтисодӣ то дараҷае кушода, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳо бояд мавқеи пешсафро ишғол намояд. Дар баробари ин, мо чунин мешуморем, ки дар солҳои охир муътадилгардонии вазъи макроиқтисодии мамлакат ба даст омад, лекин сатҳи ба дастомадаи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба талаботҳои марҳилаи ҳозираи рушди иқтисодиёт ҷавобгӯй нест.

Солҳои охир  соҳибкорони инфиродие, ки  дар соҳаи хизматрасонии тиббӣ  фаъолияти соҳибкории инфиродӣ менамоянд рӯ ба инкишоф ниҳодааст. Тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз шахси воқеӣ метавонад бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ҳамчун хоҷагии деҳқонӣ ба фаъолияти кишоварзӣ машғул шавад.

Қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016 таҳти №1289 ба хоҷагиҳои деҳқонӣ чун субъектҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар мустақилияти фаъолият ва гирифтани даромад  шароити мусоид фароҳам оварда, ба онҳо имконияти хуби кишти дилхоҳ маҳсулотро фароҳам овардааст. Дигар ягон мақоми давлатӣ тибқи

талаботи қонунгузорӣ барои истеҳсоли ин ё он зироат ё маҳсулот хоҷагиҳои деҳқонро маҷбур карда наметавонанд.

Аммо, ин маънои онро надорад, ки шахсони алоҳида заминҳоро банд намуда, онҳоро холӣ монанд ё як маротиба хосил гирифта заминро ғайрисамаранок истифода баранд. Ба андешаи мо, барои хоҷагиҳои деҳқоние, ки солҳои зиёд заминҳоро бекор гузошта, онро самаранок истифода намебаранд, меъёрҳои маҳдудкунӣ ё барҳамдиҳии фаъолияти онҳо бояд аз тарафи давлат мавриди коркард қарор дода шаванд.

Инчунин, пешниҳод менамоем, ки аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ ва ниҳодҳои илмӣ-тадқиқотии соҳа ҳамкории мутақобила хубтар ба роҳ монда шуда, дар масъалаи истифодаи навъҳои пурмаҳсули зироатҳо, самаранокии ин ё он навъи маҳсулот вобаста ба мавқеи ҷогиршавии ҷуғрофии минтақаҳо маслиҳатҳои доимӣ ва муфид дода шавад.

Маркази иттилоотию машваратӣ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ бояд хубтар ба роҳ монда шуда, маблағгузорӣ карда шаванд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, махсусан хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат бевосита алоқамандии ногусастанӣ дорад. Ислоҳоти гузаронидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи кишоварзӣ вобаста ба мубадал намудани хоҷагиҳои бузург ба хоҷагиҳои хурду миёна сатҳи масъулиятшиносии онҳоро афзун карда, ба баланд шудани самаранокии фаъолияти онҳо оварда расонид.

**Ҷадвали 2.8. Динамикаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 2015-2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | с.2022 нисбат ба соли 2015, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи хоҷагиҳои деҳқонии бақайд гирифташуда. (адад) | 73806 | 87594 | 108035 | 130176 | 145107 | 161406 | 167 025 | 172 103 | 233,18 |
| Замини истифодаи кишоварзӣ. (ҳаз.га) | 2589,4 | 2580,8 | 2558,3 | 2557,1 | 2591,5 | 2592,5 | 2595,5 | 2598,5 | 100,35 |
| Андозаи миёнаи масоҳати замин. (га.) | 35,1 | 29,5 | 23,7 | 19,6 | 17,9 | 18,5 | 19,2 | 18,9 | |
| Маҳсулоти умумии кишоварзӣ. (млн. сомонӣ) | 18259,8 | 19642,3 | 20472,2 | 21126,3 | 22234,0 | 22339,3 | 18976,1 | 17210,3 | 94,25 |

Сарчашма: маҷмуи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ - Душанбе, 2022. –с.218.

Мувофиқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 01.01.2022 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҷумҳурӣ 172103 ададро ташкил медиҳад.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.8 чунин бар меояд, ки дар давраи таҳлилшаванда миқдори умумии хоҷагиҳои деҳқонии фаъолиякунанда ба андозаи 2,33 маротиба зиёд, аммо масоҳати майдони кишти онҳо бошад ба миқдори 0,35% зиёд шудааст. Дар баробари ин андозаи миёнаи майдони кишт барои як хоҷагӣ, агар дар соли 2015 35,1 гектарро ташкил диҳад, дар соли 2021 ин нишондиҳанда 18,9 гектарро ташкил медиҳад, ё ин ки дар давраи омӯхташаванда андозаи миёнаи майдони кишт ба миқдори 65,7% кам гардидааст. Зери таъсири чораҳои роҳандозишуда нишондиҳандаҳои молиявию хоҷагидории субъектхои хурди кишоварзӣ сол то сол тақвият меёбанд, ки нишонаи он дар давраи таҳқиқотӣ зиёд гаштани даромаднокӣ ва маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо мебошад. Дар самти мазкур ба хориҷи мамлакат содирот кардани маҳсулоти истеҳсолшаванда ҳамчун масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мемонад. Қайд кардан зарур аст, ки баъзе аз хоҷагиҳо

мушкилоти зеринро бомуваффақият ҳал намуда, бо шарикони хориҷӣ шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида истодаанд, ки дар миқёси ҷумҳурӣ хело кам аст.

Дар рафти амалигардонии ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати аз байн бурдани нобаробарии гендерӣ ҳуқуқи зан дар идоракунии кишоварзӣ баланд гардида, шумораи хоҷагиҳои деҳқоние, ки роҳбарашон зан мебошад, тибқи маълумотҳои оморӣ ба 01.01.2022 шумораи онҳо ба 31041 нафар мерасад ва барои рушди соҳаи кишоварзӣ саҳми худро гузошта истодаанд. Дар доираи лоиҳаи "Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо", ки дар соҳаи кишоварзӣ амалӣ гардида истодааст, барои баланд бардоштани даромаднокии занҳои хонаводаҳои камбизоат ба 853 зан кӯмакҳои моддӣ расонида шуд.

Дастрасии нокифояи кишоварзон ба қарзҳои имтиёзнок яке аз мушкилоти соҳа буда, ҷиҳати ноил гардидан ба устувории молиявӣ ва ҷорӣ намудани механизми нави маблағгузории соҳаи кишоварзӣ, то ҳол ҳалли худро наёфтааст ва барои ҳалли ин мушкилот Вазорати кишоварзӣ ба дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ниёз дорад.

Бинобар ин, баҳри баланд бардоштани сатҳи дастрасии хоҷагиҳои кишоварзӣ ба кӯмакҳои молиявӣ ва қарзҳои имтиёзноки кутоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ҷорӣ намудани низоми нави механизми маблағгузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва таҳияи чорабиниҳо оид ба таъмини бехатарии иҷтимоиро аз ҷониби мақомоти масъул зарур мешуморем.

Соҳибкории инфиродӣ ҳамчун бахши алоҳидаи таъмини рушди воқеии иқтисодиёт ҳиссаи ками даромад аз маҳсулоти фурӯхташуда (корҳо, хизматҳо)-ро дар иқтисоди миллӣ таъмин менамояд. Ҳиссаи истеҳсоли молу маҳсулот, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ дар ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон хело паст буда, имкониятҳои афзун намудани он мавҷуд буда, бояд роҳҳои зиёд намудани нишондиҳандаҳои мазкурро илман асоснок намуда, ҷустуҷӯ намуд.

Аз рӯйи таҳлилҳои матраҳшуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар

давраи таҳқиқшуда, дар умум афзоиши фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ҳамчун як соҳаи муҳими иқтисоди миллӣ ба чашм мерасад. Чунин нуқтаро бояд қайд намуд, ки дар самти мазкур ҳамаи захираҳо истифода нашуда, имконияти афзоиши он вуҷуд дорад.

Имкониятҳои афзоиш додани иқтидори фаъолияти соҳибкории инфиродиро давлат метавонад ба воситаи дастгирии фаъолияти онҳо таъмин намояд. Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ корҳои зиёд бурда шудаанд, вале дараҷаи татбиқи санадҳои қабулшуда дар минтақаҳо ва маҳалҳои ҷумҳурӣ такмилро металабанд.

Ҳангоми татбиқи сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти давлатӣ оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя нақши муҳимро мебозад. Ин мақомоти давлатӣ бояд ҳамкорҳоро бо ташкилоти байналмилалӣ  тақвият дода, барои ҷалби сармоягузории фаъолияти соҳибкорӣ мусоидати беш кунад.

Таҳлили марҳилаҳои рушди соҳибкории инфиродӣ дар мамлакат собит намуд, ки новобаста аз корҳои зиёди анҷомдодашуда, дар кишвар то ба ҳол шароити мусоидаткунандаи афзоиши микдори соҳибкорони инфиродӣ бо дар назардошти рушди устувору босамари онҳо ба таври кифоя ташкил нашудааст. Яъне захираҳои рушди соҳибкории инфиродӣ  зиёд буда, нишондиҳандаҳои онҳо то ба ҳол қонеъкунанда нест.

Дар ҳоле, ки ҳиссаи соҳибкории инфиродӣ дар мамлакатҳои тараққикардаи дунё то 30%-и маҷмӯи маҳсулоти давлатии онҳоро ташкил менамояд, ин нишондиҳанда дар ҷумҳурӣ тибқи таҳлили солҳои охир қариб 5%-ро ташкил менамояд, ки мақбулу табиӣ ба назар намерасад. Ҳалли масъалаи мавриди назар бе ташкили инфрасохтори дастгирии соҳибкории инфиродӣ ғайриимкон аст.

Аз солҳои аввали пайдоиши соҳибкории инфиродӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои меҳвариитаъминкунандаи рушди иқтисодӣ, дар мамлакат барои

соҳаи мазкур низоми ниҳодҳои инфрасохтории мувофиқ ташкил карда шуд.

Инфрасохтори молиявӣ ва дастгирии давлатии соҳибкории инфиродиро дар ҷумҳурӣ  Шӯро доир ба соҳибкорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фонди дастгирии соҳибкории хурд, фондҳои вилоятии дастгирии соҳибкории хурд, Маркази дастгирии соҳибкории хурд, Кумитаи иттифоқҳои касабаи кормандони соҳибкории хурд ва Палатаи савдою саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамоянд (расми 7):




**Расми 7. Инфрасохтори молиявӣ ва дастгирии давлатии соҳибкории инфиродиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Сарчашма: таҳияи муаллиф, бо истифода аз манбаҳо электронӣ.

Имрӯз соҳибкорони инфиродӣ бо мақомоти давлатӣ ҳамкории зич

дошта, онҳоро дар масъалаи муроҷиат намудан ба дилхоҳ ниҳодҳои давлатӣ мушкилот пайдо намешавад.

Ҳамин тавр, рушди иқтисоди миллӣ бе саҳму рушди бемайлони фаъолияти соҳибкории инфиродӣ имконпазир набуда, аз ин рӯтаҷдиди сиёсати дастгирии соҳибкорӣ бо ҷудокунии мақсадҳои асосӣ ва махсус ногузир аст, ки он бе ба роҳ мондани дастгирии молиявӣ имконпазир нест.

Ҳамин тариқ, аз муҳтавои зерфасли мазкур чунин хулосае бар меояд, ки вобаста ба шароити имрӯза дар мамлакат зарурати иловатан такмил додани асосҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи соҳибкории инфиродӣ, дарёфти роҳҳо ва усулҳои тадбиқи амалии онҳо ба миён омадааст. Дар заминаи роҳандозии низоми мусоиди соҳибкории инфиродӣ, ки дар маҷмуъ манфиатҳои давлат ва субъектҳои соҳибкории инфиродиро қаноатманд ва таъмин карда метавонад, натиҷаҳои фаъолияти онҳо беҳтар гардида, дар баробари ин рушди соҳибкорӣ ва суботи иқтисодии мамлакат таъмин мегардад. Дар инҷо таҳлил ва таҷзияи самаранокии иқтисодии соҳибкории инфиродӣ дар мамлакатҳои гуногун зарур мебошад.

## 2.2. Таҳлили таъсири омилҳо ба рушди соҳибкории инфиродӣ

Ба назари мо, таҳлили омилҳои ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсиррасон бо истифода аз усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ ҷанбаи амалӣ дошта, имконият медиҳад, ки арзёбии дуруст гузаронида шавад. Амсилаи иқтисодӣ-математикӣ бо истифодаи формулаҳо, муодилаҳои математикӣ ва инчунин бо назардошти омилҳои таъсиркунандаи дохилию берунӣ оид ба фаъолияти объект тарҳрезӣ карда мешавад. Аз нигоҳи математикӣ амсилаи иқтисодӣ-математикӣ имконият медиҳад, ки омилҳои алоқаманд ва таъсиррасон ба фаъолияти объектҳо муайян гардида, барои рушди минбаъдаи он тавсияи дақиқ ва илман асоснок пешбинӣ карда шавад. Дар зинаи аввали тарҳрезии амсилаи иқтисодӣ-математикӣ таҳқиқи назариявӣ оид ба раванди объекти омӯхташаванда дар шаклҳои гуногун ба роҳ монда мешавад.

Барои ҳамин дар таҳқиқот усули регрессионии коркарди маълумотҳое, ки равандҳои идоракунии рушди соҳибкориро дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таъмин меномоянд, истифода бурда шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур вобастагии шумораи субъектҳои соҳибкории амалкунанда, адад аз омилҳои зерин: ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ млн. сомонӣ, истифодаи заминҳои кишоварзии дар ихтиёри соҳибкорон буда, ҳазор гектар, ҳаҷми хизматрасонӣ млн. сомонӣ, шумораи соҳибкорони инфиродӣ адад, ҳаҷми хизматрасонии савдои чакана ҳазор сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ млн. сомонӣ. бо ёрии усулҳои амсиласози иқтисодӣ – математикӣ ошкор карда шудааст.

Ба андешаи муҳаққиқон “фаъолияти соҳибкорӣ соҳаи муҳими иқтисодиёти миллӣ буда, ба он намудҳои гуногуни хизматрасонӣ дохил мешаванд ва он муттаҳидкунандаи шохаи васеи субъектҳои иқтисодӣ дар зинаҳои макро ва микроиқтисодиёт мебошад”[50]. Инчунин, дар раванди таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ мавқеи иштирокчиёни он ҷиҳати такомули минбаъдаи фаъолияти соҳибкорӣ муайян карда шудааст.

Ба ақидаи мо, вазифаи асосии механизми иқтисодӣ омӯзиши талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёт ба маҳуслот ва хизматрасонии сифатнок, мебошад. Дар шароити имрӯза дахолати давлатӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ танҳо дар асоси низомҳои муқарраршудаи қонунгузорӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ин рӯ, мо такмили низоми мукаммали идоракунии мазкурро дар асоси истифодаи усулҳои муосири коршиносӣ, амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ ояндадор меҳисобем.

Барои ҳалли монеаи ҷойдошта мо дар раванди таҳқиқот миёни соҳибкорони инфиродӣ пурсишномаи сотсиологӣ ташкил намудем, ки фаъолияти соҳибкорӣ бо дарназардошти арзёбии натиҷаҳои асосии он

---

[50] Петухов М.В., Петухова Ж.Г. Возможности экономико-математического моделирования взаимодействия государства и малого и среднего предпринимательства / М.В. Петухов, Ж.Г. Петухова // В книге: Организация эффективного бизнеса: современная модель. Баранова И.В., Зуб А.Т., Петухова Ж.Г., Сенченко Е.В., Кай Ч., Петухов М.В. монография. Новосибирск, 2017. С. 29-71.

мавриди таҳқиқоти илмӣ аз ҷиҳати математикӣ асоснок карда шуд.

Ояндабинии нишондиҳандаҳои иқтисодиёт яке аз унсурҳои муҳимтарини пешгӯинамоии рушди тамоми соҳаҳо ба ҳисоб меравад. "Пешгӯинамоии иқтисодӣ фарогири равандҳои ташаккули пешгӯинамоиҳои иқтисодиёт буда, тариқи усулҳои илмӣ, падидаҳои иқтисодӣ бо дарназардошти маҷмӯи усулҳо ва афзорҳои илмии пешгӯишаванда мебошад"[51].

[51] Сазанова С.Л. Структурное моделирование института предпринимательства в России / С.Л. Сазанова // Экономическая наука современной России. 2019. №1 (84). С. 34-48.

**Ҷадвали 2.9. Нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи амсилаи иқтисодӣ-математикӣ, солҳои 2010 – 2022***

| Нишонди – ҳандаҳо | Шумораи субъектҳои соҳибкории амалкунанда, адад (ҳаз.) | Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, воҳид | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | Истифодаи заминҳои кишоварзии дар ихтиёри соҳибкоронбуда, ҳаз. гек. | Ҳаҷми хизматрасонӣ, млн, сомонӣ | Шумораи корхонаҳо, адад | Ҳаҷми хизматрасонии савдои чакана, ҳаз. сомонӣ | Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Солҳо** | ***Yi*** | **$X_1$** | **$X_2$** | **$X_3$** | **$X_4$** | **$X_5$** | **$X_6$** | **$X_7$** |
| 2010 | 94300 | 51372 | 11344 | 678 | 10002,2 | 25083 | 5997,7 | 19817,1 |
| 2011 | 115200 | 58313 | 11991 | 684 | 11862,7 | 29068 | 7425,5 | 21575,3 |
| 2012 | 197000 | 73806 | 13286 | 684 | 13226,9 | 32684 | 9013,9 | 23815,3 |
| 2013 | 174800 | 87594 | 13790 | 675 | 14364,4 | 39824 | 10311,7 | 25619,6 |
| 2014 | 211300 | 108035 | 14480 | 677 | 14508,0 | 42206 | 12823,9 | 26772,3 |
| 2015 | 276044 | 130176 | 16116 | 677 | 13405,4 | 42358 | 14377,7 | 27395,2 |
| 2016 | 288683 | 145107 | 18695 | 678 | 13338,4 | 42347 | 16166,7 | 28808,4 |
| 2017 | 301298 | 164631 | 22677 | 678 | 13645,2 | 42031 | 18435,2 | 30765,9 |
| 2018 | 315890 | 172668 | 25080 | 684 | 13372,3 | 43252 | 20479,7 | 31984,5 |
| 2019 | 326491 | 171975 | 28391 | 685 | 13599,6 | 46465 | 24948,3 | 34264,8 |
| 2020 | 335305 | 179005 | 30890 | 684 | 13205,2 | 47639 | 27024,8 | 37298,5 |
| 2021 | 339407 | 167009 | 38829 | 682 | 15165,3 | 48625 | 33259,5 | 39769,4 |
| 2022 | 340115 | 172520 | 40110 | 705 | 15665,8 | 50230 | 34357,1 | 41081,8 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллифи диссертатсия дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ

**Ҷадвали 2.10. Таҳлили коррелятсионии нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010 – 2022***

| | *Yi* | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | $X_6$ | $X_7$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Yi*** | 1,0000 | | | | | | | |
| $X_1$ | 0,9445 | 1,0000 | | | | | | |
| $X_2$ | 0,8085 | 0,8307 | 1,0000 | | | | | |
| $X_3$ | 0,3672 | 0,3567 | 0,6557 | 1,0000 | | | | |
| $X_4$ | 0,4339 | 0,5994 | 0,6279 | 0,3725 | 1,0000 | | | |
| $X_5$ | 0,8007 | 0,9129 | 0,8177 | 0,3666 | 0,8333 | 1,0000 | | |
| $X_6$ | 0,8377 | 0,8729 | 0,9921 | 0,6142 | 0,6740 | 0,8777 | 1,0000 | |
| $X_7$ | 0,8399 | 0,8991 | 0,9770 | 0,5831 | 0,7191 | 0,9165 | 0,9929 | 1,0000 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таҳлили анҷомдодаи мазкур нишон медиҳад, ки ҳамаи қимматҳои ҳосилшуда ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Дар идома барои пурра ва дақиқ гардидан, инчунин ба таври қатъӣ ошкор намудани омилҳои интихобшуда амсилаи навбатӣ таҳия карда мешавад (ҷадвали 2.11.).

**Ҷадвали 2.11. Натиҷаи амсилаи иқтисодӣ-математикӣ рушди фаъолияти соҳибкорӣ**

| | *Коэффисентҳо* | *Хатогии стандартӣ* | *t-омор* | *P-моҳият* |
|---|---|---|---|---|
| ***Yi*** | 313664,4 | 2434610 | 0,1288 | 0,9025 |
| Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, воҳид, $X_1$ | 3,7185 | 1,47125 | 2,5275 | 0,0527 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ, $X_2$ | 2,2314 | 43,6059 | 0,0512 | 0,9612 |
| Истифодаи заминҳои кишоварзии дар ихтиёри соҳибкорон буда, ҳаз. гек., $X_3$ | 355,18 | 3580,66 | 0,0992 | 0,9248 |
| Ҳаҷми хизматрасонӣ, млн, сомонӣ, $X_4$ | 14,580 | 41,2511 | 0,3534 | 0,7382 |
| Шумораи корхонаҳо, адад, $X_5$ | 0,1540 | 28,0232 | 0,0055 | 0,9958 |
| Ҳаҷми хизматрасонии савдои чакана, ҳаз. сомонӣ, $X_6$ | 27,137 | 46,2194 | 0,5871 | 0,5826 |
| Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ, $X_7$ | 36,122 | 44,0559 | 0,8199 | 0,4496 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф бо истифодаи имкониятҳои ББА

$$Y = 313664{,}4 + 3{,}7185X_1 + 2{,}2314X_2 + 355{,}18X_3 + 14{,}580X_4 + 0{,}1540X_5 +$$
$$+27{,}137X_6 + 36{,}122X_7$$

Натиҷаи таҳили ҷадвали **2.11** нишон медиҳад, ки барои рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкорӣ афзоиш додани шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ воҳид, ба 3785 воҳид, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ млн. сомонӣ ба 2,2314 млн. сомонӣ, истифодаи заминҳои кишоварзии дар ихтиёри соҳибкорон буда ҳаз. гек. 355,18 ҳаз. гектар, ҳаҷми хизматрасонӣ, млн. сомонӣ ба 14,580 млн. сомонӣ, шумораи корхонаҳо адад ба 1540 адад, ҳаҷми хизматрасонии савдои чакана ба 27,137 ҳазор сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ ба 36,122 млн. сомонӣ мерасад. Эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда мувофиқи коэффитсиенти дитерминатсия 0,94 ё 94 фоизро ташкил медиҳад.

Дигар ҷанбаи масоилояндабинии нишондиҳандаҳои таъсиррасон ба фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Бо истифодаи натиҷаҳои ҳосилшудаи диаграммаи 5 дар идома баояндабинии нишондиҳандаи субъектҳои соҳибкории амалкунанда мепардозем.




**Диграммаи 5.**Ояндабнии шумораи субъектҳои соҳибкории амалкунанда, соли 2024-2026

Муфовиқи нишондоди мо дар асоси муодилаи дар боло овардашуда нишондиҳандаи шумораи субъектҳои соҳибкории амалкунанда, адад дар соли 2030 ба андозаи 1,64 мар. ё 64 % фоиз афзоиш ёфта 210,5 адад зиёд мешавад. Эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда мувофиқи коэффитсиенти диетрминатсия 0,89 ё 89 фоизро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.12.**

## Оияндабинии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва вобастагии омилҳои ба фаъолияти соҳибкори таъсиррасон тибқи истифодаи муодилаи y= ax + b*

| Рақами қатор | Нишонди - ҳандаҳо | Шумораи субъектҳои соҳибкории амалкунанда, адад (ҳаз.) | Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, воҳид | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | Истифодаи заминҳои кишоварзии дар ихтиёри соҳибкорон буда, ҳаз. гек. | Ҳаҷми хизматрасонӣ, млн, сомонӣ | Шумораи корхонаҳо, адад | Ҳаҷми хизматрасонии савдои чакана, ҳаз. сомонӣ | Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Солҳо | *Yi* | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | $X_6$ | $X_7$ |
| 15 | 2024 | 424,1 | 222068 | 41702 | 691 | 15515,0 | 55422 | 37153,6 | 43644,5 |
| 16 | 2025 | 445,1 | 233651 | 44168 | 692 | 15768,2 | 57236 | 39541,8 | 45360,0 |
| 17 | 2026 | 466,2 | 245234 | 46634 | 693 | 16021,4 | 59050 | 41930,0 | 47075,5 |
| 18 | 2027 | 487,3 | 256817 | 49099 | 694 | 16274,6 | 60864 | 44318,2 | 48791,0 |
| 19 | 2028 | 508,4 | 268400 | 51565 | 695 | 16527,8 | 62678 | 46706,4 | 50506,5 |
| 20 | 2029 | 525,0 | 279983 | 54031 | 696 | 16781,0 | 64492 | 49094,6 | 52222,0 |
| 21 | 2030 | 550,6 | 291566 | 56497 | 697 | 17034,2 | 66306 | 51482,8 | 53937,5 |
| **Суръати рушд соли 2030 нисбати соли 2020 мар.** | | 1,64 | 1,63 | 1,83 | 1,02 | 1,29 | 1,39 | 1,91 | 1,45 |
| **Муодила** | | y = 21,086x - 42254 | y = 11583x + 48323 | y = 2465,8x + 4715 | y = 1,0661x + 674,88 | y = 253,2x + 11717 | y = 1814,1x + 28210 | y = 2388,2x + 1330,6 | y = 1715,5x + 17912 |
| **Эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда мувофиқи коэфф. дитерминтасия** | | $R^2 = 0,8951$ | $R^2 = 0,8929$ | $R^2 = 0,922$ | $R^2 = 0,6056$ | $R^2 = 0,6785$ | $R^2 = 0,8622$ | $R^2 = 0,9652$ | $R^2 = 0,983$ |

***Сарчашма:** таҳияи муаллифи диссертатсия




**Диаграммаи 6. Ояндабинии нишондиҳандаи шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, воҳид, адад, солҳои 2024-2026**

Дар асоси натиҷаҳои ҳосилшуда шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, воҳид нисбати соли 2020 ба андозаи 1,63 мар. ё 63 % фоиз афзоиш ёфта 119046 адад зиёд мешавад. Эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда мувофиқи коэффитсиенти диетрминатсия 0,8929 ё 89 фоизро ташкил медиҳад.




**Диаграммаи 7. Ояндабинии нишондиҳандаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ., солҳои 2024-2026**

Дар асоси натиҷаҳои ҳосилшуда ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ нисбати соли 2020 ба андозаи 1,83 мар. ё 83 % фоиз афзоиш ёфта 16386 млн. сомонӣ афзоиш меёбад. Эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда мувофиқи коэффитсиенти диетрминатсия 0,922 ё 92 фоизро ташкил медиҳад.




**Диаграммаи 8. Пешгӯии заминҳои кишоварзии дар ихтиёри соҳибкорон буда, ҳаз. гек., солҳои 2024-2026**

Нишондиҳандаи дигар, ки мояи рушди фаъолити соҳибкорӣ маҳсуб меёбад, истифодаи заминҳои кишоварзии дар ихтиёри соҳибкорон буда, ҳаз. гек. мебошад.

Мувофиқи натиҷаҳои ҳосилшуда истифодаи заминҳои кишоварзии дар ихтиёри соҳибкорон буда, ҳаз. гек. нисбати соли 2020 ба андозаи 1,02 мар. ё 2 % фоиз зиёд мешавад, ки ин нишондиҳандаи паст дар самти истифодаи заминҳои кишоварзӣ мебошад. Эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда мувофиқи коэффитсиенти диетрминатсия 0,60 ё 60 фоизро ташкил медиҳад.

Аз нигоҳи мо азхудкунии майдони васеи киштзор аз ҷониби онҳое, ки таҷрибаи кофии истифодаи заминро надоранд боиси истифодаи ғайримақсадноки замин гардидааст. Барои ин зарурати бозбинӣ ва боз доштани фаъолияти чунин хоҷагиҳо боиси бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта мегардад.

Рушди соҳаи хизматрасонӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити имрӯза таъсири калон мерасонад. Аз таҳлили васеи адабиёти иқтисодӣ бар меояд, ки соҳаи хизматрасонӣ наздики 85% - иқтисодиёти абаркудратҳоро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар кишварҳои рӯбатараққи аз 3 то 20 ташкил медиҳад.




**Диаграммаи 9. Пешгӯии ҳаҷми хизматрасонӣ , млн, сомонӣ, солҳои 2024-2026**

Дар асоси натиҷаҳои ҳосилшуда ҳаҷми хизматрасонӣ, млн, сомонӣ нисбати соли 2020 ба андозаи 1,29 мар. ё 29 % фоиз афзоиш ёфта 1368 млн. сомони зиёд мешавад. Эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда мувофиқи коэффитсиенти диетрминатсия 0,68 ё 68 фоизро ташкил медиҳад.




**Диаграммаи 10. Ояндабинии нишондиҳандаи шумораи корхонаҳо, адад, солҳои 2024-2026**

Афзоиши шумораи корхонаҳо дар рушди иқтисодиёти имрӯза нақши калон дорад. Яке аз стратегияҳои дарозмуддати Ҳукумати мамлакат низ афзоиши шумораи корхонаҳо, бунёди корхонаҳои шакли нав ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Дар ҷараёни таҳқиқ чунин натиҷа ҳосил шуд, ки шумораи корхонаҳо, адад нисбати соли 2020 ба андозаи 1,39 мар. ё 39 % фоиз афзоиш ёфта 16076 адад зиёд мешавад. Эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда мувофиқи коэффитсиенти диетрминатсия 0,86 ё 86 фоизро ташкил медиҳад.




**Диаграммаи 11. Ояндабинии ҳаҷми хизматрасонии савдои чакана, ҳаз. сомонӣ, солҳои 2024-2026**

Дигар нишондиҳандаи ҳаҷми хизматрасонии савдои чакана мебошад. Савдои чакана унсури муҳим ва зудрушдиҳандаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Мувофиқи арзёбии фаъолият нишондиҳандаи муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ буда нисбати соли 2020 ба андозаи 1,91 мар. ё 91 % фоиз ё дар ҳаҷми 17121 ҳаз. сомонӣ афзоиш меёбад. Эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда мувофиқи коэффитсиенти диетрминатсия 0,96 ё 96 фоизро ташкил медиҳад.




**Диаграмма 12. Ояндабинии нишондиҳандаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ, солҳои 2024-2026**

Дар идома ба таъсири нишондиҳандаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ диққат медиҳем. Дар асоси хулосаҳои ҳисолшуда чунин қайд намудан мумкин аст, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба соли 2020 ба андозаи 1,45 мар. ё 45 % фоиз ё дар ҳами 12856 ҳаз. сомонӣ афзоиш меёбад. Эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшуда мувофиқи коэффитсиенти диетрминатсия 0,98 ё 98

фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ истифодаи амсилаи мазкур имконият медиҳад, ки нишондиҳандаҳои асосии рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ барои давраи дарозмуддат манфиатовар бошад. Ба андешаи мо, пешгӯии омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ҷанбаи амалӣ дошта, имконият медиҳад, ки дар оянда дар баробари қабули стратегияҳо, барномаҳои ҳадафманд қарорҳои мушаххаси идоракунӣ низ қабул гардад.

## 2.3. Истифодаи таҷрибаи хориҷии соҳибкории инфиродӣ дар ҷумҳурӣ

Дар баробари ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба мисли дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ сохти иқтисоди бозориро пеш гирифт, ки дар он барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ барои шахсони воқеӣ заминаи мусоид фароҳам омад.

То имрӯз дар ин самт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чораҳои муассирро андешида, заминаи мусоидро барои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ фароҳам овардааст. Бо вуҷуди он муваффақиятҳое, ки дар самти ташкили фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ ба даст омадааст, мушкилиҳо низ мавҷуданд, ки бо истифода ва такя ба таҷрибаи суннатии ниёгону мамлакатҳои хориҷӣ роҳҳои ҳалли онро ёфтан имконпазир аст.

Таҷрибаи ғании мамлакатҳои пешрафтаи дунё, ки сохти иқтисоди бозориро пеш гирифтаанд, барои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ замина гузошт, ки он дар принсипҳои дахолат накардани давлат ба фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ асос ёфтааст.

Аз бомуваффақият рушд ёфтани соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин бармеояд, ки кор дар ин самт хуб ба роҳ монда шудааст ва далели он қариб ба 300 000 нафар расидани теъдоди соҳибкорони инфиродӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар

таъмини рушди бонизоми иқтисодиёт нақши муҳимро мебозад. Ин далел исботи худро дар чунин мамлакатҳои пешрафта ба монанди ИМА, Олмон, Ҷопон, Фаронса ва дигар давлатҳо ёфтааст. Аз мамлакатҳои ИДМ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Федератсияи Россияро номбар кардан мумкин аст, ки ҳукумати ин давлатҳо дар солҳои охир, дар самти тараққӣ додани фаъолияти соҳибкорӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд. Натиҷаи корҳои ба анҷомрасонидашуда беҳтар гардидани фазои сармогузорӣ дар ин мамлакатҳо мебошад, ки ин ҳолат барои ҷалби самоягузорихои хориҷӣ мусоидат намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам мушкилиҳои монеашавандаро паси сар намуда, барои таъмини рушди соҳибкорӣ дар мамлакат кӯшишу ғайрат менамояд. Барои татбиқи ин ҳадаф Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои он ва мақомотҳое, ки ба бахши хусусӣ сару кор доранд, чораҳои заруририро меандешанд. Дар ин самт махсусан, сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шоистаи дастгирӣ аст, ки ҳар сол як маротиба бо соҳибкорон вохӯрӣ гузаронида, аз мушкилоти соҳа пурсон шуда, оид ба масъалаҳои мубрами ин бахши муҳими иқтисодиёт фикрҳои ҷолиби худро баён менамояд.

Албатта, бо роҳи аз таҷрибаи бойи мамлакатҳои пешрафтаи дунё истифода намудан, корро дар ин самт тақвият додан имконият дорад. Махсусан, таҷрибаи мамлакатҳои ҳамсоя, ки аз рӯйи менталитет бо мо наздиктаранд, бояд мавриди омӯзиш ва амал қарор дода шаванд.

Дар ин ҷодда таҷрибаи **Ҷумҳурии Ӯзбекистон** қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар ин кишвар соҳибкорони инфиродӣ дар як муддати муайян аз оғози фаъолият соҳиби имтиёзҳои гуногунанд. Мувофиқи барномаҳои давлатӣ соҳибкорони инфиродӣ аз қарзҳои дарозмуддат ва имтиёзнок истифода мебаранд, ки махсусан барои ташкили фаъолияти соҳибкорони навтаъсис манфиатнок аст. Соҳибкорони инфиродӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон метавонанд бо низоми содакардашуда ё низоми умумӣ фаъолият намоянд.

Нисбати фаъолият бо низоми содакардашуда, маҳдудиятҳои алоҳида

мавҷуд буда, гардиши мол, кор ва хизматрасонии чунин соҳибкор дар як сол бояд аз 1 миллиард сум даромад зиёд набошад. Гузариш аз низоми содакардашуда ба низоми умумӣ ихтиёрӣ буда, дар ҳолати гардиши солонаи соҳибкор аз 1 милиард сум зиёд нагаштан, он метавонад бо низоми содакардашуда фаъолият намуда, маблағи андозро бо меъёри муайянкардаи Ҳукумати Ӯзбекистон, ки бо сум ифода ёфтааст пардохт намояд.

“Соҳибкорони инфиродие, ки солона то 1 миллиард сум гардиш доранд аз андозҳои фоида, аз арзиши иловашуда ва андоз аз моликияти ғайриманқул озод мебошанд ва онҳо андоз аз даромади шахсони воқеиро ба андозаи муайяншуда пардохт менамоянд. Дар ҳолати дигар андозсупоранда метавонад даромади худро ҳисоб намуда, аз он 6% андоз аз гардишро пардохт намояд”[52].

Ҳангоми бақайдгирии давлатии соҳибкорони инфиродӣ дар Узбекистон як қатор имтиёзҳо пешбинӣ шудаанд, ки он дар давоми як рӯз бақайд гирифтани соҳибкорони инфиродиро дар бар мегирад. “Шумораи коргарони кироя низ барои соҳибкороне, ки тибқи низоми содакардашуда фаъолият менамоянд, бояд аз 5 нафар зиёд набуда, барои савдо ва хӯроки омма масоҳати фаъолият низ маҳдуд карда шуда, ба ин гуна соҳибкорон воридот мамнуъ буда, дар ҳолати гузаронидани амалиёти воридотӣ онҳо бояд бе ташкили шахси ҳуқуқӣ ба низоми умумии андозбандӣ гузаранд “ [53].

Таҷрибаи **Федератсияи Россия** низ қобили таваҷҷуҳ аст, чунки сохтори иқтисодӣ ва қонунгузорӣ дар ин самт ба мо наздиктар аст.

Дар ФР ба мисли Тоҷикистон низоми патентӣ ва низоми содакардашудаи андоз амал менамояд, ки низоми патентӣ аз мо хело фарққунанда аст. Мисол, дар ФР “соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд, метавонанд то 15 нафар коргарро кироя намоянд, инчунин фаъолияти статсионарӣ дар савдо ва хӯроки омма иҷозат дода

[52] Сомонаи интернетӣ: https://www.moedelo.org/club/article-knowledge/individualnyj-predprinimatel-vse-ob-ip-prostym-azykom. Санаи муроҷиат 8.12.22.

[53] Сомонаи интернетӣ: https://www.moedelo.org/club/article-knowledge/individualnyj-predprinimatel-vse-ob-ip-prostym-azykom. Санаи муроҷиат 8.12.22.

мешавад, фақат андозаи он бояд аз 150 $м^2$ зиёд набошад” [54]. Меъёри андоз низ муқаррар карда шудааст, ки он 6%-и даромади дар назардоштаро ташкил менамояд. Даромади дарназардоштаро минтақаҳои мамлакат аз рӯйи фаъолиятҳои муайянкардаи Кодекси андози Федератсияи Россия муайян намуда, мувофиқи он дар баъзе аз минтақаҳо меъёри андози даромад ба сифр баробар аст.

Агар соҳибкори инфиродӣ коргаронро киро намояд, андозҳоро аз музди меҳнат супорида, пардохтҳои суғуртавиро низ ба буҷетҳои маҳалли фаъолият пардохт менамояд. “Аз музди меҳнати кормандон андоз аз даромади шахсони воқеӣ 13% (15% агар даромади солонаи коргар аз 5 млн зиёд бошад), пардохтҳои суғуртавӣ ба фонди нафақа 22%, суғуртаи тиббӣ – 2,9% ва суғуртаи иҷтимоӣ – 2,95% пешбинӣ шудааст” [55].

Дар **Ҷумҳурии Қазоқистон** бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ тариқи электронӣ хуб ба роҳ монда шуда, соҳибкорон дар мухлати кӯтоҳтарин бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои алоҳида ва пур намудани анкета ба қайд гирифта мешаванд. “Дар Ҷумҳурии Қазоқистон чор низоми андозбандии соҳибкорони инфиродӣ бо шаклҳои зерин амал менамоянд”[56];

1. Низоми махсуси иҷтимоии андозбандӣ дар заминаи патент;
2. Низоми махсуси андозбандӣ дар асоси эъломияи содакардашуда;
3. Низоми махсуси андоз бо истифодаи тарҳҳои муайяншуда;
4. Низоми умумии андозбандӣ.

Низомҳои махсус вобаста ба бузургии гардиши солонаи соҳибкорони инфиродӣ амал намуда, вобаста ба ҳаҷми он соҳибкорон бо ин ё он низоми андозбандӣ фаъолият менамоянд. Фақат тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолият намудани соҳибкорони инфиродӣ ихтиёрӣ аст. Ҳангоми фаъолият бо низоми патентӣ барои соҳибкорони инфиродӣ маҳдудиятҳои зерин

[54] Сомонаи интернетӣ: https://internationalwealth.info/offshore-business-abroad/individualnyj-predprinimatel-v-ssha. Санаи муроҷиат 9.12.22.
[55] Сомонаи интернетӣ: https://internationalwealth.info/offshore-business-abroad/individualnyj-predprinimatel-v-ssha. Санаи муроҷиат 9.12.22.
[56] Сомонаи интернетӣ: https://pravosite.kz/articles/post/1904-individualnoe-predprinimatelstvo-v-kazahstane. Санаи муроҷиат 9.12.22.

муқаррар карда шудааст:

-кордиҳанда буда наметавонанд;

-фаъолияти савдо манъ аст;

-гардиши солонаи мол, кор ва хизматрасонӣ аз маблағи муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Қазокистон бояд зиёд набошад ва ғайра.

Дар умум, соҳибкори инфиродӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ наметавонад дар бахшҳои аудиторӣ, суғуртавӣ ва фаъолияти муҳофизавӣ ба қайд гирифта шавад.

**Дар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон тартиби фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ чунин аст:** Дар Ҷумҳурии Федералии Олмон соҳибкории инфиродӣ шакли маъмултарини фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, дар заминаи он қисмати асосии ММД ташаккул меёбад.

Бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ сода буда, ба тариқи электронӣ амалӣ карда мешавад. Дастгирии давлатии соҳибкорони инфиродӣ дар Олмон хуб ба роҳ монда шуда, ҳимояи иҷтимоиро кафолат дода, дар давраҳои аввали фаъолият имтиёзҳои андозӣ ва маблағгузории давлатӣ низ барои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ пешбинӣ шудааст. Низоми андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар Олмон чун дар дигар мамлакатҳои мавриди таҳқиқот қарорёфта, содакардашуда ва умумӣ мебошад ва соҳибкор ихтиёран бо ин ё он низом фаъолият менамояд. “Ҳангоми истифодаи низоми содакардашуда гардиши солона на бояд аз 50 ҳаз. евро зиёд бошад”[57]. Аз ҷониби онҳо андоз аз савдо пардохта мешавад.

Дар ШМА соҳибкории хурду миёна шакли маъмултарини бурдани бизнес буда, аз 4/3 ҳиссаи ММД мамлакат дар ҳамин соҳа ташаккул меёбад. Дар ҳамин замина соҳибкории инфиродӣ низ нақши муассир дошта, аз имтиёзу дастгириҳои фаровони давлатӣ бархӯрдор мебошанд. Соҳибкорони инфиродӣ дар ШМА низоми содакардашударо истифода бурда, ҳисоботи худро низ бо шакли содакардашуда пешниҳод менамоянд. Суғуртакунии

---

[57] Сомонаи интернетӣ: https://www.tupa-germania.ru/biznes/chastnyj-predprinimatel-v-germanii.html. Санаи муроҷиат 7.12.22.

фаъолият барои соҳибкорони инфиродӣ дар ШМА ҳатмӣ буда, дар ҳолати муфлисшавӣ воситаи хуби дастгирии молиявии онҳост. Соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми истифодаи низоми содакардашудаи андозбандӣ андоз аз даромади шахсони воқеӣ бо меъёри 12,4% (аз фоидаи андозбандишаванда) ва андози иҷтимоӣ бо меъёри 2,9% пардохт менамоянд[58]. Ба масъалаи бурдани ҳисоботи даромаду хароҷоти соҳибкорони инфиродӣ талабот қатъӣ буда, соҳибкор бояд сари вақт ҳар семоҳа ҳисоботи худро пешниҳод намояд.

Низоми идеалии андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар мамлакати **Гурҷистон** амал менамояд, ки агар гардиши солонаи соҳибкор то 7500 евро бошад, меъёри андози даромади он ба сифр баробар аст ва агар гардиши солона зиёда аз 7500 то 175000 евро бошад, андози даромад ба 1% баробар мешавад [59]. Як шахси воқеӣ метавонад ба якчанд намудҳои фаъолият машғул шавад.

Дар ҷадвали зерин намудҳои фаъолият ва андозбандии соҳибкорони инфиродӣ дар мамлакатҳои гуногуни дунё мавриди баррасӣ мегардад, ки чунин аст:

**Ҷадвали 2.13. Намудҳои фаъолият ва андозбандии соҳибкорони инфиродӣ дар мамлакатҳои гуногун ва андозбандии онҳо.**

| Мамлакат | Намудҳои фаъолияти СИ | Андозбандӣ |
|---|---|---|
| Тоҷикистон | Патент ва шаҳодатнома | “Ҳудуди максималии фаъолият тибқи патент то 200000 сомонӣ дар як сол. Андози даромад ва андози иҷтимоӣ бо маблағи муайяншуда.<br>Ҳудуди максималии фаъолият бо шаҳодатнома то 1 млн. дар як сол. Андози содакардашуда 6% аз даромади умумӣ ва андози иҷтимоӣ 1%. аз даромади умумӣ”.[60] |

[58] Сомонаи интернетӣ: https://www.moedelo.org/club/article-knowledge/individualnyj-predprinimatel-vse-ob-ip-prostym-azykom. Санаи муроҷиат 8.12.22.
[59] Сомонаи интернетӣ: https://pravosite.kz/articles/post/1904-individualnoe-predprinimatelstvo-v-kazahstane. Санаи муроҷиат 9.12.22.

[60] Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда. Душанбе, «31» марти соли 2022 таҳти №151

| | | |
|---|---|---|
| Россия | Патент, низоми содакардашудаи андоз | “Ҳудуди максималии фаъолият барои соҳибкорони инфиродӣ бо низоми содакардашудаи андоз то 219,2 млн (дол) рубл (барои соли 2022) дар як сол пешбинӣ мешавад[61].<br>Истифодаи низоми содакардашуда пардохти ААИ-ро талаб наменамояд.<br>Ба ҷои андоз даромади шахсони воқеӣ андози содакардашуда аз 6 то 8% аз даромади умумӣ вобаста ба ҳаҷми гардиши солонаи мол, кор ва хизматрасонӣ муқаррар карда мешавад.<br>Агар фаъолият ба роҳ монда нашавад маблағи патентро бояд пардохт намуд, зеро объекти андоз дар ин маврид даромади дарназарбуда маҳсуб мешавад на даромади воқеӣ. |
| Узбекистон | Патент, низоми содакардашудаи андоз ва низоми умумӣ | “Низоми содакардашуда, гардиши мол, кор ва хизматрасонии соҳибкори инфиродӣ дар як сол то 1 миллиард сум маблағи андозро Ҳукумати Ӯзбекистон, вобаста аз намуди фаъолият муайян менамояд.<br>Дар ҳолати дигар андозсупоранда метавонад даромади худро ҳисоб намуда, аз он 6% андоз аз гардишро пардохт намояд.<br>Низоми умумӣ, ки тибқи он андозҳои фоида, аз арзиши иловашуда ва андоз аз моликияти ғайриманқул пардохт мешаванд”[62]. |
| Қазоқистон | Патент, низоми махсуси андозбандӣ дар асоси эъломияи содакардашуда, низоми умумии андозбандӣ. | Патент;<br>-даромади умумии солона бояд аз 300-каратаи ҳадди аққали музди меҳнат зиёд набошад, ба коргари кироя ҳақ надорад. Маблағи патент аз ҷониби Ҳукумат муқаррар карда шуда, коэфисиентҳо истифода бурда мешаванд.<br>“Низоми махсуси андозбандӣ дар асоси эъломияи содакардашуда;<br>-дар давоми соли андозӣ даромади умумӣ бояд то 1 400-каратаи ҳадди аққали музди меҳнат бошад, миқдори коргарони кироя то 25 нафар.<br>Низоми умумии андозбандӣ пардохти андозҳои зеринро дар бар мегирад;<br>Андози даромади фардӣ - 10%;<br>Андози иҷтимоӣ аз даромади шахсӣ — 2 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ААИ -12%”.[63] |

[61] Закон РФ от 24 июля 2007 года № 209-ФЗ «О развитии малого и среднего предпринимательства в Российской Федерации».
[62] Сомонаи интернетӣ: https://internationalwealth.info/offshore-business-abroad/individualnyj-predprinimatel-v-ssha. Санаи муроҷиат 9.12.22.
[63] Сомонаи интернетӣ: https://pravosite.kz/articles/post/1904-individualnoe-predprinimatelstvo-v-kazahstane. Санаи муроҷиат 9.12.22.

Дар як қатор мамлакатҳои дунё низоми патентӣ амал наменамояд ё тартиби он дигар буда, соҳибкор метавонад коргари кироя дошта бошад ва ҳисоботи андозӣ пешниҳод намояд, ки чунин тартиб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул аст.

Ба ғайр аз ин аз андозҳо озод намудани соҳибкорони инфиродии навтаъсис дар як муддати муайян (як сол ё ду сол), ки дар як қатор мамлакатҳо истифода бурда мешавад, метавонад барои пешрафти фаъолияти чунин соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боис гардад.

Инчунин, таҷрибаи хориҷии бақайдгирии электронӣ, ки дар мамлакати Гурҷистон амал менамояд, қобили қабул шуморида мешавад, зеро он чунин бақайдгириро содаю осон намуда, ҳар гуна ҳодисаҳои номатлубро аз байн мебарад.

Қисми таркибии сиёсати иқтисодии ҳар як давлатро тараққиёти соҳибкории хурд ташкил медиҳад. Ин унсури муҳими сохтори бозорӣ буда, шакли нисбатан уҳдабаро ва серҳаракати тараққиёти иқтисодиёт мебошад. Ташкил кардани шабакаҳои соҳибкории инфиродӣ шарти муҳими ба шаклдарории муҳити иқтисодӣ, пайдоиши рақобати молистеҳсолкунӣ, тараққиёти муносибатҳои бозорӣ, зиддияти инҳисорот дар истеҳсолот ва дар дигар соҳаҳои фаъолият мебошад. Соҳибкории инфиродӣ тез ба тағйирёбии талаботи истеъмолкунандагон таъсир мерасонад. Дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ба ҳиссаи соҳибкории хурд қариб 50 – 70% - и афзоиши миқдори ҷойи кор рост меояд. Нисбатан маълумоти пурраро дар бораи соҳибкории хурди давлатҳои мутараққиро дар ҷадвали 2.14 мебинем.

**Ҷадвали 2.14. Нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳибкории хурд дар мамлакатҳои мутараққӣ дар соли 2020** [64]

| Мамлакатҳо | Миқдори соҳибкорони хурд ва миёна | | Миқдори коргарон млн нафар | Ҳиссаи соҳибкории хурд ва миёна (бо %) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳазор воҳид | Ба ҳисоби ҳазор нафар аҳолӣ | | Миқдори умумии коргарон | Дар ММД |
| Британияи | 2930 | 46 | 13,6 | 49 | 50-53 |

[64] Сомонаи интернетӣ: https://pravosite.kz/articles/post/1904-individualnoe-predprinimatelstvo-v-kazahstane. Санаи муроҷиат 9.12.22.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Кабир | | | | | |
| Олмон | 2290 | 37 | 18,5 | 46 | 50-54 |
| Италия | 3920 | 68 | 16,8 | 73 | 57-60 |
| Фаронса | 1980 | 35 | 15,2 | 54 | 55-62 |
| Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо | 15777 | 45 | 68 | 72 | 63-67 |
| ИМА | 19300 | 74,2 | 70,2 | 54 | 50-52 |
| Ҷопон | 6450 | 49,6 | 39,5 | 78 | 52-55 |
| Россия | 836,2 | 5,65 | 8,1 | 9,6 | 10-11 |

Ба назари мо, пеш аз ҳама, мушкилоти рушди соҳибкории инфиродиро дар қатори дигар мушкилот бояд ба таври маҷмуӣ ҳал намоем. Дар айни замон зарур аст, ки шароит барои ҳавасмандгардонии фаъолнокии хоҷагидорӣ ва истифодаи максималии иқтидорҳои иқтисодии соҳибкорӣ муҳайё карда шаванд. Мавҷудияти фарқият дар сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, имкониятҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ва захиравӣ, хусусиятҳои демографӣ ва миллии онҳоро ба назар гирифта, муносибати фардиро барои ҳалли масъалаҳои рушди низомҳои соҳибкории инфиродӣ ба роҳ мондан лозим аст.

Таҷрибаи хориҷӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳибкории ҳозиразамон синтези соҳибкории хурд ва калонро дар бар мегирад. Соҳибкории инфиродӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ нақши ниҳоят муҳимро мебозанд, ки дар ин мамлакатҳо ҳиссаи маҳсулотҳои истеҳсолнамудани корхонаҳои хурд то 70%-и умумии маҳсулоти миллиро ташкил медиҳад. Таҳқиқотҳои дар Британияи Кабир гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки “ширкатҳои нисбатан фоидаовар бо шумораи 1-19 нафари кормандон фаъолияти истеҳсолию хоҷагидориашонро пеш мебаранд. Чунин ширкатҳои хурд 96%-и шумораи умумии корхонаҳои хурди Британияи Кабирро (2,4 млн) ташкил медиҳанд. Дар ибтидои солҳои 90-ум ҳиссаи соҳибкории хурд 21%-и гардиши умумии молро ташкил медод ва дар он 36%-и ҳамаи кормандони кироя машғули кор буданд. Дар айни замон дар Британияи Кабир ҳар як ҳаштумин аҳолии калонсол ба тиҷорати шахсии худ

машғул аст» [65].

Таҳлил нишон медиҳад, ки бо шарофати соҳибкории хурд бисёре аз самтҳои муҳими фаъолияти истеҳсолӣ дар Британияи Кабир тараққӣ намуда истодаанд. Чунончи, тайёр намудани намудҳои нави маводҳои баландсифат; тезонидани рушди илмҳои биологӣ ва воситаҳои табобати бемориҳои гуногун; коркарди воситаҳои техникии баландбардории самаранокии истеҳсолот дар саноати коркардкунанда; рушди самтҳои электронӣ ва фотоэлектронӣ; такмилдиҳии технологияҳои истеҳсоли энергия; тараққӣ додани технологияҳои иттилоотию коммунакатсионӣ.

Муҳим аст қайд намоем, ки соҳибкории инфиродӣ дар механизми худтанзимкунии иқтисоди бозории мамлакатҳои тараққикарда накши муҳимро мебозанд. Ин дар алоқамандии зич доштани корхонаҳои хурд бо соҳибкории калон, ҳам дар самти додугирифти захираҳои моддию техникӣ ва ҳам дар самти коркарди навовариҳо зоҳир мегардад. Истеҳсол ва ташкили фурӯши молҳои нав, ки сармоягузориҳои калон, иқтидорҳои истеҳсолии мувофиқ ва захираҳоро талаб менамоянд, барои корхонаҳои хурд мушкил аст ва онҳо ин корро барои татбиқ намудан ба корхонаҳои азим медиҳанд. Соҳибкории хурди ИМА кариб 50%-и ҳамаи навовариҳо ва технологияҳои навро пешниҳод намудааст, ки он асоси дастовардҳои прогресси илмию техникиро ташкил медиҳад. Аз 61 ихтирооти калони асри XX 48 -тои он аз тарафи ширкатҳои хурд бозёфт гардидаанд.

Айнан корхонаҳои хурд аввалин шуда компютери фардӣ, техникаи нусхабардор, крекинги нефт, ручкаи шарикӣ ва ғайраҳоро коркард ва истеҳсол намудаанд. “Аз рӯйи маълумоти Фонди илмии миллии ИМА 1 доллари дар корҳои илмию таҳқиқотӣ гузошташуда аз тарафи ширкатҳои на чандон калон (то 500 нафар) 4 маротиба зиёд навовариҳо нисбат ба ширкатҳои миёна (то 1000 нафар); 24 маротиба зиёд нисбат ба ширкатҳои калон (аз ҳазор нафар

[65] Сомонаи интернетӣ: https://pravosite.kz/articles/post/1904-individualnoe-predprinimatelstvo-v-kazahstane. Санаи мурочиат 9.12.22.

боло) пешниҳод намудааст” [66].

Таҷрибаи иқтисоди бозории мамлакатҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки соҳибкорӣ бо принсипи муттаҳидкунии корхонаҳои хурд сохта шудааст, ки зимнан корхонаҳои азим ба фишоровarии соҳибкории хурд нигаронида нашуда, бо онҳо ҳамкориҳои мутақобилаи судмандро ба роҳ мемонанд. Махсусан, дар самти махсусгардонии истеҳсолоти алоҳида ва дар бозёфтҳои инноватсионӣ корхонаҳои азим ва хурд якдигарро пурра менамоянд. Агар истеҳсолоти азим ба қонеъгардонии талаботи оммавии нисбатан якҷинса ва истеҳсоли ҳаҷми зиёди маҳсулотҳои стандартӣ манфиатнок бошад, корхонаҳои хурд бошанд, дар қисматҳои нисбатан хурди бозор, бо истеҳсол намудани номгӯйи маҳдуди молҳо ва хизматрасониҳо фаъолият мебаранд.

Дар мамлакатҳои тараққикарда дар доираи ҳамкориҳои техникӣ ширкатҳои калони дархосткунанда, ки маҳсулотҳои тайёри қимматбаҳоро дар асоси маснуоти пурракунанда истеҳсол менамоянд, ба иҷрокунандагон ва таъминкунандагони хурди худ биноҳо, воситаҳои ибтидоии истеҳсолотро иҷора медиҳанд, ба онҳо бо шароити имтиёзнок ашёи хом ва маводҳоро медиҳанд, барои истифодаи тамғаи фурӯшашон иҷозат медиҳанд.

Дар шароити ҳозира дар самти ҳамкориҳои соҳибкори инфиродӣ ва корхонаҳои калон низоми муносибатҳои шартномавӣ дар асоси франчайзинг мавриди истифодаи васеъ қарор дорад. Моҳияти ин система аз он иборат аст, ки ширкати азим ба соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқи истисноии истифодаи таҷриба ва малакаи технологӣ, инчунин тамғаи савдояшро пешниҳод менамояд. “Ширкати азим одатан қарзҳоро низ бо шартҳои имтиёзнок пешниҳод менамояд, хизматрасониҳои гуногуни машваратӣ мерасонад ва таҷҳизотро ба иҷора медиҳад” [67]. Франчайзинг ба азхудкунии технологияҳои нав аз тарафи соҳибкорони инфиродӣ ва васеъгардии соҳибкорӣ мусоидат менамояд. Дар шароити ҳозира хусусияти хоси соҳибкории хурд дар мамлакатҳои тараққикарда аз ҳамгироии он дар шабакаи истеҳсоли сохторҳои

---

[66] Васильев Ю.П. Стратегия повышения эффективности производства в США, или как прорваться в будущее. -М.: Экономика, 2018. -С. 103

[67] Шабакаи электронӣ - https://ipregistr.ru/individualnyy-predprinimatel-v-ssha. (санаи муроҷиат 11.03.2023)

азими саноатӣ иборат аст.

Шаклҳои ташкилии чунин ҳамгироии лизингӣ маблағгузоришаванда, франчайзинг, шартномаҳои дарозмуддат барои таъмини маснуоти пурракунанда бо кафолатҳои муайяни молиявӣ мебошанд. “Шумораи корхонаҳои хурд, ки бо чунин шаклҳои муносибатҳои хоҷагидорӣ фаъолият менамуданд, дар ИМА ҳанӯз дар охирҳои солҳои 80-уми асри гузашта 50 ҳазорро бо ҳаҷми савдои 632 млрд доллар ташкил медод. Аз рӯйи баҳои иқтисодчиёни хориҷӣ гардиши чунин ширкатҳои истеҳсолии хурд, ки фаъолияти худро дар асоси франчайзинг мебаранд, дар соли 2021-ум то 1 трлн доллар афзудааст” [68].

Соҳибкори инфиродӣ муносибатҳои технологӣ ва молиявии худро мустаҳкам намуда, одатан ба қатори корхонаҳои хурди бо корхонаҳои калон якҷоя фаъолияткунанда шомил мегарданд. Айнан алоқаҳои пудратчигии хурди соҳибкори инфиродӣ замина барои гузаштани онҳо ба фаъолияти мустақилонаи рақобатнок мегарданд. Соҳибкорони инфиродие, ки аз марҳилаи фаъолият намудан ҳамчун пудратчии хурд нагузаштаанд, баръакс, ба дараҷаҳои баланди механикунонӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳо нарасидаанд.

Дар мамлакатҳои тараққикарда соҳибкори инфиродӣ ба рушди ноҳияҳои аз ҷиҳати саноат қафомонда мусоидат намуда, дар сиёсати минтақавии онҳо нақши муҳимро мебозанд. Онҳо бо мақсади коркарди захираҳои маҳаллӣ ташкил гардидаанд, ки азхудкунии онҳо барои корхонаҳои калон ғайрисамаранок ба ҳисоб меравад.

Омӯзиши таҷрибаи америкоӣ, махсусан стратегияи рушди технологии шаҳри Санкт Питербург маҷбур месозад, ки оид ба имкониятҳои воқеии ҳамроҳкунии институтҳои иқтисодӣ, техникӣ ва марказҳои илмию таҳқиқотӣ ба баҳодиҳии ҳолат ва суръати такмилдиҳии корхонаҳои саноатии хурд ва соҳибкории инфиродии ҷумҳурии мо бояд андеша намоем.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон месазад, ки истифодаи таҷрибаи коркарди стратегияи рушди босуръати соҳибкорони истеҳсолӣ коркарди

---

[68] Шабакаи электронӣ - https://ipregistr.ru/individualnyy-predprinimatel-v-ssha (санаи муроҷиат 11.03.2023)

маҳсулоти хомро мақсаднок мешуморем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории инфиродӣ метавонад худро дар соҳаи коркард ва татбиқи карорҳои пешрафтаи илмию технологӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳои ҳозиразамони тақозокунандаи бозор ёбад. Ин ба истеҳсоли таҷҳизоти энергетикӣ, асбобҳо ва воситаҳои худкори саноатӣ, маводҳои сохтмонии аз ҷиҳати экологӣ тоза, маҳсулотҳои саноати сабук ва ғайраҳо дахл дорад.

Расидан ба рушди мусбати соҳибкории инфиродӣ дар натиҷаи диққат додан ба механизмҳои коркарди афзалиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо истифодаи усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи танзими давлатӣ, бо дарназардошти нақши давлат дар шароити нави иқтисодӣ бозорӣ таъмин мегардад.

Вобаста ба ин сохтани низоми идоракунии соҳибкории маҳаллӣ ба як қатор принсипҳои асосӣ такя мекунад.

Принсипи якум раванди хусусигардонӣ бо коркарди яквақтаи стратегия ва усулҳои идоракунии маҳаллӣ. Ин гуна муносибат имконият медиҳад, ки ягонагии мақсад ва вазифаҳои сатҳи минтақаҳо бо манфиатҳои молик таъмин гардад ва оқибатҳои ногувори имконияти сар задани зиддиятҳо дар байни субъектҳои хоҷагидор рафъ карда шаванд.

Ба сифати принсипи дуюми фаъолияти низоми идоракунии соҳибкории маҳаллӣ - принсипи сиёсати сохторӣ қабул карда мешавад, ки он дар тақсимоти захираҳои буҷавӣ ва қарзӣ муносибати соҳавӣ ва корпоративиро бекор менамояд. Мақсади воқеии ин принсип тақсимоти захираҳо аз рӯйи барномаи махсуси тарҳрезишуда мебошад, ки мувофиқи он маблағҳо ба барномаҳои мушаххас ва лоиҳаҳои инвеститсионӣ, бо назорати сахти бонкӣ ҷудо карда мешаванд. Дар ин маврид соҳибкорон нақши иҷрокунандаи барномаҳоро иҷро намуда, миқёс ва шакли иштироки онҳо дар марҳилаи коркарди барномаҳо ва лоиҳаҳо муайян карда мешавад.

Принсипи сеюми ташкили низоми идоракунии соҳибкорӣ дар сатҳи вилоятҳо ин омезиши функсияҳои дастгирии «иқтисоди хурд» ва танзими

зиддиинҳисории фаъолияти онҳо дар самтҳои гуногун мебошад. Фаъолияти сохторҳои идоракунӣ дар ин самт, аз истифодабарии механизмҳои маъмурии маънкунанда иборат мебошад, ки ин чорабиниҳо монеаҳоро барои пайдошавии монополияҳои нав ба миён мегузоранд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ бо ҷорӣ намудани моделҳои инноватсионӣ ба монанди рақамикунонии равандҳо ва гузариш ба иқтисоди сабз имконпазир мегардад. Соҳибкорони инфиродӣ ҳамчун субъектҳои хоҷагидорӣ қариб аз 3/2 ҳиссаи тамоми шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии бақайди давлатӣ гирифташударо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намуда, барои ташкили ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли молу маҳсулот ва иҷрои кору хизматрасонӣ саҳми худро дар рушди иқтисодии мамлакат мегузоранд.

Нақши соҳибкории инфиродӣ аз рӯйи ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар ММД кам ҳам бошад, аз ҷиҳати субъектҳои фаъолияткунанда онҳо аз дигар шаклҳои субъектҳои хоҷагидорӣ миқдоран ба маротиб зиёд мебошанд.

Зарурати рушди соҳибкории инфиродӣ аз он бармеояд, ки марҳилаи аввали соҳибкорӣ буда, дар оянда чунин субъектҳои хурди хоҷагидорӣ ба корхонаҳои ҳаҷман калонтар мубаддал мегарданд. Қариб ҳамаи оғози фаъолияти корхонаҳои азим аз фаъолияти шахси воқеӣ ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ оғоз меёбад, ки фаъолияти соҳибкории инфиродиро ҳамчун гирифтани таҷриба барои ташкили корхонаҳои муқтадир ҳам ном мебаранд.

Дар “Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар самти вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул:

-дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар шаҳру деҳот, ҳамчун роҳи самарабахши афзун намудани теъдоди ҷойҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ;

-ҳавасмандкунии рушди “шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии низоми соҳибкории эколдогӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ;

-таъмини аҳолии деҳот бо ҷойҳои кор тавассути азхудкунии партов ва

нав;

-рушди шабакаи таълимӣ барои ба даст овардани малакаҳои касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, ки талаботи занон, ҷавонон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла, маъюбонро ба инобат мегирад;

-ҳавасмандии ҳаматарафаи фаъолияти фермерӣ ва соҳибкории хурд дар бахши аграрӣ тавассути такмили низоми қонунгузорӣ, бахусус, барои ҷавонон;

- диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ, аз ҷумла, бо назардошти омили гендерӣ ва таҳкими танзими давлатии раванди бозгашти муҳоҷирон;

- рушди бахшҳои меҳнатталаби иқтисодиёт, ки маҳсулоти он ба содирот равона карда мешавад (комплекси агросаноатӣ, саноати бофандагӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок);

-амалӣ намудани сиёсати давлатии шуғл, ки бо сиёсати соҳаи маориф ҳамоҳанг аст;

-истифодаи васеи хизматрасониҳои телекомкникатсионӣ дар раванди мубодилаи маълумот оид ба ташкили ҷойҳои корӣ дар байни ҷавонон ва мусоидат ба соҳибкориро муайян шудааст”[69].

Вобаста ба самтҳои зикргардида дар ҷумҳурӣ барои амалӣ намудани нуқтаҳои “Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” то ба имрӯз корҳои зиёд ба анҷом расонида шуда, ба як қатор натиҷаҳои мусбат ноил гаштааст.

Дар баробари ин, дар рафти таҳқиқоти илмӣ собит карда шуд, ки фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муваффақиятҳои алоҳидаи худ нигоҳ накарда, аз талаботи доимо ивазшавандаи муосири бозор қафо мондааст, ки вобаста ба ин такмили самтҳои зеринро зарур мешуморем (расми 11).

---

[69] Стратегияи миллии рушди Ҷумхурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе – 2016. Саҳ 11.

**Самтҳои асосии такмилдиҳии СИ**

- ташкили муҳити солими иқтисодӣ барои соҳибкорони инфиродӣ ва тақвият додани соҳибкории истеҳсолӣ
- муаммалгардонии базаи меъёрию ҳуқуқии соҳибкории инфиродӣ
- тақвияти дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ
- ташкили фаъолияти дурусти маркетологӣ
- таъминот ба қарзҳои имтиёзнок
- такмили низоми андози соҳибкорони инфиродӣ
- баланд бардоштани дараҷаи тахассусии соҳибкорони инфиродӣ
- рушди соҳибкорони инфиродӣ аз рӯйи ҷойгиршавии минтақавӣ
- ворид намудани инноватсия дар фаъолият ва истифода аз навигариҳои ҷаҳони муосир дар самти ба роҳ мондани шаклҳои инноватсионии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар ҷумҳурӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ

**Расми 11. Самтҳои асосии такмилдиҳии соҳибкории инфиродӣ (таҳияи муаллиф).**

Новобаста сол то сол баландтар шудани нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳибкории инфиродӣ ҳануз чунин натиҷаҳо қонеъкунанда набуда, барои рушди босуръати соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чораҳои иловагӣ андешид, зеро соҳаи мазкур барои ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъмини бозор бо маҳсулоту хизматрасониҳои босифат ва он боиси баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад.

Барои машғул шудани аҳолӣ ба соҳибкории инфиродӣ муҳимтарин омил ин ташкили муҳити мусоид, ки дар он  соҳибкорон аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳавасмандӣ дошта бошанд. Муҳити созгори фаъолияти соҳибкорӣ ба воситаи ташкили муҳити солими рақобатнок, фазои қонунгузории мусоид ва фароҳам овардани механизми дастгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ бояд таъмин гардад. Яке аз хусусиятҳои хоси рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин вазъи ноустувор доштани фаъолияти истеҳсолӣ буда, ҳиссаи он кам мебошад. Ин гуна ҳолат аз сабабҳои ба вазъияти тағйирёбандаи бозор тоб наовардани субъектҳои соҳибкории инфиродӣ  ва аз идоракунии номукаммали он ба миён омадааст. Молҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда

бо истифода аз технология ва таҷҳизоти муосири каммасраф истеҳсол гардида, барои соҳибкорони ватанӣ муҳити рақобатии шадидро эҷод менамоянд. Дар ин ҳолат соҳибкорони ватаниро лозим аст, ки дар масъалаи дастрас намудани технологияҳо ва таҷҳизоти дорои маҳсулнокии баланд, инчунин дар самти баланд бардоштани сатҳи касбии худ ҳаракат намоянд. Махсусан, ҳамчун ҳадафи стратегии субъектҳои соҳибкорӣ масъалаи дар дохили кишвар ба роҳ мондани истеҳсоли воситаҳои истеҳсолот муҳим арзёбӣ мегардад. Чунки таҷҳизоти аз хориҷи кишвар воридшаванда дар аксари маврид ё аз ҷиҳати маънавӣ фарсуда гаштаанд, ё бо нархи гарон дастрас мегарданд, ки ин ба рақобатпазирии молҳои истеҳсолшаванда таъсири манфии худро мерасонад.

Иқтисоди бозории ташаккулёфта шароити мусоидро баҳри дарёфти муҳити рақобатпазири истеҳсолкунандагони молу хизматрасонӣ барои пайдо намудани шароити мусоиди тақвияти сармояи худӣ муҳайё месозад. Ҳамчунин, барои ҳаллу фасли таносуби истеҳсолоти ҷамъиятӣ рақобат механизми асосӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳимтарин шарти рушди соҳибкории инфиродӣ ин тақвият додани фаъолияти истеҳсолӣ маҳсуб шуда, инчунин истифодаи лизинг ва франчайзинги таҷҳизотҳо метавонад фаъолияти онҳоро ривоҷ диҳад. Ҳамчунин, такмили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба андешидани як қатор чорабиниҳое алокамандӣ дорад, ки характери ташкилию техникӣ дошта, ба баландбардории сифати хизматрасониҳо нигаронида шудааст. Чорабиниҳои мазкур аз бисёр ҷиҳат мақоми соҳибкорро боло бурда, рақобатпазирии онро таъмин менамояд.

Таҳлилу тадққиқи ҳолати истеҳсолот, имкониятҳои ба зудӣ роҳ пайдо намудани соҳибкории инфиродиро дар бозор ошкор намуд. Дар ин ҷараён афзуншавии тамоюли фардикунонии талаботро дидан мумкин аст. Дар самти талаботи инфиродӣ талаботи хосаи гурӯҳи на он қадар калони истеъмолгарон нақши бориз дорад.

Талаботҳои мазкурро танҳо ширкатҳои хурд ё соҳибкорони инфиродӣ метавоннанд қонеъ намоянд, зеро баҳри корхонаи нисбатан калон истеҳсол

кардани молҳо, бо ҳаҷми камтар метавонад фоидаи дилхоҳ наорад. Дар ҳоли афзоиши бозори молу маҳсулоти нав, соҳибкорони инфиродӣ метавонанд ба ширкати миёна ё ширкати азим мубаддал гардад. Шаркатҳои азим худ ба худ ва яку якбора пайдо нашудаанд.

Дар ин баробар  барҳри фаъолияти ширкатҳои бузург шароитҳои зерин заруранд: бозори доманадору васеъи дорои талаботи устувору бардавом; молу маҳсулоти талаботи умум, ки ба шароити бозор мувофиқат мекунанд; захираи воситаҳои молиявию пулӣ; қувваи  арзони корӣ.

Таҷриба собит менамояд, ки соҳибкори инфиродӣ имкониятҳои зудтар ва хубтар ба талаботи бозор истеъмолкунандагони мушаххас, бо вуҷуди содагии идоракуниии сохторашон мутобиқ шударо доранд. Сохтори содаи идоракунӣ ба соҳибкори инфиродӣ имкон медиҳад, қарорҳои идоракуниро ба таври фаврӣ бароранд. Нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, соҳибкорони инфиродӣ ба сатҳу сифати таъмини қисматҳои пурракунандаи маҳсулотҳои истеҳсолшаванда метавонанд баромад кунанд, ки ин имкониятҳои истифода намудани  махсусгардониро на танҳо дар соҳаи истеҳсолӣ, зеро дар соҳаҳои фурӯши мол, кор ва хизматрасонии техникӣ кафолат медиҳад.

Соҳибкори инфиродӣ пудратчиёни хурди ширкатҳои дигар ба шумор рафта, бо истифода аз махсусгардонии истеҳсолот қодир аст, баҳри омода кардани қисматҳои алоҳидаи молу маҳсулоту тақсимоти меҳнатро бо мақсади ба натиҷаҳои хуби молиявӣ расидан фаъолият намояд. Соҳибкорони ифиродӣ метавонанд иҷрои намудани фақат як-ду амалиётро дар ҷараёни душвори технологӣ ба зима гиранд. Пурра амал намудан дар раванди истеҳсоли молу маҳсулот бар дӯши корхонаҳо вогузор аст.

Дар маҷмуъ ба рушди босуръати соҳибкории инфиродии соҳаи истеҳсолӣ дар маҳалҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ чорабиниҳои зерин метавонад мусоидат намоянд:

- баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсоли молҳо, афзоиш додани ҳосилнокии меҳнат, дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;
- фаъол намудани ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва рушд бахшидани

муҳити рақобатноки солим;

• истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасонӣ тибқи талаботи истеъмолгарон.

Мукаммалгардонии базаи меъёрию ҳуқуқии соҳибкории инфиродӣ масъалаи муҳим буда, барои тақвияти он қабули “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти соҳибкори”-ро зарур мешуморем. Ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷой дода шудаанд ва ҳамаи паҳлуҳои онро ба пуррагӣ дар бар намегиранд. Қабули қонуни мазкурро аз он лиҳзоз зарур мешуморем, ки он имкон медиҳад, ки дар доираи як сананди меъёри ҳуқуқӣ фаъолияти соҳибкории инфиродӣ танзими ҳуқуқӣ карда шавад. Қонунгузории мамлакат фаъолияти соҳибкории инфиродиро дар доираи 1млн. сомонӣ дар як сол маҳдуд намудааст, ки соҳибкори инфиродӣ баъд аз гузариш аз ин ҳад бояд ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шавад ва тибқи низоми умумӣ фаъолияти худро ба роҳ монад, ки ин нишондиҳанда ба ақидаи мо дар шароити имрӯза кам буда, ҷиҳати то 3млн. расонидани он пешниҳод менамоем.

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ доир ба дастгирии соҳибкории инфиродӣ ва шаклҳои дигари он дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мавҷуданд ва бо баробари он, такмилдиҳии қонунҳои амалкунандаро дар соҳаи коркарди механизмҳои самараноки дастгирии соҳибкории инфиродиро пешниҳод менамоем.

Аз рӯйи таҷриба, дастгирии давлатии иқтисодиёт барои рушди устувори тамоми соҳаҳои иқтисодӣ манфиатнок аст. Алалхусус, дар марҳилаи афзоиши муносибатҳои истеҳсолӣ, рушди тиҷорати молу маҳсулот, зиёд шудани рақобат ва пайдоиши монополияҳо, дахолати давлатӣ ба танзими фаъолияти соҳибкорӣ ногузир буда, дар баробари ин дастгирии давлатии соҳибкорӣ низ зарурат дорад.

Ҳангоми баррасии самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо ба хулосае омадем, ки дар шакли механизм рушди фаъолияти соҳибкории инфиродиро чунин тасвир

намоем (расми 12).




**Расми 12. Механизми рушди соҳибкории инфиродӣ (таҳияи муаллиф).**

Ҳадафи ин механизми мазкур омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни таъсиррасон ба рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ буда, дар натиҷаи ба инобатгирифтани ҳамоҳангсозии онҳо таъмини рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба ақидаи мо, муҳайё намудани шароит барои соҳибкории инфиродӣ, алалхусус дар самти истеҳсолӣ, расонидани хизматрасониҳои мухталиф ва иҷрои корҳо бояд яке аз мақсадҳои асосии сиёсати давлатиро дар шароити муосир ташкил намояд. Барои рушди мунтазами иқтисодиёт танҳо ба корхонаҳои калон такя намудан кифоя нест. Аз ин рӯ, дастгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ имкон медиҳад, ки саҳми онҳо дар тақвияти истеҳсолот

ва соҳаи хизматрасонӣ боис гардад.

Масъалаи ҷудо намудани замин, базаи истеҳсолӣ ва маъмурии бо пояҳои қонунгузорӣ тасдиқшударо бояд ҳал намуд. Ҳамчунин пешниҳод менамоем, ки ба соҳибкорони инфиродӣ имкони харид намудани биноҳо бо шароити мавқуф гузоштани пардохтҳо ба роҳ монда шавад.

Кор карда баромадани имтиёзҳоро ба соҳибкорони инфиродие, ки биноҳои моликияти давлатиро мехоҳанд ба иҷораи дарозмуддат гиранд зарур мешуморем. Ба воситаи вогузории объектҳои моликияти давлатӣ ба соҳибкорони инфиродӣ баргаштани маблағҳо ба шакли андозҳо ба буҷети давлатӣ боис мегардад.

Ба ақидаи мо, фаъолияти самараноки маркетологӣ яке аз шартҳои муҳими рушду равнақи соҳибкории инфиродӣ баҳисоб меравад. Дар ҳамин радиф, аз ҷониби ниҳодҳои марбутаи давлатӣ ташкил намудани марказҳои омӯзишии соҳибкорони инфиродиро пешниҳод менамоем, ки дар он ба ҷуз аз масъалаҳои маркетологӣ ҷанбаҳои дигари рушди соҳибкорӣ  мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Алалхусус, марказҳои мазкур бояд ба соҳибкорони инфиродӣ шаклҳои мухталифи хизматҳои машваратиро доир ба тарзи дурусти ташкил ва бурдани муҳосибот, гузаронидани аудит, дуруст ҳисоб намудани андозҳо ва сари вақт пешниҳод намудани ҳисоботи онҳо, тарзи дуруст сохтани нақшаи соҳибкорӣ (бизнес-план), пешниҳоди дурусти молҳо ва банду басти онҳо, ташкили дурусту самараноки корҳои таблиғотӣ,  ба роҳ мондани менеҷмент, ташкили муносибати хуб бо мизоҷон, ташкили дурусти муносибатҳои логистикӣ ва ғайра расонанд.




**Расми 13. Механизми рушди стратегии соҳибкории инфиродӣ (таҳияи муаллиф).**

Дар ҷумҳурӣ дар баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ заминаҳои муайян баҳри таъмини рушди устувори соҳибкории инфиродӣ ба вуҷуд омад.

Ба андешаи мо, ҳоло зарурияти татбиқи механизми рушди стратегии соҳибкории инфиродӣ ба миён омадааст (расми 13).

Дарояндаи наздик пайдоиш ва рушди бозори хизматрасонии маркетингӣ ва машваратӣ имкон дорад, ки дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ амалӣ карда шуда, ба манфиати кор аст ва барои баланд шудани сатҳу сифати хизматрасонӣ оварда мерасонад. Дар ҳамин баробар бояд қайд намоем, ки қариб дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат, ки соҳибкории инфиродӣ беҳтар рушд намудааст, нақши ташкили бизнес-инкубаторҳо басо муҳим арзёбӣ мегардад.

Инчунин, ба андешаи мо ба сифати яке аз омилҳое, ки ба суръати рушди соҳибкории инфиродӣ таъсири бад мерасонад, ин мушкилоти қарздиҳӣ ба соҳибкорони инфиродӣ маҳсуб мешавад. Аз сабаби пешниҳоди нокифояи қарзҳо аз ҷониби бонкҳо ва дигар муассисаҳои моливию қарзӣ ва тул кашидани ҳуҷҷатгузорӣ дар ин самт барои соҳибкорони инфиродӣ мушкилӣ эъҷод мегардад. Таҳлилҳо нишон дод, ки бисёре аз бонкҳои тиҷоратӣ бештар бо соҳибкорони нисбатан калон ҳамкорӣ намуда, бо соҳибкорони инфиродӣ камтар ҳамкорӣ менамоянд.

Дар ҳамин замина истифода аз таҷрибаи хориҷӣ, ки ба соҳибкорони навкори инфиродӣ қарзи дарозмудати имтиёзнокро пешбинӣ менамояд, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиз мешуморем.

“Фонди дастгирии соҳибкории Тоҷикистон фақат барои ташкили тиҷорати хурд дар бахшҳои истеҳсолӣ (корхонаҳо ва фабрикаҳо), ҳунарҳои мардумӣ, сайёҳӣ ва технология қарзи имтиёзноки 12%- и солонаро ба муҳлати 2-3 сол пешниҳод менамояд”[70], ки барои бахшҳои дигари соҳибкории инфиродӣ низ пешниҳоди чунин қарзҳоро аз тарафи фонди мазкур ҷонибдорӣ менамоем.

[70] Сомонаи интернетии https://www.facebook.com/bizincubator.gov.tj/posts/209304650099835O/ (санаи муроҷиат 8.05.2023.)

Тибқи қонунгузории амалкунанда ба соҳибкорони инфиродӣ дар бобати пардохти андозҳо баъзе аз имтиёзҳои воқеӣ пешниҳод менамояд, алалхусус ба соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд. Аммо дар самти андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд мушкилии ба андозаи 6% супоридани андоз аз даромади умумӣ бе тарҳкуниҳо, боқӣ мемонад.

Инчунин, ба ақидаи мо барои соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти худро нав оғоз менамоянд бояд имтиёзи озод намудан аз андозҳо то 2 соли фаъолият дода шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ ба онҳо таътилҳои андозӣ дода шаванд Дар бобати такмили низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ ҳамчун саволи алоҳида, дар рисолаи мазкур таҳқиқот бурда шуда, пешниҳодҳо карда шудаанд.

Барои баланд бардоштани дараҷаи тахассусии соҳибкорони инфиродӣ ташкили курсҳои бозомӯзиро ҷоиз меҳисобем, зеро чигуна дар боло қайд намудем, аксари соҳибкорони инфиродӣ фаъолияти худро бе доштани дониши касбӣ оғоз намуданд, ки ин метавонад ба самаранокии фаъолияти онҳо таъсири манфӣ расонад.

Вобаста ба хусусиятҳои рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ як қатор омилҳои муайянкунандаро метавонем ҷудо намоем, ки барои баланд бардоштани дараҷаи тахассусии соҳибкорони инфиродӣ боис мегардад:

1) ташкили курсҳои кутоҳмуддат вобаста ба самти фаъолияти соҳибкорӣ;
2) ташкили муассисаи махсуси давлатии таълимӣ, ки маҳз ба ташкили бозомӯзии соҳибкорони инфиродӣ машғул гардад;
3) гузаронидани аттестатсияи соҳибкорони инфиродӣ ҳар 5 сол;

4) дастгирии давлатӣ бобати ба хориҷа сафарбар намудани соҳибкорони инфиродӣ баҳри омӯзиши малакаи мамлакатҳои пешрафтаи дунё дар бахши мазкур (расми 22*).




**Расми 14. Омилҳои ба такмили ихтисоси соҳибкорони инфиродӣ таъсиррасонанда (таҳияи муаллиф).**

Ба андешаи мо накши ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ дар мавриди ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ басо муҳим аст. Чунин ассотсиатсияҳо имрӯз қариб дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасанд, ки ёрии амалии худро бобати пешниҳоди ҳар гуна машваратҳои ҳуқуқӣ, ташкили муҳосибот, ҳимояи онҳо дар назди мақомоти андоз ва ғайра мерасонанд.

Инчунин, фаъолияти ассотсиатсияҳо аз мусоидат намудан ба аъзоёни худ бобати кафолатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ баҳри мустақилона фаъолият кардан, дастгирӣ кардани фаъолияти мухталифи соҳибкорони инфиродӣ, ки машварати махсусро талаб менамояд, ташкили ҳамкории самараноки

соҳибкорони инфиродӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, Вазорату идораҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ дар ҷойҳо, танзими фаъолияти истеҳсолӣ, мусоидат кардан ба такмили касбияти соҳибкорони инфиродӣ ва ғайра иборат аст.

Аз рӯйи таҷриба, ташкили чунин ассотсиятсияҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқи мақсад буда, ба фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ таъсири мусбӣ мерасонанд, ки ин ба афзоиши шумораи соҳибкорони инфиродӣ боис шуда, муҳити рақобатнокро дар бозори ҷумҳурӣ ташкил мекунад.

Истифода аз дастовардҳои илмӣ дар раванди тақвият додани фаъолият барои соҳибкории инфиродӣ махсусан зарур аст.

Ба андешаи мо барои рушди фаъолияти инноватсионии соҳибкории инфиродӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва ташкили фаъолияти электронии тиҷорат зарурат дорад, зеро имрӯз дар шароити тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ ва истифодаи шаклҳои вертуалии фаъолият, соҳибкоронро водор менамояд, ки аз чунин шаклҳо инноватсионӣ васеъ истифода баранд.

Қонеъгардонии қисматҳои талаботи бозор, ки барои соҳибкории инфиродӣ ҷудо гардидаанд, бо истеҳсол намудани маҳсулотҳои тайёр, пеш аз ҳама бо истифодаи технологияҳои сатҳи баланд амалӣ карда мешавад.

Беҳтарнамоии равандҳои ҳамгиройӣ яке аз самтҳои дигари рушди соҳибкории инфиродӣ маҳсуб шуда, он ташкили фаъолияти якҷояи чанд соҳибкори инфиродиро дар бар гирифта, таъмини сармоягузориҳоро аз сарчашмаҳои иловагӣ ва равнақ додани ҳамкориҳоро дар байни соҳибкорон ифода менамояд.

Дар солҳои охир як қатор таҷрибаи самараноки рушди соҳибкории инфиродӣ дар мамлакат ҳосил шудааст, ки ташкили марказҳои махсуси истеҳсолӣ ва технологиро дар бар мегирад. Чунин марказҳо дар шаҳрҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе ва Хуҷанд фаъол мебошанд. Мақсад аз фаъолияти марказҳои мазкур ташкил намудани раванди самараноки истеҳсолию технологӣ, пояҳои иттилоотию иқтисодӣ баҳри омодагӣ ва

ташкили фаъолияти мустақили субъектҳои соҳибкории хурд маҳсуб мешавад.

Муҳити рақобатӣ дар бозор, ки дар он соҳибкорони инфиродӣ ҳамчун иштирокчӣ маҳсуб мешаванд, ба онҳо зарурати талаботи доимо ивазшавандаи истеъмолкунандагонро муайян намуда, мунтазам сифати маҳсулоти истеҳсол кардаашонро беҳтар намоянд.

Ба ақидаи мо барои рушди соҳибкории инфиродӣ ва бартараф намудани монеаҳо, инчунин андешидани чунин чораҳои иловагӣ хеле зурур аст (расми 15).




**Расми 15. Самтҳои асосии такмилдиҳии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ (таҳияи муаллиф).**

Ҳамчун давраҳои баҳодиҳии рушди босамар, фаъолияти соҳибкории инфиродӣ як қатор амалиётҳои пай дар пайро дар бар мегирад, ки онҳо ҳолати онҳоро мувофиқи нишондиҳандаҳои миқдорию сифатӣ таҳлил намуда, чунин муайян карда мешаванд:

- марҳилаи аввал стратегияи рушди соҳибкории инфиродӣ дарояндаҳои миёнамуддат (3-5 сол) ва дарозмуддат (10-15 сол)
- дар марҳилаи дуюм лоиҳаҳои стратегӣ ва барномаҳои миёнамуддати мақсадноки рушди соҳибкории инфиродӣ ташаккул меёбанд;
- дар марҳилаи сеюм нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии

❖ фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ҷудо карда мешаванд;

❖ дар марҳилаичорум низоминишондиҳандаҳои асосии самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ коркард мешаванд;

❖ дар марҳилаи панҷум соҳибкорони инфиродӣ ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд.

Баҳодиҳӣ ба самаранокӣ ва манфиатнокии рушди соҳибкории инфиродӣ дар минтақаҳои гуногун ба воситаи муқоиса намудани ченакҳои миқдорию ҳиссавӣ ба амал бароварда мешавад. Нишондиҳандаҳои муҳими самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар ҷумҳурӣ дар расми 24* оварда шудаанд:




**Расми 16. Нишондиҳандаҳои асосии стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳияи муаллиф).**

Чи тавре ки, аз ҷадвал бармеояд, татбиқи усули зерин имконият медиҳад, ки сатҳи самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ баҳо дода шавад ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда оид ба рушди соҳибкории инфиродӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он коркард шаванд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои ҳосилшуда имкони татбиқи максадҳои асосии стратегияи рушди соҳибкории инфиродиро дар кишвар дар доираи гузаронидани мониторинг мушаххас карда мешавад.

Усули пешниҳодшуда имконияти гузаронидани таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои гуногунро медиҳад, ки ин нишондиҳандаҳо дар асоси пурсишҳои иҷтимоии рушди соҳибкории инфиродӣ тавсиф медиҳанд. Натиҷаҳои таҳлил ва пурсишҳои иҷтимоиро дар варақаҳои маълумотӣ ва нашриёти даврӣ, дар лавҳаҳои оид ба масъалаҳои тараққиёт ва дастгирии субъектҳои соҳибкории инфиродӣ ҷудошуда чоп намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Ақидаҳои пешниҳодшуда имкони онро медиҳанд, ки чунин масоили рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар мамлакат ҳалли худро пайдо намоянд:

- ❖ ташаккули низоми танзиму дастгирии соҳибкории инфиродӣ, дар ҳудудҳои мушаххаси маъмурӣ;
- ❖ ҳалли мушкилиҳое, ки ба рушди соҳибкории инфиродӣ дар минтақаҳо монеа мешаванд;
- ❖ назорати нишондиҳандаҳои динамикаи рушди соҳибкории инфиродӣ;
- ❖ ҷудокунии нишондиҳандаҳо барои муайянкунии гурӯҳи соҳибкории инфиродии самаранок фаъолияткунанда.

Бояд қайд намуд, ки ҳалли масоили рушду нумуи соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир, барои чараёни ташаккул ва рушди устувор ҳатмӣ ба шумор меравад. Тамсилаи ташаккул ва рушди устувори соҳибкории инфиродӣ барои амалӣ намудани самтҳои зерин нигаронида мешавад:

- ❖ ба эътидол овардани ҳолати иқтисодии соҳаҳои дорои мавқеи калидии иқтисоди миллӣ;
- ❖ ташкили зерсохтори истеҳсолӣ ва қонунгузории рушди фаъолияти соҳибкорӣ;

❖ баланд бардоштани сатҳу сифати зисту зиндагонии аҳолии ҷумҳурӣ ва минотиқи он.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти илмӣ ба хулосае омадан лозим аст, ки чунин афзалиятҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мавҷуд аст: осон ташкил карда мешавад; мустақилияти пурра дорад, соҳиби озодӣ ва фаврият мебошад; дорои махфияти фаъолият мебошад; доштани хароҷоти хурди ташкилӣ; чандирият дар ташкили фаъолият; минималӣ будани муқаррароти давлатӣ, ки имконияти тақсими мустақилонаи фоидаро фароҳам меорад; нисбати соҳибкории инфиродӣ низоми содакардашудаи муҳосибӣ ва андозбандӣ истифода бурда мешавад; меъёрҳои андозҳо барои соҳибкорони инфиродӣ нисбати шахсони ҳуқуқие, ки тибқи низоми умумӣ фаъолият менамоянд, пастанд.

## 3.2. Такмили низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир

Дар Паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, Маҷлиси вакилони Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: "Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд. То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст" [71].

Инчунин, қайд гардид, ки "дар соли 2022 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил дод, ки ин зиёда аз 30%-и буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

---

[71] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе 23.12.22.

Дар навбати худ чунин сабукиҳо ба он оварда расонид, ки рушди ММД дар соли 2022 ба 8% баробар гашта, дар давраи ноустувории иқтисоди ҷаҳонӣ нишондиҳандаи басо муҳим ба ҳисоб меравад.

Пас аз қабули Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021, аз ҷумла аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳои 5 намуди андоз ҳамасола маблағи тақрибан 1,5 миллиард сомонӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад, ки ин дастгирии муҳими давлатии соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад" [72].

Дар даврони Шӯравӣ тибқи қонунгузории ҳамонвақта, аз ҷониби шахсони воқеӣ машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бо қайди давлатӣ ва ба даст овардани шаҳодатномаи фаъолияти соҳибкорӣ иҷозат дода намешуд. Асосан шахсони воқеӣ метавонистанд маҳсулоти наздиҳавлигии худро дар бозорҳои колхозӣ, ки он вақт амал менамуданд ба фурӯш бароранд.

Бо вуҷуди дуруст ба роҳ мондани корбарӣ дар ин самт дар як муддати кӯтоҳ теъдоди соҳибкорони инфиродӣ якбора зиёд гардида, имрӯз дар ҷумҳурӣ мувофиқи маълумоти Агентии давлатии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 қариб 340 ҳазор нафар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, барои равнақ ёфтани соҳаҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, кишоварзӣ ва ғайра саҳми босазои худро мегузоранд.

Тибқи қонунгузорӣ "соҳибкори инфиродӣ ба монанди ташкилоти тиҷоратӣ суратҳисоб дар бонкҳо, мӯҳр, тамғаи молӣ, аҳд бастан ва шартнома ба имзо расонидан, иҷрои фармоиши муассисаи давлатӣ ва ташкилотҳо, аз бонк қарзгириро доро мебошанд"[73].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе 23.12.22. чунин нуқта баррасӣ карда шуд, ки "Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ,

---

[72] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе 23.12.22.

[73] Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда. Душанбе, «31» марти соли 2022 таҳти №151

махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Дар ин самт, пешниҳод менамоям, ки бо мақсади идома додани ислоҳоти соҳа ва танзими муносибатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ қонунгузории соҳа такмил дода шуда, муносибатҳои зикршуда дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва шумораи онҳо то 60 фоиз ихтисор карда шавад.

Ҳамчунин, роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ташаббусҳои созандаи соҳибкорону сармоягузоронро ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд ва доир ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба фаъолияти онҳо ва бартараф кардани мушкилоту монеаҳои ҷойдошта тадбирҳои бетаъхир андешанд”[74].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ барои дастгирии соҳибкорон як қатор чораҳои муассирро роҳандозӣ намудааст. Аз ҷумла, эълон намудани моратория барои санҷиши фаъолияти соҳибкорон 4 маротиба дар давраҳои зерин қабул гардид, ки дар ҷадвали 3.1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.1.** Мораторияҳо барои санҷиши фаъолияти соҳибкорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

| № | Номи қонун | Сана амал |
|---|---|---|
| 1. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мораторияи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ | аз 3 июли соли 2012 таҳти №589 |
| 2. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мораторияи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ | аз 18.03.2015 № 1192 |
| 3. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мораторияи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ | аз 7 феврали соли 2018 № 994 |
| 4. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мораторияи субъектҳои соҳибкорӣ | аз 27 апрели соли 2022 № 700 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллифи диссертатсия

Қонунҳои мазкур барои манъ намудани ҳамагуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорон асос гузошта, барои пешрафти соҳа саҳми арзанда дорад, зеро

[74] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе 23.12.22.

ҳама гуна дахолат ва монеаҳо ба фаъолияти соҳибкорон таъсири манфӣ расонида онро халалдор менамояд.

Махсусан, қабули қонун дар бораи "Мораторияˮ самаранокии иқтисодии худро собит намуд, ки он дар ботадриҷ афзоиш ёфтани ҳаҷми солонаи ММД ба ҳисоби миёна то 7,3% дар солҳои амали қонуни мазкур боис гардид. Ба ғайр аз ин, ҳиссаи сектори соҳибкории истеҳсолӣ дар ММД афзоиш ёфта, тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ теъдоди корхонаҳо ва соҳибкорони инфиродии нав бақайди давлатӣ гирифташуда, дар соҳаи саноат сол аз сол афзоиш меёбад.

Дар асоси нақшачорабиниҳои Ҳукумат қариб ҳар сол бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон вохӯриҳо баргузор гардида, дар он суҳбати ошкоро доир ба камбудиҳои соҳа мубоҳисаҳо сурат гирифта, баҳри ҳалли он чораҳои махсус андешида мешаванд, ки барои рушди соҳа аҳамияти хосса дорад.

Соҳибкори инфиродӣ ҳамчун андозсупоранда ба монанди ташкилоти тиҷоратӣ суратҳисоб дар бонкҳо, муҳр, тамғаи молӣ, аҳд бастан ва шартнома ба имзо расонидан, иҷрои фармоиши муассисаи давлатӣ ва ташкилотҳо, аз бонк қарзгириро доро мебошанд.

Одатан шахсе, ки мехоҳад фаъолияти худро дар ин ё он соҳа ба роҳ монад, ҳатман низоми андозбандии онро таҳлил намуда, сипас хулосаи оғоз намудани фаъолияташро мебарорад. Яъне нақши низоми андозбандӣ барои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ басо муҳим арзёбӣ гардида, омӯзиш ва таҳти таҳқиқоти илмӣ қарор додани он талаби замон аст.

Барои дарки низоми андозбандии соҳибкори инфиродӣ ҷанбаҳои фаъолияти ҳуқуқии онро илман асоснок намудан зарур аст.

Таҳлили ҷаҳонбинӣ ва корҳои илмӣ дар соҳаи соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки фаҳмиши моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии табиати соҳибкори инфиродӣ ба назария ва таълимот оид ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаи мустаҳкам дорад. Айни замон омехташавии нуқтаи назар ва консепсияҳои доимӣ ба амал омада, соҳибкории инфиродӣ аз нуқтаи назари иқтисодию ҳуқуқӣ дида мешавад.

Маълум мешавад, ки фаҳмиши ҳуқуқӣ  ва иқтисодии соҳибкори инфиродӣ на ҳамавақт ба ҳам мувофиқ меоянд, ин ба он вобастагӣ дорад, ки соҳибкории инфиродӣ,  аз як тараф ҳамчун воситаи иқтисодии фаъоли фардӣ, аз тарафи дигар танҳо шакли иқтисодии фаъолияти шахси воқеиро мефаҳмонад.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ соҳибкори инфиродӣ  на танҳо ба бисёрвазифагӣ, инчунин одӣ будани фаъолият хос аст. Дар бисёр ҳолатҳо  вазифаҳои иқтисодӣ ба ҳуқуқӣ омезиш меёбанд. Соҳибкори инфиродӣ ин шахсе мебошад, ки ба фаъолияти меҳнатии инфиродӣ машғул аст. Соҳибкории инфиродӣ шабеҳ бо чунин намудҳои фаълияти иқтисодӣ ҳамчун фоидабадасторанда, истеҳсолкунанда (саноатӣ, савдо, ҳунармандӣ ва ғ.) ва фаъолияти шахсии хоҷагии шаҳрванд мебошад.  Навъҳои овардашуда  на дар ҳама ҳолат характери соҳибкориро доро мебошад, аз он ҷумла дар давлатҳои алоҳидаи дорои низоми ҳуқуқи исломӣ ҳунармандӣ хусусияти соҳибкорӣ надорад. Соҳибкори инфиродиро аз фаъолияти хоҷагии ёрирасони  шахсӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодии шахси воқеӣ муайян кардан лозим аст.  Фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ мувофиқи қ. 2 м. 3 ҚҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»,  «Фаъолияти шаҳрвандон  дар бобати пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда намешавад»[75]. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз соҳибкори  инфиродӣ бо нишонаҳои худ фарқ карда мешавад, аз ҷумла хусусияти қонеъгардониро дорад. Омили асосие, ки барои ба амал баровардани ин фаъолияти иқтисодӣ иҷозаи ба соҳибкори инфиродӣ табдил ёфтанро намедиҳад, ин даромади паст ва ноустувори аъзои хоҷагӣ мебошад, маҳдудияти моддӣ – техникии манбаъ ва ҳаҷми майдони қитъаи замин ва мақсади хоҷагӣ, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ  ва қонеъ гардонидани талаботи худ бо озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки расман фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб намеравад.

Дар ҷадвали 3.2. и миқдори соҳибкорони инфиродие, ки бо шаҳодатнома фаъолият менамоянд, нишон дода мешавад, ки дар солҳои охир аз фаъолияти

---

[75] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» қ. 2 м. 3. Душанбе 2010.

соҳибкории инфиродӣ ба шахсони ҳуқуқӣ гузашта, тибқи низоми умумӣ андоз месупоранд, инчунин соҳибкорони нав ба қайд гирифташуда ва соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти худро қатъ намуданд. (ҷадвали 3.2)

**Ҷадвали 3.2.** Соҳибкорони инфиродии бо шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки ба шахси ҳуқуқӣ гузаштанд, соҳибкорони инфиродии нав ба қайд гирифташуда ва соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти худро қатъ намуданд

| Солҳо | Теъдоди умумии соҳибкорони инфиродӣ | Соҳибкорони инфиродии нав ба қайд гирифташуда | Соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти худро қатъ намуданд | Соҳибкорони инфиродие, ки ба шахсони ҳуқуқӣ гузаштанд |
|---|---|---|---|---|
| 2018 | 33 572 | 2356 | 1135 | 189 |
| 2019 | 34 604 | 3849 | 1012 | 195 |
| 2020 | 37 264 | 2198 | 2580 | 201 |
| 2021 | 36 663 | 1987 | 2717 | 184 |
| 2022 | 35 749 | 1824 | 2154 | 213 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф бо истифода аз ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022.

Аз натиҷаҳои ҷадвали 3.2 чунин бар меояд, ки теъдоди соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд аз ҳама зиёд соли 2020 афзоиш ёфта, он ба 37 246 нафар расидааст, ки дар солҳои минбаъда бо вуҷуди таъсири СОВИД-19 кам шудааст. Дар соли 2021 теъдоди соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ба миқдори 583 нафар нисбат ба соли 2022 кам гашта, соли 2022 низ нисбат ба соли 2021 ба миқдори 914 нафар кам шудаанд.

Чунин нишондиҳандаҳо аз сабаби камтар ба қайд гирифташудани соҳибкорони нави инфиродӣ ва зиёд гаштани теъдоди соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти худро қатъ намудаанд, ба вуқуъ пайвастааст.

Торафт зиёд гаштани шумораи соҳибкорони инфиродӣ дар солҳои охир бо пандемияи КОВИД-19 ва бухрони молиявии дар натиҷаи он бавуҷудомада вобаста аст. Дар панҷ соли охир соҳибкорони инфиродие, ки аз низоми содакардашуда ба низоми умумии андоз ҳамчун шахси ҳуқуқӣ гузариш менамоянд, аз 184 то ба 213 нафарро ташкил намуд. Чунин натиҷа гувоҳи он аст, ки дар натиҷаи сатҳи пасти маъмурикунонии низоми андози ҷумҳурӣ теъдоди муайяни соҳибкорони инфиродӣ даромадҳои худро рӯйпуш намуда, онро дар сатҳи мувофиқ нигоҳ медоранд, то ин ки аз низоми содакардашуда

ба низоми умумӣ нагузаранд. Инчунин ба масъалаи соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома ба қайд гирифта шудаанд ва айни ҳол бо ин ё он сабабҳо фаъолият наменамоянд, низ зиёд аст. Инро аз маълумотҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба андозсупорандагоне, ки ҳисоботи андозиро бо сифр месупоранд ошкор намудан мумкин аст. Мувофиқи маълумотҳои мақомоти дахлдор теъдоди соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва ҳисоботҳои худро бо сифр пешниҳод менамоянд дар соли 2021 ба 354 нафар баробар буд, ки ин қариб 1%-и миқдори умумиро ташкил менамояд[76].

Амалан тартиби фаъолият ва тарзҳои андозбандии соҳибкорони инфиродиро Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд", танзим менамояд.

Қоидаҳои мазкур моҳи марти соли 2022 қабул карда шуд, ки ба ақидаи мо аз норасоиҳои зиёд иборат буда, ба такмил ниёз дорад.

Тибқи қоидаҳои мазкур соҳибкорони инфиродӣ ба "се гурӯҳи алоҳида тақсим шуда, чунин таснифот карда мешаванд:"[77]

1. Соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда;

2. Соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда;

3. Соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низоми махсус фаъолияткунанда.

То қабули қоидаҳои мазкур намудҳои соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда то 50 адад фаъолиятро дар бар мегирифт, ки мувофиқи он меъёри муайянро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намуда буд. Ҳоло бошад теъдоди оҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда ба 18 намуди фаъолият расонида шуд, ки дар ин рӯйхат соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунандаи соҳаи савдо

[76] Ҳисоботи Кумитаи андози назди Ққукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2022, - 46с.
[77] Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, №151 аз 31.03.2022. Душанбе 2022.

тамоман дида намешавад, ки қобили қабул нест.

Тақсимоти соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда бо шартҳои махсус ва низоми махсус фаъолияткунанда низ як қатор саволҳоро ба вуҷуд меорад.

Мувофиқи қоидаҳои мазкур, барои соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда, маҳдудияти даромади умумӣ дар як сол дар доираи то 500 ҳаз. сомонӣ муқаррар карда шуда, онҳо наметавонанд аз ду коргар зиёдтарро ба фаъолияти меҳнатии кироя ҷалб намоянд. Инчунин онҳо ба фаъолияти воридоти мол аз хориҷа ва содироти молҳо ба хориҷа метавонанд машғул бошанд ва ин маблағ низ бояд аз 500 ҳаз. сомонӣ зиёд набошад.

Меъёри андози иҷтимоӣ барои соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда муқаррар карда нашуда, тартиби пардохти андози даромад низ нофаҳмо аст.

То қабули қоидаҳои нав аксарияти соҳибкорони дар соҳаи савдо фаъолияткунанда бо патент кор менамуданд, акнун ҳамаи онҳо новобаста аз бузургии даромади худ бояд тибқи шаҳодатнома фаъолият намуда, даромаду хароҷоти худро баҳисоб гиранд. Дар банди 33-и қоидаҳои мазкур ба соҳибкороне, ки ба савдо машғул мебошанд ишораи бо патент фаъолият намудан дода шудааст, лекин дар рӯйхати фаъолият ва маблағи патент, ки дар ҳамин қоидаҳо муайян карда шудааст, ягон намуди фаъолияти савдо дида намешавад. Ҳол он ки дар Кодекси андоз барои он соҳибкорони инфиродие, ки то 200 ҳаз. сомонӣ дар як сол даромади умумӣ доранд, фаъолият тибқи патент иҷозат дода мешавад.

Дар асоси таҳлили масъалаи мазкур пешниҳод менамоем, ки тартиби амалкунандаи қоидаҳои мазкур мавриди бозбинӣ қарор дода шуда, чун пештара фаъолияти соҳибкории тибқи шаҳодатнома амалишаванда, дар як шакл сурат гирад. Тақсимоти чунин соҳибкорони инфиродӣ бо шартҳои махсус ва бо низоми махсус фаъолияткунанда мувофиқи талаби замони муосир набуда, барои маъмурикунонии андоз ва фаъолияти соҳибкорон

мушкилиҳои зиёдро эҷод менамояд.

Баъзан норасоиҳо дар масъалаи ҳисоби объекти андозбандишавандаи даромади соҳибкороне, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд, мавҷуд аст. Тибқи талаботи моддаи 376-и «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавриди аввал объекти андозбандии андози низоми содакардашуда "даромади умумӣ, аз ҷумла даромад аз таҳвили мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), инчунин даромадҳои дигари бадастомада буда, даромади умумӣ бо меъёри 6% андозбандӣ карда мешавад. Дар мавриди дуюм даромади умумии онҳо бо тарҳҳои пешбининамудаи бобҳои 28 ва 29 Кодекси андоз дониста мешавад"[78] ва меъёри андоз вобаста ба намуди фаъолият 13%- барои соҳаи истеҳсоли молҳо ва 18% - барои соҳаҳои дигар муқаррар карда шудааст.

Татбиқи қоидаҳои моддаҳои мазкури Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ақидаи мо душвор буда, он дар амал пурра татбиқи худро метавонад наёбад. Сабабҳои татбиқ наёфтани талаботи мазкури қонунгузориро мо дар он мебинем, ки на ҳамаи соҳибкорони инфиродӣ имконияти ба роҳ мондани муҳосиботро аз сабаби норасоиҳои мутахассисон ва хароҷот барои онҳоро доранд. Ташкили баҳисобгирии даромад ва хароҷоти чунин соҳибкорони инфиродӣ аз он ҷиҳат мушкил мегардад, ки давраи ҳисоботии андози содакардашуда ва андози даромади шахсони ҳуқуқӣ фарққунанда буда, ҳангоми баҳисобгирии хароҷоти истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва таъмири онҳо мушкилӣ эҷод мегардад.

Дар ҳамин замина, ба ақидаи муаллиф бояд объекти андоз ҳамчун даромади умумӣ боқӣ монда, меъёри андоз аз 6% ба 3% поин фароварда шавад ва назорати тарзи дуруст ба ҳисоб гирифтани даромадҳои чунин соҳибкорони инфиродӣ аз ҷониби мақомоти андоз пурзур карда шавад.

Итминони комил дорем, ки дар натиҷаи андешидани чунин чораҳои таъсирбахш теъдоди соҳибкорон зиёд гашта, аз ин ҳисоб даромади буҷети давлатӣ тақвият ёфта, ҷойҳои нав ба нави корӣ ташкил карда мешаванд.

Дар ин замина, андешаҳои болозикр моро водор месозад, ки нисбати

[78] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2021. Саҳ. 370-371.

такмилдиҳии низоми андозбандии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ чораҳои зарурӣ андешидан ба мақсад мувофиқ аст (расми 17.)




**Расми 17. Такмилдиҳии низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ**

**(таҳияи муаллифи диссертатсия).**

Инчунин, таҳлилҳои пешакӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар мурочиатҳои соҳибкорон ва мақомоти андоз дар самти андозбандӣ мушкилоти умумии гурӯҳҳои алоҳидаи соҳибкорон ва мушкилот оид ба андозҳои алоҳида дарҷ гардидаанд.

Бо назардошти кам шудани қобилияти харидорӣ дар бозори дохилӣ, вобаста ба кам шудани интиқоли маблағҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ва нисбатан баланд шудани нархҳои молҳои хориҷӣ вобаста ба тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ вазъи молиявии чунин соҳибкорони инфиродие, ки асосан дар соҳаи савдо фаъолият менамоянд, вазнин гардидааст ва чунин шахсон ниёз ба дастгирии давлатӣ доранд.

Вобаста ба ин барои таҳлил ва андешидани чораҳои заруриро дар ояндаи наздик пешниҳод менамоем:

- индексатсияи маблағи патент, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, дар ин давра боз дошта шавад;

- қарзҳои андозии чунин соҳибкорони инфиродӣ, қарзҳои беэътимод диниста шаванд;

- барои роҳ надодан дар фаъолияти пинҳонии соҳибкорони инфиродие, ки аз қайди давлатӣ нагузаштаанд, мақомоти андоз дар якҷоягӣ бо ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, ҳукуматҳои маҳаллӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Таъсироти бухрони иқтисодие, ки вобаста ба соҳибкорони дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда дарҷ шудааст, ба соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд низ расидааст, аммо чунин соҳибкорон

асосҳои қонунӣ доранд, ки ҳангоми кам шудани даромади эъломияшуда мувофиқан маблағи камтари андозро супоранд.

Ҳамзамон, барои омӯзиш ва андешидани чораҳои минбаъда барои дастгирии онҳо дар давраи бухронӣ чораҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- аз 1 млн сомонӣ то 3 миллион сомонӣ баланд бардоштани ҳадди ниҳоии даромади солона барои соҳибкории хурд;

- барои роҳ надодан ба фаъолияти пинҳонӣ ва нишон додани даромадҳои ҳақиқии онҳо, таъмини пешбурди муҳосибот тибқи тартиби муқаррарргардида ва истифодабарии мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ зарур аст, ки мақомоти андоз дар якҷоягӣ бо мақомоти молия, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ чораҳои заруриро андешанд.

Айни замон, теъдоди хоҷагиҳои деҳқоние, ки дар асоси шаҳодатнома бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд, дар қайди мақомоти андоз 123 376 ададро ташкил менамоянд. Ҳамзамон, аксарияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вобаста ба сабабҳои гуногун аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштаанд, дар чунин хоҷагиҳо фаъолият менамоянд.

Вобаста ба ин барои омӯзиши минбаъда ва андешидани чораҳои зарурии чунин гурӯҳ соҳибкорон дархости зерин пешниҳод карда мешавад:

- андози ягона аз Кодекси андоз хориҷ карда шуда, барои хоҷагиҳои деҳқоние, ки масоҳати нисбатан ками заминро истифода мебаранд (то 5 га заминҳои обӣ, то 10 га заминҳои лалмӣ ва то 50 га заминҳои дигар) пардохти андозҳо дар шакли патент (бе пешниҳод намудани эъломияҳои андозӣ) муқаррар карда шавад. Барои хоҷагиҳои деҳқоние, ки ҳудуди зиёдтари заминҳоро соҳибанд вобаста ба даромади умумӣ бо низоми содакардашудаи андозбандӣ ё низоми умумии андозбандӣ бо меъёрҳои нисбатан пасттар назар ба дигар соҳаҳо муқаррар карда шавад;

-соҳибкороне, ки дар соҳаи истеҳсолот фаъолият менамоянд бо андозаи камтар андозбандӣ карда шаванд;

- соҳибкорони навтаъсис бояд на камтар аз 2 сол аз андози даромад озод бошанд;

- соҳибкоре, ки ба ворид намудани молҳо аз хориҷа ба андозаи 1 млн. сомонӣ дар як сол машғул аст, бояд чун супорандаи андози низоми умумӣ гузаронида нашавад (ҳоло тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин соҳибкорон бояд ба низоми умумӣ гузаронида шуда, ба шахси воқеӣ табдил дода шаванд);

- ҳаҷми андози иҷтимоӣ бояд аз 1 фоизи даромади умумӣ аз соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд ба 0,5% кам карда шавад;

-масъалаи мукаммал намудани номгӯйи воридоти техникаи таъиноти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод мебошанд, мавриди омӯзиши иловагӣ қарор дода шавад.

Маълумоти таҳлилҳои пешакӣ ва пешниҳодот доир ба дигар намудҳои соҳибкории хурд:

- барои дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ нисбати чунин гурӯҳи соҳибкорон пешниҳод мешавад, ки татбиқи истифодабарии мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ суръат бахшида шавад;

- барои истеҳсолкунандагони либосҳои мактабӣ озодкунии муваққатӣ аз андози низоми содакардашуда ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, инчунин озодкунии воридоти фурнитура барои зарурияти онҳо аз пардохтҳои гумрукӣ мавриди омӯзиши иловагӣ қарор дода шавад;

- барои аз байн рафтани гуногунфаҳмӣ байни соҳибкорон ва мақомоти андоз дар масъалаи объекти андозбандишавандаи андози низоми содакардашуда мувофиқи мақсад мебошад, ки объект ва манбаи андозбандӣ бо андози низоми содакардашуда таҷдиди назар карда шавад.

Барои кам кардани хароҷоти соҳибкорони миёнаю калон вобаста ба таҳия ва пешниҳоди эъломияҳои андозӣ, инчунин пардохти андозҳо пешниҳод карда мешавад, ки:

- ҳама субъектҳои соҳибкории миёнаю калон пурра (ба истисноӣ андозсупорандагони бемасъулият) дар солҳои оянда ба тартиби ҳисоботдиҳии

андозии электронӣ гузаранд;

- имконияти пардохти маблағҳои андозӣ бо тартиби электронӣ дар солҳои наздиктарин ҷорӣ карда шуда, кам намудани тарофаҳои бонкӣ барои анҷом додани бонкдории электронӣ омӯхта шавад;

- дар солҳои оянда дар марказҳои ноҳияҳо ва шаҳрҳо терминалҳои хизматрасонии мақомоти андоз барои пешниҳоди эъломияҳои электронӣ ташкил карда шавад.

Вобаста ба тағйирёбии қурби асъори миллӣ ҳангоми андозбандии соҳибкорони миёнаю калон ба мушкилиҳои иловагӣ дучор мешаванд, ки қаблан то чунин андоза назаррас ба ҳисоб намерафтанд. Дар натиҷаи он сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ, ки асосан аз асъори хориҷӣ иборат мебошад, торафт паст рафта, андешидани тадбирҳои заруриро талаб менамояд.

Мушкилоти асосии дигари соҳибкорон вобаста ба маъмурикунонии андоз ин норасоии маълумоти нав оид ба тартиби андозбандӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми таҳияи Кодекси андози амалкунанда ташкилотҳои зиёд оид ба номутобиқатии муқаррароти он изҳор намуда буданд, аммо дар амал ба ҷои аниқ ва фаҳмо намудани муқаррароти андозӣ таклифҳо оид ба паст намудани меъёрҳои андоз ва додани имтиёзҳои иловагӣ ба Комиссия оид ба таҳияи Кодекси андоз ворид карда шуд.

Аз ин лиҳоз, зарурияти таҳия ва қабули шарҳу тавзеҳот (комментария) ба Кодекси андоз аз ҷониби коршиносони варзида бо дастгирии молиявии Шарикони Рушд ба миён омадааст.

Новобаста ба корҳои зиёди аз ҷониби Кумитаи андоз дар самти баланд бардоштани сатҳи дониши андозсупорандагон анҷомшаванда, ҳаҷми онҳо нокифоя аст ва корҳо оид ба фаҳмондадиҳӣ васеъ ва натиҷабахш карда шаванд.

Яке аз шаклҳои фаҳмондадиҳии минбаъда ин ба сомона ё телефони мобилии андозсупоранда дар шакли электронӣ ирсол намудани маълумотномаҳо, огоҳиномаҳо, мактубҳои дастурӣ, шаклҳои эъломияҳои нав ва дигар маълумоти андозӣ шуда метавонад.

Мувофиқи мақсад мебошад, ки масъалаҳои мазкур таҳти омӯзиши иловагӣ қарор дода шуда, дар ҳолати зарурӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйироти дахлдор ворид гарданд.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра рушд ёфта, муносибатҳои давлату соҳибкорон аз муносибати фаҳмондадиҳӣ ба муносибати ҳамкории якҷоя табдил дода шуда истодааст. Байни субъектҳои соҳибкорӣ ва мақомоти давлатӣ муносибатҳои бозорӣ ҷорӣ шуда истодаанд.

Аз ин лиҳоз, сиёсати андоз ва маъмурикунонии андоз бояд давра ба давра тағйир дода шуда, дар давраи муосир давлат бояд эҳтиёҷоти молиявии худро дар шакли ҷамъоварии андоз таъмин намуда, барои ҳал намудани самараноки мушкилоти соҳибкорон чораҳои зарурӣ андешад.

Вобаста ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор пешниҳодҳоро доир ба такмили Кодекси андоз пешниҳод менамоем:

1. Тақсимоти соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд ба намудҳои "шартҳои махсус" ва "низомҳои махсус" аз байн бурда шуда, онҳо ҳамчун соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд, агар гардишашон аз 500 ҳаз. сомонӣ зиёд шавад, ҳамчун соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд, муқаррар карда шавад.

2. Вобаста ба соҳибкорони хурд ва инфиродӣ;

а) Тибқи муқаррароти қисми 1-и моддаи 374 "Низоми содакардашудаи андозбандӣ нисбат ба субъектҳои соҳибкорие, ки даромади умумии онҳо дар давраи на зиёда аз дувоздаҳ моҳи пайдарпайи тақвимии гузашта аз 1 миллион сомонӣ зиёд намебошад, амалӣ мегардад"[79].

Ба андешаи мо, ҳадди ниҳоии ба миқдори 1 миллион муқарраркардашуда, ки ҳанӯз соли 2013 қабул карда шудааст, эҳтиёҷ ба тағйирот дорад. Дар байни 10 сол бо назардошти беқурбшавии пул ва боло рафтани сатҳи таваррум зарурати боло бурдани ҳадди мазкур ба 3 миллион сомонӣ фаро расидааст.

[79] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2021. Моддаи 374.

б) Дар моддаи 380 меъёри андози низоми содакардашуда ба андозаи 6% -и даромади умумӣ муқаррар карда шудааст, ки барои чунин андозсупорандагон вазнинӣ меорад. Барои то 3% паст намудани меъёри мазкурро мувофиқи мақсад мешуморем. Чунин хулосаи мо дар он асос меёбад, ки аз сабаби баланд будани меъёри андоз на ҳамаи соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳои хурде, ки тибқи низоми содакардашуда фаъолият менамоянд, ҳисоботи худро дуруст ба роҳ мемонанд (аз сабаби баланд будани меъёри андоз даромадҳои худро рӯйпӯш менамоянд).

Тибқи қисми 4-и моддаи 375-и Кодекси андоз, агар супорандагони андоз тибқи низоми содакардашуда баҳисобгирии муҳосибӣ –андозиро тибқи низоми умумӣ ба роҳ монад, он гоҳ бо меъёрҳои маъмулӣ андоз аз даромадро (андоз аз фоида) пардохт менамоянд, ки барои онҳо вазни андозӣ он қадар сахт таъсир наменамояд. Таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки микдори ками супорандагони андоз тибқи низоми содакардашуда даромаду хароҷоти худро тибқи низоми умумӣ ба роҳ монда метавонанд. Онҳо меъёри 6% аз даромади умумиро истифода бурда, аз сабаби баланд будани он даромадҳои худро пурра нишон намедиҳанд, ки барои буҷети давлат таъсири хуб надорад.

Ҳангоме ки меъёр то 3% паст карда шавад, ин метавонад бо он оварда расонад, ки андозсупорандагон даромадҳои худро рӯйпӯш нанамоянд ва даромади ҳақиқии худро нишон диҳанд, ки ба афзоиш ёфтани даромадҳои буҷет оварда мерасонад. Танҳо дар сурати паст кардани меъёри андоз тибқи низоми содакардашуда назорати андозиро метавон пурзӯр кард. Агар дар ҳолати меъёрҳои амалкунанда, назоратро пурзӯр намоем, он гоҳ соҳибкорон метавонанд фаъолияти худро қатъ намоянд.

3. Дар Кодекси андоз чунин меъёре, ки барои корхонаҳои навтаъсис имконияти дар муҳлатҳои муайян аз андозҳо озод бошанд, пешбинӣ нашудааст. (ба ғайр аз корхонаҳои навтаъсиси соҳаи истеҳсолӣ бо сармоягузории зиёда аз 200 ҳаз. долл. ИМА)

Аз ин рӯ, барои намояндагони соҳаҳои дигари иқтисоди миллӣ додани чунин имкониятро зарур мешуморем.

4. Меъёри андоз аз моликияти ҳамаи соҳаҳо (ба ғайр аз аҳолӣ) бояд ягона бошад. Тибқи «Кодекси андоз» меъёри андоз барои соҳаи савдо ва хизматрасонӣ нисбати дигар соҳаҳо баландтар аст.

Ҳамин пешниҳодҳоро барои даровардан ба «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун тағйироту иловаҳо қобили қабул мешуморем, то ки андозбандии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ боз ҳам сода карда шавад.

## 3.3. Рақамикунонии ҷараёни фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва роҳҳои такмили он

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ислоҳоти иқтисодӣ роҳандозӣ намуда, мамлакат роҳи пешравии хоҷагидориашро тибқи иқтисоди бозорӣ муайян намуд. Гузариш аз иқтисодиёти амалкунандаи нақшавӣ ба иқтисодиёти бозорӣ хело давраи тулониро дар бар гирифта, дар баъзе аз соҳаҳо то ҳол идома дорад.

Зимни вохӯрӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар рӯзи 10.05.2019 чунин изҳор намуданд; “Дар ин самт гузаштан ба стандарҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва автоматикунонии ҳисобот мисол шуда метавонад, ки дар ҷумҳурӣ ҳанӯз пурра ҷорӣ нагаштаанд. Инчунин, масъалаи рақамикунонии иқтисодиёт, ки дар меҳвари асосии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, дар баъзе аз соҳаҳо ҳанӯз ҳам суст ба роҳ монда шудааст”[80].

Паҳн гаштани технологияҳои рақамӣ самтҳои афзалиятноки рушди таърихӣ, ҷамъиятӣ ва иқтисодии мамлакатҳои зиёдро дар бар мегирад.

Рақамикунонии босурат қариб ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти инсониро дахл намуда, асосан соҳаҳои сиёсӣ, маданӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоиро фаро гирифтааст.

Иқтисод дар ҳар марҳилаи рушди иҷтимоию таърихӣ ба маънои аслӣ як навъ фазои рақамӣ маҳсуб шуда, нишондиҳандаҳои фоида, зарар, хароҷот,

[80] Вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар. Душанбе - 10.05.2019.

даромад,  меъёри андозҳо, манбаи андоз, сатҳи таваррум, буҷет, ММД ва ғайра ҳамчунин истилоҳоти иқтисодӣ бо рақамҳо ифода ёфтаанд.

Нишондиҳандаҳои рақамӣ аз маълумотҳои сатҳи микро ва макроиқтисодӣ иборат мебошанд. Чунин нишондиҳандаҳо барои коркард, тасдиқ намудан, минбаъда ба амал баровардани сиёсати иҷтимоию иқтисодии мамлакат заруранд.

Дар шароити муосир, иқтисоди  рақамӣ  пеш аз ҳама, ташаккули ҷомеаи инноватсионии иттилоотиро дар назар дорад ва ба ақидаи мо, чунин омилҳоро дар бар мегирад: ҷамъ овардани маълумот ба тариқи элетронӣ ва мубодилаи он, истифодаи асъорҳои нави рақамӣ, муносибатҳои виртуалии иқтисодӣ, кам кардани талабот ба инфрасохтори вазнини нақлиёт, кам кардани хароҷоти тиҷорат, аз байн рафтани бозорҳои анъанавӣ ва ғайра.




**Расми 18. Омилҳоие, ки ба рақамикунонии иқтисодиёт таъсир мерасонанд (таҳияи муаллиф).**

Иқтисоди рақамӣ бо ибораи одӣ чиро дар бар мегирад? Дар асл, ин системаи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангие мебошад, ки ба эҷод, тақсим, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва ҳисоббарорӣ ва мутаносибан маҳсулоти ба он алоқаманд асос ёфтааст. Ин раванд, пеш аз ҳама ба фаъолияти

ширкат, тарзи зиндагӣ, таҳсилот, шуғли одамон, механизми ҳамкории байни давлат ва шаҳрвандон, аз ҷумла хизматрасониҳои гуногун таъсир мерасонад.

Рақамикунонии иқтисодиёт торафт рушд ёфта, моделҳои принсипиалии нави соҳибкорӣ ва технологияҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷорӣ карда мешаванд (расми 18).

Имрӯз баъзе аз соҳибкорони инфиродӣ бо истифода аз технологияҳои электронӣ фурӯши мол, кор ва хизматрасониҳои худро ба роҳ монда, дар шабакаҳои интернетӣ сайтҳои махсуси худро мекушоянд. Инчунин, онҳо бисёре аз маҳсулоти молиявӣ аз қабили қарзҳо, сармоягузорӣ, пардохтҳо ва ғайраро тавассути Интернет ё алоқаи мобилӣ дастрас менамоянд.

Бо пардохти андоз, хизматрасонии манзилию коммуналӣ аз тариқи смартфон, дархости қарз бо пешниҳоди дархости онлайн дар вебсайти бонк ё харидани саҳмияҳо дар биржа дигар ҳеҷ касро ба ҳайрат намеорад. Дастрасӣ ба маълумот дар ҳама ҷо дар ҳама вақт имконпазир аст, шарти асосӣ мавҷудият ва фаъолнокии Интернет мебошад.

Ба андешаи мо, афзалиятҳои иқтисоди рақамӣ инҳо ба ҳисоб мераванд;

- иқтисоди рақамӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ бо роҳи осон ва фаврӣ иҷро намудани амалиётҳои гуногун, таъсири мусбат мерасонад;

- бисёре аз молҳо, хизматрасониҳо ё корҳоро ба воситаи Интернет пайдо карда, онлайн пардохт кардан имконпазир аст, ки ин вақтро сарфа мекунад;

- бо шарофати рушди технологияҳои электронӣ ва иттилоотӣ дастрас намудани ҳама гуна молу хизматрасонӣ, мустақиман аз дасти аввал бе ҷалби миёнаравҳо. Имрӯз қариб ҳама чизро метавон онлайн фармоиш дод;

- фурӯши мустақим афзун шуда, хароҷоти фурӯш, маркетинг, нақлиёт ва логистика кам мешавад;

- шаффофияти пешбурди тиҷорат. Аксарияти транзаксияҳо дар иқтисодиёти рақамӣ ба тариқи маҷозӣ анҷом дода мешаванд, маълумот дар бораи хариду фурӯш ба мақомоти андоз дастрас мешавад. Ин барои коҳиш додани ҳаҷми иқтисоди ғайрирасмӣ, мубориза бо фасод ва нақшаҳои қаллобӣ

мусоидат мекунад.

- баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ, васеъ намудани ҷуғрофияи пешбурди тиҷорат.

Ба ақидаи мо, иқтисоди рақамӣ аз норасоиҳо низ орӣ набуда, чунинанд;

- афзоиши сатҳи қаллобӣ - амнияти иттилоотӣ аз нигоҳи ҳифзи ҳуқуқӣ, ва техникӣ бояд таъмин карда шавад;

- афзоиши бекорӣ - дар шароити ба вуҷуд омадани касбу кори нав, баъзе аз ихтисосҳо куҳна шуда, аҳамияти худро гум карда истодаанд;

- тафовути технологӣ – воридшавии пурра ба иқтисодиёти рақамӣ дар сурати мавҷуд будани имконияти технологию интернетӣ имконпазир мегардад.

- нобаробарии рақамӣ - рақамисозии универсалӣ барои ҳама дастрас нест. Мисол, барои гирифтани баъзе аз хидматҳои давлатӣ, шахс бояд ба интернет дастрасӣ дошта бошад. Барои ин на ҳама имконият доранд, ки бевосита ба сатҳи некӯаҳволӣ таъсир мерасонад.

- вобастагии рақамӣ - вақте ки корбар дар интернет фаъолона муошират мекунад, вай камтар озод мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ як қатор ҳуҷҷатҳои расмӣ: стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатӣ қабул карда шудааст, ки дар байни онҳо метавон “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ шудааст, махсус қайд намуд.

Тибқи консепсияи мазкур “асоси ташаккули ҳукумати электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил шудан ба мақсадҳои зеринро ташкил медиҳад:

- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

- баланд бардоштани сатҳи сифат ва дастрас будани хизматҳои иҷтимоие, ки ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо расонида мешаванд;

- сода гардонидани қоидаҳо ва кам кардани муҳлатҳои расонидани хизматҳои иҷтимоӣ, инчунин кам кардани (коҳиш додани) хароҷоти маъмурӣ, ки ба расонидани ин хизматҳо вобастагӣ доранд;

- баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

- ташаккули системаи ягонаи табодули иттилоотӣ бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва пайвастшавии доимӣ ба система ва шабакаҳои маҳдуди баҳисобгирии алоқаи ҳамаи истифодабарандагон;

-ҳавасмандкунии иқтисодии истифода аз Интернет ва технологияҳои муосири технологӣ"[81].

Ҳамзамон дар консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори ҳукумати электронӣ чунин муайян карда шудааст.

"Инфрасохтори ҳукумати электронӣ системаҳои ба ҳам мувофиқи иттилоотӣ - технологӣ ва ба низом даровардани ҷараёнҳои маълумотро дар бар мегирад. Ҳамзамон инфрасохтори мазкур қоидаҳоеро ба худ ҳамроҳ менамояд, ки ҳамаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои давлатии ҷумҳурӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ, бахусус, дар ҳолатҳое, ки ин вазифаҳо аз ҷониби якчанд мақомот дар як вақт иҷро карда мешаванд, ҳамчун дастуруламал истифода менамоянд.

Қисматҳои асосии инфрасохтор аз инҳо иборатанд:

- архитектураи (сохтори) ягонаи давлатӣ;

- гардиши воситаҳои имзои электронӣ - рақамӣ;

- ҳуҷҷатгузории электронӣ;

- савдои электронӣ;

- системаи электронии пардохтҳо;

- смарт - кортҳои қабулкунандагони хизматҳо;

- смарт - кортҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

- алоқаи мобилӣ;

---

[81] Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643.

- системаи моҳворагӣ;

- ҳуҷҷатҳои интерактивӣ” [82].

Ба андешаи мо, тадбиқи консепсияи ҳукумати электронӣ то ба имрӯз пурра амалӣ нагаштааст. Мувофиқи он давраҳои тадбиқи пурраи консепсия се давраро дар бар гирифта, бояд то соли 2020 тадбиқ мегардиданд. Тибқи банди 9-и Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои татбиқи он чунин аст;

а) “Дар давраи аввал (солҳои 2012-2013) шабакаи ягонаи технологияҳои иттилоотӣ, ки 48 вазорат ва муассисаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муттаҳид намуда, қисмати калидии (асосии) ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ба кор андохта мешавад; дар чаҳорчӯбаи шабакаи мазкур феҳристи автоматикунонидашудаи хизматчиёни давлатӣ, ки маркази он дар  Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, рушд дода шуда, такмил карда мешавад.

Дар давраи дуюм (солҳои 2013-2015) - дар амал татбиқ намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз тариқи карорҳои технологии байниидоравӣ сурат мегирад.

Давраи сеюми (солҳои 2015-2020) рушди Ҳукумати электронӣ, автоматикунонии раванди пешниҳоди хизматҳои давлатиро ба аҳолӣ ва муассисаҳо, инчунин гирифтани хизматҳоро аз муассисаҳо барои ниёзмандиҳои (зарурияҳои) давлатӣ дар назар дорад”[83].

Ҳамин тариқ, тибқи консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми соҳаҳои иқтисодӣ бояд фаъолияти худро дар асоси истифодаи технологияи нави иттилоотӣ бо истифода аз шабакаи байналмилалии интернетӣ амалӣ намоянд. Масъалаи мазкур дар муносибатҳои андозбандии соҳибкорони инфиродӣ такмили худро талаб менамояд. Тибқи бандҳои 10 ва 11-и моддаи 2-и «Кодекси андози Ҷумҳурии

[82] Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643.
[83] Консепсияи ташаккули хукумати электронӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643.

Тоҷикистон» “андозсупорандаи электронӣ – андозсупорандае, ки бо мақомоти андоз дар шакли электронӣ дар асоси созишномаи бо онҳо басташуда оид ба истифода ва эътирофи имзои рақамӣ ҳангоми ҳуҷҷатҳои электронӣ тавассути ҳучраи шахсии андозсупоранда ҳамкорӣ менамояд”[84]. Дар ин самт то ба имрӯз аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ камфаъолӣ ба назар мерасад, ки он дар кам ба қайд гирифтани онҳо ҳамчун “андозсупорандагони электронӣ” зоҳир меёбад.

Моддаи 20-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки “Ҳучраи андозсупоранда” ном гирифтааст, масъалаҳои мубодилаи иттилоот байни мақомоти андоз ва андозсупоранда, ҳамгироии иттилоотии андоз аз тариқи имзои электронии рақамӣ, ҳуҷҷати электронӣ ва эъломияи электронии андоз оварда шудаанд, ки ин имкон медиҳад соҳибкори инфиродӣ ба монанди андозсупорандагони дигар ҳисоботи худро ба тариқи электронӣ супорида, муколамаи худро бо мақомоти андоз ба тариқи фосилавӣ ба анҷом расонад, ки ин ба шаффофияти муносибатҳо боис гашта, амалҳои номатлубро рафъ месозад.

Миқдори соҳибкорони инфиродие, ки бо мақомоти андоз дар шакли электронӣ оид ба истифода ва эътирофи имзои рақамӣ ҳангоми ҳуҷҷатҳои электронӣ тавассути ҳучраи шахсии андозсупоранда ҳамкорӣ менамоянд сол аз сол афзоиш доранд.

**Ҷадвали 3.3. Соҳибкорони инфиродие, ки бо мақомоти андоз дар шакли электронӣ тавассути ҳучраи шахсии андозсупоранда ҳамкорӣ менамоянд. (соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ба ғайр аз хоҷагиҳои деҳқонӣ)**

| Солҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори умумии соҳибкорони инфиродӣ | 33 572 | 34 604 | 37 246 | 36 663 | 35 749 |
| Соҳибкорони инфиродие, дар шакли электронӣ тавассути ҳучраи шахсии андозсупоранда фаъолият менамоянд. | 6760 | 14 478 | 16 862 | 19 876 | 22 889 |
| Соҳибкорони инфиродие, дар шакли электронӣ тавассути ҳучраи шахсии андозсупоранда фаъолият менамоянд. (бо % нисбати миқдори умумӣ) | 20,14 | 41,84 | 45,27 | 54,21 | 64,01 |

[84] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2021. Саҳ. 370-371.

Таҳияи муаллиф: Манбаъ дар асоси таҳлили фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз ҷадвали 3.3 чунин бармеояд, ки сол аз сол соҳибкорони инфиродие, дар шакли электронӣ тавассути ҳуҷраи шахсии андозсупоранда фаъолият менамоянд, афзоиш ёфта, дар соли 2022 он ба 64,01% баробар гашт, ки ҳамин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 20,14% баробар буда, суръати афзоиш дар 4 соли охир зиёда аз 3 маротибаро ташкил намуд.

Боиси зикр аст, ки масъалаи пешниҳоди ҳисоботи электронӣ аз ҷониби андозсупорандагон, бояд хубтар ба роҳ монда шуда, махсусан дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тақвияти худро талаб менамояд.

Мутобиқи банди 18-и моддаи 78-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон “баҳисобгирии шахсони воқеӣ дар мақомоти андоз дар давоми як рӯзи корӣ амалӣ карда мешавад”[85]. Ин ҷо бақайдгирии фосилавии электронӣ пешбинӣ нашудааст, ҳоло он ки дар аксари мамлакатҳои дунё чунин шакли бақайдгирӣ мавҷуд аст. Пешниҳод менамоем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ низоми бақайдгирии фосилавии электронии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.

Моддаи 80-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи системаи ҳамгироии андоз бахшида шудааст, ки дар он назорат ва мониторинги амалиётҳо байни андозсупоранда ва мақомоти давлатӣ, махфияти маълумотҳои дар системаи мазкур воридшаванда ва пешбурди ин система аз ҷониби мақоми ваколатдорӣ давлатӣ дар ҳамгирои бо портали интернетии “ҳукумати электронӣ” мутобиқи қонунгузории хизматрасониҳои давлатӣ ҷой дода шудаанд.

